**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ**

**«ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ БОХТАР БА НОМИ НОСИРИ ХУСРАВ»**

**ТДУ 331 : 314. 7 (34)**
**ТКБ 63. 3 (2 тоҷик)**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**САДБАРГИ ИСО**

# ТАҶРИБАИ ТАЪРИХИИ МУҲОҶИРКУНӢ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ НАВКОРАМ ДАР ВИЛОЯТИ КӮЛОБИ ҶШС ТОҶИКИСТОН (СОЛҲОИ 1924-1991)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик)**

Роҳбари илмӣ:
доктори илмҳои таърих, профессор
Алимов Давлаталӣ Халилович

**БОХТАР – 2025**

МУНДАРИҶА

Номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ........................................................3

**Муқаддима**...................................................................................................4

**БОБИ I. СИЁСАТИ МУҲОҶИРКУНӢ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ НАВ ДАР СОЛҲОИ 1924-1970**

1.1 Хусусияти муҳоҷиркунии дохилӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи мавзеъҳои вилояти Кӯлоб ........................................................................23

1.2 Нақши муҳоҷирон дар ташаккул ва рушди хоҷагиҳои нави кооперативӣ, колхозу совхозҳо ..............................................................................50

**БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ МУҲОҶИРКУНӢ ДАР ВИЛОЯТИ КӮЛОБ (с.1970-1985)**

2.1. Давраи нави муҳоҷирати дохилӣ ва хусусиятҳои ҷараёни он дар минтақа.......................................................................................................83

2.2. Саҳми муҳоҷирон дар азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобидаи минтақа.......................................................................................................96

**БОБИ III. АҲАМИЯТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ ДАР РУШДИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТ**

3.1. Тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар хоҷагиҳои муҳоҷирон .................................................................................................................115

3.2. Ҳаёти маданӣ-маишии муҳоҷирон дар хоҷагиҳои навбунёди минтақа .................................................................................................................129

**Хулоса**.......................................................................................................143

**Рӯйхати сарчашма ва адабиёт**...................................................................155

**Замимаҳо**...................................................................................................172

## Номгӯи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ

КМ – Кумитаи Марказӣ

КИМ – Комитети Иҷроияи Марказӣ

ШКХ – Шурои Комиссарони Халқӣ

КМ ҲК(б) Тоҷикистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Тоҷикистон

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

ҶХШБ – Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

ҶШФСР (РСФСР) – Ҷумҳурии Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

КМ ҲК (б)-и Ӯзбекистон – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии (болшевикони) Ӯзбекистон

КМ ВКП(б) (ҲКУ(б)) – Комитети Марказии Ҳизби Коммунистии Умумииттифоқӣ (болшевикон)

ҲКИШ (ҲКИШ) – Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шуравӣ

Ревком – Комитети инқилобӣ

ВЦСПС (МУШИК) – Маркази Умумиитифоқии Шурои Иттифоқҳои Касаба

СТО (ШММ) – Шурои меҳнат ва мудофиа (Совета Труда и обороны)

СКХ – Совети Комиссарони Халқ

## Муқаддима

**Муҳиммияти мавзуи тадқиқот.** Тоҷикистон кишварӣ кӯҳӣ ва аграрӣ буда, дар марҳилаҳои гуногуни таърих масъалаҳои азхудкунӣ ва истифодаи замин, муҳоҷирати кишоварзон аз як минтақа ба дигар минтақаи ҷумҳурӣ ҳамеша муҳиммияти хоси иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва ҳатто сиёсӣ низ дошт. Баробари барқарор гардидани Ҳокимияти Шуравӣ масъалаи аграрӣ дар ҳаёти иқтисодии Тоҷикистон ҷои асосиро ишғол намуд. Ислоҳоти Ҳокимияти Шуравӣ дар солҳои 20-30-юми асри XX дар дохили Тоҷикистон, аз он ҷумла дар минтақаи Кӯлоб ба раванди муҳоҷирати кишоварзӣ ва ташаккули хоҷагидории коллективӣ такони бахшид. Кооператсияи оммавӣ дар қишлоқ колхозҳоро ба шакли асосии ташкили истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ ва моликияти замин табдил дод.

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз оғози ташкили Ҳукумати Шуравӣ дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ба масоили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои дар масири рушду тараққӣ қарор додани ин минтақа Стратегия ва барномаҳои вижаро ба кор мегирифт, ки мо дар ҷараёни кори илмии хеш борҳо ба ин масоил рӯ оварда, барои тасбити андешаи хеш мисолҳои зиёдеро манзур хоҳем кард.

Дар сохтмонҳои ирригатсионӣ ва азхудкунии заминҳои нав аз ҳисоби даҳҳо ҳазор муҳоҷирон захираҳои бузурги меҳнатӣ зиёд карда шуданд. Ба ин муносибат тадқиқи таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), дар вазъияти ҷадиди кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол аз назари таърихнигории давлати соҳибистиқлол аҳаммияти илмӣ-таърихӣ дорад.

Чанд сол аст, ки донишмандони соҳаи таърих ба масоили дар боло зикршуда рӯ оварда дар масъалаи обёрии заминҳои боир ва муҳоҷиркунии аҳолии ба манотиқи гуногуни мамлакат фикрҳои ҷолибе баён доштаанд, аммо то ҳол таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои

навкорам дар дохили вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), аз ҷиҳати илмӣ махсус ва ҳаматарафа омӯхта нашудааст.

Аҳамияти илмӣ-таърихнигории таҷрибаи таърихии масъала боз ҷиҳати татбиқи стратегияи иқтисодии Тоҷикистони соҳибихтиёр дар замони муосир, барои заминҳои ҳосилхези вилояти Кӯлобро аз нав сохтан ва пурратар истифода бурдан, корҳои мелиоративиро дар асоси комёбиҳои илму техникаи ҳозира фаъолона пеш бурдан, зоҳир мегардад.

Муҳиммияти масъалаи таҳқиқшаванда инчунин дар он мушоҳида мегардад, ки ташаккули зироаткории обӣ аз ҳисоби муҳоҷирон дар давраи таҳқиқшаванда барои афзоиши тавоноии иқтисодии яке аз манотиқи мамлакат шароит муҳайё намуд. Бояд гуфт, ки бар асари он ки аҳолии мамлакат ба манотиқи ҳамвор муҳоҷир карда шуданд ва таҷрибаи кишоварзӣ надоштанд, ба кори кишоварзӣ пардохтанд.

Тавсеаи заминҳои кишоварзӣ ҳоизи аҳаммияти вижа буда ҳадафи аввалиндараҷаи он таъмини аҳолӣ ба озуқаворӣ буд, ки онро мо солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) бармало эҳсос кардем. Аҳолии ба водиҳо муҳоҷир карда шуда натанҳо худро аз ҳисоби заминҳои навкорам ба озуқаворӣ таъмин менамуданд, инчунин ҳангоми Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) қисмати бештари маҳсулоти истеҳсол кардашударо ба фонди фронт ирсол менамуданд.

Аз тарафи дигар аҳолии мамлакат бештар дар манотиқи кӯҳистон ба сар мебурданд ва дар он манотиқ замини корам хеле кам мавҷуд буд. Дар сурате, ки заминҳои хуби ҳосилхез, заминҳое, ки солҳои сол аз гардиши кишоварзӣ дур монда буданд, бекор хобида истифода намешуданд. Албатта, ин заминҳо ба туғайзорҳо табдил ёфта буданд, ки дар ҳалли ин масъалаҳо ягона сиёсати дуруст ин муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои наздикӯҳӣ ба водиҳо буд.

Муҳиммияти мавзуи рисола дар он муайян мегардад, ки:

**якум**, омӯзиши ин таҷриба, яъне муҳоҷиркунӣ ва бунёди иншоотҳои ирригатсионӣ, яъне обёрӣ ва пойгоҳҳои обкаш барои татбиқи ин таҷриба дар дигар манотиқи кишвар, ки аз сатҳи оби дарёҳо дар иртифои муносиб қарор

доранд муфид арзёбӣ мешавад;

- **<u>дуюм</u>**, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз мунҳал гардидани Иттиҳоди Шуравӣ ва мустақил гардидани мамлакат дигаргуниҳои куллӣ ва амиқ рух доданд, ки онҳо бархӯрд ва диди навро тақозо мекарданд ва яке аз масоил ин масъалаи обёрии заминҳо ва аз ин роҳ тавсеаи заминҳои кишоварзӣ маҳсуб меояд, дар кори мазкур ин масоил ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст;

- **<u>сеюм,</u>** ин мавзуъ боз ба хотири он муҳим аст, ки пас аз гузашти айём ва дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёт масоили шодобсозии заминҳои боир ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ҳанӯз ҳам мубрам боқӣ мемонад. Инчунин, муҳоҷират ба ноҳияҳои пахтакори соҳиби замини корамдошта, сохтмони ирригатсионӣ бо дастовардҳои пешрафти илму техника мусоидат мекунад, ки ба афзоиши минбаъдаи беҳбудии халқ дар мадди аввал меистад.

Пас агар аз ин зовия ба ин қазия назар андозем омилҳои зерин бояд ифода карда шаванд:

- **<u>аввалан</u>**, дар мамлакт аз манотиқи кӯҳистон ба ҳамвориҳо ва ба қавли маъруф водиҳо кӯчонидан ва муҳоҷир кардани аҳолӣ ҳадафи иқтисодӣ дошт ва ҳукумати вақт бо ин иқдоми хеш мехост тавлиди маводи кишоварзиро зиёд намояд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро ёдовар шудан ба маврид аст, ки вақте сокинони манотиқи кӯҳистон ба водиҳо муҳоҷир карда шуданд, ҳамзамон дар канори боло бурдани истеҳсолоти кишоварзӣ масоили дигаре низ аз қабили масоили иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва маърифатии он сокинон ҳаллу фасл карда мешуд, ки дар зер баррасӣ ва таҳқиқ хоҳанд шуд;

- **<u>дуюм,</u>** инчунин ин иқдом мунҷар ба он шуд, миқдори заминҳои ҳангуфте дар вилоят ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда, аз ин маҳал теъдоди хеле зиёди аҳолие, ки аз макони собиқи зисти хеш ба водиҳо кӯчонида шуданд, ба тамоми корҳои саҳроӣ ва дигар корҳо ҷалб карда шуда, дар ин маҳал истеҳсолоти кишоварзӣ баланд бардошта шуд;

**<u>- сеюм,</u>** инчунин аҳолие, ки аз манотиқи кӯҳистон дар вилояти Кӯлоб муҳоҷир карда шуда буданд, дар канори корҳои кишоварзӣ ба таҳсил ва

минбаъд фаъолиятҳои дигар низ аз қабили кор дар корхонаҳои саноатӣ ҷалб карда шуда ва аз ин маҳал обёрӣ намудани заминҳои боир мунҷар ба ташкили хоҷагиҳои калони кишоварзӣ ва ирригатсионӣ шуд.

Даврае, ки муаллиф ба риштаи таҳқиқ кашидааст, ин давраи муҳоҷират (солҳои 1924-1991), сокинони манотиқи кӯҳистон ба водиҳо ба хотири ҷалби бештари аҳолӣ ба корҳои кишоварзӣ ва дигар намуди фаъолият ва аз ин маҳал беҳтар кардани сатҳи зиндагии аҳолӣ буд. Муҳаққиқ зимни таҳқиқи мавзуи мазкур ба сарчашмаҳои гуногун аз он ҷумла бойгониҳои он давра рӯ овардааст, ки мо онро зимни иҷрои кор ва истиноди муаллиф ба он сарчашмаҳо бармало эҳсос мекунем.

Таҳқиқот нишон дод, ки таҷрибаи муҳоҷиркунии аҳолӣ дар собиқ вилояти Кӯлоб шомили мавориди гуногуни мусбӣ буда, таҷрибаи таърихии он метавонад дар мавриди ниёз мавриди истифода қарор гирад. Омӯхтани муҳоҷиркунии аҳолии собиқ вилояти Кӯлоб ва обёрӣ намудани заминҳои боир боиси аҳаммияти илмӣ ва назариявӣ-таҷрибавӣ мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Масъалаи таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991), гарчанде ки дар ин бора мақолаҳои алоҳида ва дар монографияҳо маводҳо низ оварда шудааст, аммо  ҳанӯз мавзуи тадқиқоти махсуси илмӣ нагардидааст.

Тамоми таълифот, маълумоти мавҷударо марбут ба омӯзиши таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) мавриди таҳқиқ шартан ба чор гурӯҳ тақсим намудан мумкин аст:

**Ба гурӯҳи аввал,** осори муҳаққиқон, брошураҳо, мақолаҳои илмӣ, ки дар равияи ҳизбӣ-таърихӣ навишта шудаанд, метавон дохил намуд [Ниг.:207;146;213;141;165;214;164;121;183;129;125;204;116;150,182;144;183;193;162;153; 103; 96].

Метавон гуфт, ки дар улуми таърихии қабл аз инқилоби болшавикӣ низ оид ба таърихи ирригатсия [Ниг.: 126; 139;103;106; 100 ] дар асарҳои Бартолд

В.В. ва якчанд асарҳои Абулҳаев Р.А. маводи таърихӣ оварда шудаанд. Оид ба муҳоҷирони Тоҷикистон [117], дар асарҳои Антоненко Б.А., Абулҳаев Р.А. ва дигарон таҳқиқотҳои илмӣ таълиф шудаанд. Ин асарҳо ҳомили мавод ва иттилооти хеле дархӯр буда, ба масъалаҳои мухталифи ин манотиқ равшанӣ меандозанд. Дар маҷмуъ, агар ба ин масъала амиқтар назар андозем, ин манотиқ ва бавежа вилояти Кӯлоб ба хотири обу ҳавои хуб ва гарму нарми хеш диққати уламо, донишмандон ва дигар ашхосро ба худ ҷалб кардааст. Барои мисол, маскани охирати хеш гузидани шаҳри Кӯлоб аз сӯйи яке орифони давр Мир Саийд Алии Ҳамадонӣ тасдиқи гуфтаҳои болост. Мо дар бораи дигар шахсиятҳои маъруф ва орифони давр медонем, ки ин минтақаро ба хотири макони зист ва маскани охирати хеш гузидаанд, ки инҳоро дар асарҳои Зеймал Т.И., Ғуломов Я.Ғ. мушоҳида кардан мумкин аст [Ниг.:138; 133].

**Ба гурӯҳи дуюм**, осори илмии олимони замони шуравӣ ва даврони истиқлолиятро метавон дохил намуд, ки аҳамияти таърихӣ, таърихнигорӣ ва иқтисодӣ доранд, ки ин дар асарҳои Саидмуродов Х.М., Набиева Р.А., Масов Р.М., Қосимов А., Ҳамроев М., Абулҳаев Р.А., Абдурашитов Ф.М. мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор гирифтаанд [Ниг.: 192; 193; 170; 162;177; 153;103; 168; 187; 205; 197; 122; 124; 165; 201; 106].

Масоили кӯчонидани аҳолӣ ба минтақаи вилояти Кӯлоб дар Иттиҳоди Шуравӣ ва Осиёи Миёна шомили масоили ҷо ба ҷо кардани аҳолӣ дар ин минтақа буда, дар пай ҳадафҳои мухталиф дошт.

Барои мисол солҳои 20 –уми қарни ХХ ҳадафи таъмини аҳолии манотиқи кӯҳистон бо замини обёришавандаи корам; солҳои чилуму панҷоҳум бошад, бартараф кардани камбизоатӣ дар байни кишоварзон ва аз байн бардоштани тафовути деҳот аз шаҳр ва аз ин маҳал боло бурдани сатҳи саводнокӣ ва маърифати кишоварзон; солҳои шастуму ҳафтодум бошад, баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ ва ба дастовардҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ бархӯрдор намудани аҳолӣ буд. Дар ин солҳо, яъне солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945) ва пас аз ҷанг, ки ба иқтисоди миллии мамлакат

хисороти ҳангуфте ворид намуда буд, дар канори истиқрору ободсозӣ масоили шиносоии мардум ва аҳолӣ бо дастовардҳои фарҳанг суруду мусиқӣ ва театру кино ба таври муназзаму мураттаб амалӣ карда мешуд. Яъне масоили рушду амалӣ ва обёрию муҳоҷиркунии аҳолии ин минтақа, минтақаи вилояти Кӯлоб аз мадди донишмандони соҳа дар канор набудааст.

**Ба гурӯҳи сеюм**, рисолаву таҳқиқотҳои олимони ватаниву хориҷиро, ки бевосита ба масъалаҳои муҳоҷират ва азхудкунии заминҳои навкорам таaллуқ доранд, ба монанди Антоненко Б.А., Ахмедов Р., Абулҳаев Р.А., Абдурашитов Ф.М., Қурбонова Ҳ.Ҷ., Бозоров Қ.Ҷ., Артиқов А.А. дохил мешаванд [Ниг.: 226;228; 224; 223;231; 229; 227]. Дар ин ҷо мо бояд ба осори доктори илми таърих Ф.М. Абдурашитов таваҷҷуҳ намоем, ки дар он муаллиф қайд намудааст, ки муҳоҷирати дохиливилоятӣ асосан дар вилояти Кӯлоб гузаронида шуда буд, ки дар вилоят қисми зиёде аҳолӣ дар кӯҳистон ва деҳаҳои наздикӯҳӣ зиндагӣ ба сар мебурд ва ниёзи муҳоҷират ба заминҳои водӣ дошт.

**Ба гурӯҳи чорум**, монографияҳои фундаменталӣ, таърихи минтақаҳои кишвар ва ҳизбу хоҷагии халқ дохил мешаванд [Ниг.: 149;151;132; 136; 179; 183; 143; 145; 144].

Ахбор ва иттилооти асосӣ роҷеъ ба таърихи ин масъала дар асарҳои калон аз қабили таърихи халқи тоҷик (сеҷилда – ҷилди 3 ва шашҷилда – ҷилдҳои 5 ва 6), таърихи вилоятҳои Хатлону Кӯлоб, таърихи ноҳияҳои вилояти Кӯлоб, таърихи хоҷагии халқ, таърихи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон, таърихи сохтмони колхозию совхозӣ, таърихи сохтмони маданӣ ва таърихи синфи коргари Тоҷикистон мунакис шудаанд.

Дар асарҳои зикршуда маълумот ва ахбори муфассал роҷеъ ба масоили мавриди таҳқиқ ба таври муфассал ва ҳамаҷониба дарҷ ёфтааст, ки дастандаркорон ва масъулин метавонанд аз он мавод ба таври фаровон истифода намуда, андешаҳои хешро дар ин робита дарҷ намоянд. Бояд зикр кард, ки маълумот ва ахбори пешниҳодшуда иттилооти муфассал ва дақиқро роҷеъ ба масоили мавриди таҳқиқ дар бар мегирад.

Ин мавзуъ масоили моро низ фаро гирифта барои ҷумҳурӣ махсус баррасӣ шудааст [Ниг.:248; 166; 119; 244]. Як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки дар ин нашриёҳо мавзуи вилояти Кӯлоб дар чаҳорчӯби масоили саросарии ҷумҳурӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст ва дар ҳар сурат масъалаҳои хубро дар бар мегирад, ки истифодаи онҳо аз манфиат холӣ нест ва дар маҷмуъ, ба суди кулли ин масъала ва мавзуи мо ҳал мешавад. Мо барои пайдо кардани маълумот ва ахбор роҷеъ ба мавзуи хеш ба сарчашмаҳо ва бойгониҳои зиёде рӯ оварда аз он ҷо маълумотҳои ҷолибе барои кор ва мавзуи хеш ба даст овардем. Ва он маълумот ва ахборро дар мавридҳои ба назари худамон лозим ва дархӯр мавриди истифода қарор додем. Факту далел ва арқоми зиёдеро, ки мо дар кори хеш истифода кардем, баёнгари гуфтаҳои он мебошад.

Дар ҳамин ҷо зикр кардан ба маврид аст, ки бо таваҷҷуҳ ба он ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ қарор дошт ва дар даврони шуравӣ тамоми масоил аз чаҳорчӯби идеологияи ҳизби коммунист, яъне ҳизби болшевикон мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода мешуд [Ниг.:165; 214; 129]. Ин ҷо зикри монографияи М. Ҳамроев бо номи ««Фаъолияти Ҳизби Коммунистӣ дар роҳи тараққӣ додани ирригатсияи Тоҷикистон (солҳои 1924-1938)» ҷолиб буда, ёдоварии он ба мавқеъ мебошад, ки дар ин рисолаи илмӣ масъалаҳои муҳоҷират, обёрии заминҳои навкорам ва сохтани иншоотҳои ирригатсионии Тоҷикистон дар солҳои 20-30-юми асри XX мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар он фаъолияти серсоҳаи ташкилотҳои ҳизбии ҷумҳурӣ умуман дар сохтмони хоҷагии об ва хоҷагии қишлоқ дар давраи муайян таҳқиқ карда шудааст» [213, С.330]. Вилояти Кӯлоб, дар асари М. Ҳамроев, дар шароити умумии ҷумҳурӣ ба назар гирифта шудааст. Хусусиятҳои минтақа аз рӯи масъалаҳо мавриди баррасӣ қарор дода намешаванд.

Чи тавре дар болотар зикр карда будем донишмандон ва муҳаққиқони гуногуни тоҷик дар солҳои мухталиф ва хусусан солҳои сиюми қарни пор аз қабили Т.М. Муҳамедов, С.З. Мирошниченко, А. Ахмедов, С.И. Ҷураев

[Ниг.:248;166;119;244] ва амсоли инҳо дар навишта ва мақолаҳои хеш масоили обёрӣ ва ирригатсияи манотиқи мухталифи кишварро ба риштаи баррасӣ ва таҳқиқ кашидаанд. Гуфтан ба маврид аст, ки ин навиштаҳо бештар хислати фаннӣ ва иқтисодӣ доранд. Чуноне ки муҳаққиқ Халиков И. қайд мекунад «ин корҳоро метавон ба таҳқиқотҳое, ки солҳои 1924 – 1960 дар заминаи кӯчондани аҳолӣ ва таъсиси иншоотҳои обёрӣ ва ё ирригатсионӣ дар аҳди Шуравӣ роҷеъ ба Осиёи Миёна анҷом дода шуда буданд, мутааллиқ донистан лозим аст» [209]. Бархе аз ин корҳо ба манотиқи мушаххасе бахшида шудаанд [Ниг.:166; 119]. Барои ин метавон монографияи Н.И. Миронов бо номи «Муборизаи Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон барои мелиоратсия ва механиконидани пахтакорӣ (солҳои 1946-1965)» - ро ҳамчун мисол овард. Дар ин асар номбурда масъалаи номбаршударо мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор дода, таҷрибаи воҳидҳои ҳизби коммунистро дар иртибот ба ин масъала шарҳу тавзеҳ додааст. Аммо дар ин кор масъалаи муҳоҷират, ирригатсия ва обёрии вилояти Кӯлоб дар солҳои 60-80 – уми қарни гузашта таҳқиқ нашудааст.

Донишманди тоҷик Раҳим Масов [162], ки худ зода ва парварди аҳди Шуравӣ мебошад, ба омӯзиш ва баррасии ин масоил, яъне масоили обёрӣ ва ирригатсия даст зада, ҳамзамон корҳои анҷомдодаи донишмандони тоҷикро дар ин масъала мутолиа ва арзёбӣ намуда, ба ин корҳо баҳои сазовор додааст.

Яке аз донишмандони тоҷик профессор Р.А. Абулҳаев дар китоби хеш, ки онро соли 1988 ба нашр расонидааст, масъалаи обёрии заминҳои боири мамлакат аз солҳои 1948 то солҳои 1980 – ро ба риштаи таҳқиқ кашида, дар ин бора факту далелҳои ҷолиб оварда, андешаҳои бикр баён намудааст. Ба андешаи ин донишманд муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои боир дар ин давра хеле хуб ва бо маҳорати баланди идорӣ анҷом дода шуда, рушди иқтисодии мамлакатро таъмин намудааст. Муаллиф вилояти Кӯлобро [103] борҳо зикр намуда, барои тартиб додани вазъияти сохтмони иншоотҳои ирригатсионӣ, муҳоҷираткунии аҳолии вилоят дар дохили минтақа, азхудкунии заминҳои боқимонда, коркарди заминҳои корам дар вилоят бисёр маводҳои хуб

медиҳад. Вай дар монографияи дигараш [105] низ ин масъаларо матраҳ намуда, масъалаи муҳоҷиркуниро дар мамлакат ва куллан дар саросари Шуравӣ ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Асари Ф.М. Абдурашитов [222] низ ба ин масъала бахшида шудааст. Дар он муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам, обёрии заминҳои бекорхобида махсусан нишон дода шудааст. Муаллиф сабабҳои онро не, балки факти муҳоҷиркуниро таҳлил кардааст.

Дар монографияаш Қурбонова Ш.В. [230], инчунин сиёсати муҳоҷиркунонии давлати Шуравӣ дар солҳои 20-30-юми садаи бистумро таҳлил менамояд. Муаллиф тавассути таҳлили маводҳои воқеии мавҷуда раванди муҳоҷираткуниро дар вилояти Кӯлоб дар давраи аз соли 1924 то соли 1941 тавсиф мекунад, ки ин вилоят яке аз минтақаҳои муҳими вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Вилояти Кӯлоб махсусан ба назар гирифта нашудааст.

Чи тавре аз адабиёти таърихӣ бармеояд, масъалаҳои бунёди колхозу совхозҳо, ташкилу роҳандозии хоҷагиҳои нави кишоварзӣ, обёрии заминҳои боир дар вилояти Кӯлоб аз сӯйи донишмандони соҳа омӯхта шуда дар ин робита андеша ва фикрҳои ҷолиб баён карда шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсияи мазкур дар доираи таҳқиқот ва тадбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-тадқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав «Омӯзиши масъалаҳои муҳими таърихи халқи тоҷик аз даврони қадим то замони муосир» барои солҳои 2021-2025 тасдиқ гардидааст (суратҷаласаи №1, аз 31.08.2021), ба амал бароварда шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот** мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додани омӯзиш ва баррасии таҷрибаи таърихӣ, муайян кардани ҷараёни муҳоҷират дар дохили вилоят ва обёрии заминҳои бекорхобида ва аз туғайзор тоза намудан ва ба заминҳои киштбоб табдил додани заминҳои собиқ вилояти

Кӯлоб дар байни солҳои 1924 ва 1991 қарни пор мебошад.

Аз ин рӯ, қарор аст, масоили зерин ҳаллу фасл карда хоҳанд шуд:

- омӯзиш ва баррасии масъалаҳо дар иртибот ба кӯчонидани аҳолӣ аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо дар дохили вилоят, инчунин шодобсозии заминҳои боир дар ин минтақа;

- мушаххас намудани иллату омилҳои муҳоҷират дар дохили вилоят, шодоб намудани заминҳои боир ва дар ин замина баррасии вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят дар байни солҳои 1924 ва 1991;

- таҳлил ва аниқ кардани аҳамияти муҳоҷирати дохиливилоятӣ ва умуман муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ дар вилояти Кӯлоб;

- нишон додани ҳаракати муҳоҷират дар дохили вилоят ва шодоб намудани заминҳои боир;

- таъсири ин равандҳо ба вазъияти иқтисодӣ ва иҷтимоии мамлакат;

- роҳандозии воҳидҳои нави кишоварзӣ дар минтақа ва ҷалби аҳолии муҳоҷиршуда ба корҳои кишоварзӣ дар воҳидҳо ва хоҷагиҳои навтаъсиси кишоварзӣ дар минтақа;

- дарҷу муанакиси раванди дигаргуниҳо дар вилоят ва фатҳи заминҳои нави боир;

- масъалаи такмили ихтисоси мутахассисоне, ки ба ин манотиқ барои кор оварда шуда буданд;

- баъд аз он ки тадқиқот ба поён расид, пешниҳод намудани як идда тавсияҳо барои дар оянда истифода намудани ин пешниҳодот ва роҳҳои татбиқи онҳо дар амал.

**Объекти таҳқиқотро** сиёсати давлати шуравӣ дар самти муҳоҷират, равандҳои азхудкунии заминҳо, заҳматҳои муҳоҷирон, натиҷаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ҳамзамон, таъсири ин равандҳо ба ҷомеаи маҳаллӣ ва дороиҳои табиӣ ва инсонӣ ва манбаҳои дигари таърихӣ дар минтақаи Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924-1991) ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқоти** рисолаи илмиро таҳқиқи ҳамаи паҳлӯҳои марбут ба муҳоҷират, азхудкунии заминҳо, таъсироти иҷтимоӣ ва

иқтисодӣ, ки аксароти ин равандҳо дар таърихи вилояти Кӯлоб (солҳои 1924-1991) ва ҷомеаи он доранд, ташкил медиҳад. Ин мавзуъ инчунин ба таърих ва сиёсати имрӯзаи Тоҷикистон таъсир мерасонад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро гардид.

***Марҳилаи якум*** – солҳои 2021-2022-ро дар бар гирифта, он ба ҳайси унвонҷӯ дохил шудан дар аспирантураи шуъбаи ғоибона аз рӯи ихтисоси 07. 00. 02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик), интихоби мавзуъ, роҳбари илмӣ, ҷамъоварӣ, омӯхтан, таҳлил ва ба низом даровардани маводи ҷамъшуда марбут ба мавзуи тадқиқот, таълифи муқаддима, боби аввали диссертатсия, интишори мақолаҳо оид ба мавзуи рисола, иштирок дар конференсияҳои илмии сатҳи гуногун иборат буд.

***Марҳилаи дуюм*** – солҳои 2022-2023-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила боби дуюми рисола ба анҷом расонида шуда, мақолаҳо оид ба мавзуи тадқиқот дар маҷмуаҳо ва маҷаллаҳои гуногун ба нашр расонида шуданд, минимуми номзадӣ аз фанҳои «Таърих ва фалсафаи илм», «Забони хориҷӣ» супорида шуд.

***Марҳилаи сеюм*** – солҳои 2023-2024-ро дар бар гирифта, дар ин давра боби сеюми диссертатсия ва хулосаи он таълиф, мақолаҳо оид ба мавзуи диссертатсия интишор шуда, марӯзаҳо дар конференсияҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналхалқӣ пешниҳод шуданд. Имтиҳони минимуми номзадӣ аз рӯйи ихтисос супорида шуда, диссертатсия ба ҳимояи расмӣ пешниҳод гардид.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**. Зимни навиштани рисола мо барои тақвият бахшидани назариёт ва андешаҳои худ аз китобу рисолаҳо ва усули тадқиқоти олимони варзидаи ватаниву хориҷӣ, мисли Бартолд В.В., Антоненко А., Масов Р.М., Абулҳаев Р.А., Абдурашитов Ф.М., Бозоров Қ.Ч., Қурбонова Ҳ.Ч., Алимов Д.Х., Наботов Ф.С. ва дигарон баҳрагирӣ кардем.

**Ҳудуди хронологии таҳқиқот** – омӯзиши таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 қарор дошт. Яъне соли 1924 бо барқароркунии Хокимияти Шуравӣ, таъсиси ҶМШС Тоҷикистон ва соли 1991 аз байн рафтани ИҶШС ва оғози истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок шудааст.

**Ҳудуди ҷуғрофии таҳқиқот** собиқ вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистонро дарбар мегирифт.

**Асоси методологии тадқиқот.** Муаллиф ҳангоми таълифи рисола бештар ба метод ва принсипҳои маъмултарини таҳқиқотҳо дар соҳаи илмҳои ҷомеашиносӣ – воқеият (объективизм) ва таърихият (историзм) такя намудааст. Илова бар он дар ҷараёни кор мо аз метод, роҳу василаҳое, ки хоси таҳқиқотҳои таърихӣ ва таърихнигорӣ мебошанд, аз ҷумла методҳои таърихӣ-хронологӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, таърихӣ-типологӣ, хронологӣ-мавзуӣ, системавӣ, таҳлилӣ, интиқодӣ, тафсирӣ, ретроспективӣ истифода намудем.

**Пояи сарчашмавии тадқиқот.** Заминаи сарчашмаи омӯзиши таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 – ро маҷмӯи сарчашмаҳо ва маводҳои таърихии ватанӣ ташкил дод, ки ба ин ё он дараҷа бо ин мавзуъ алоқамандонд.

**Ба гурӯҳи якуми** сарчашмаҳо ҳуҷҷатҳои расмии давлатию ҳукуматии давраи истиқлолият ва пеш аз ҳама суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дохил карда шудаанд [190], ки дар муайян намудани консепсияи илмию методии таҳқиқоти гузаронидашуда, инчунин дар ҷамъбасти кор ва тавсияҳои пешниҳодшуда нақши муҳим бозидаанд.

**Гурӯҳи дуюми** сарчашмаҳоро ҳуҷҷатҳои расмии барномавии давраи Шуравӣ, аз ҷумла маводҳои анҷуманҳои ҲКИШ ва ҲК Тоҷикистон ташкил доданд [Ниг.: 81; 84], ки дар асоси директиваҳои онҳо таърихи муҳоҷиркунӣ [80] ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар

солҳои 1924-1991 дар давраи таҳқиқотӣ амалӣ карда шуданд. Маводҳои омӯхтаи мо нишон медиҳанд, ки дар давраи омӯзишӣ ҳам роҳбарияти ҳизбии иттифоқӣ ва ҳам мақомоти ҷумҳуриявӣ ба муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон диққати зиёд доданд.

**Ба гурӯҳи сеюми** муҳимтарини манбаъҳо мо маводи бойгониро дохил кардем, ки асоси таҳқиқоти гузаронидашударо ташкил доданд ва инчунин ба мо кӯмак карданд, ки моҳияти масъалаҳои баррасишавандаро бо хулосаҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснок баён кунем. Ҳуҷҷатҳо ва маводҳои Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ - ЦГА РТ), Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ - ГАНИ РТ), Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар шаҳри Кӯлоб, Бойгонии ҷории Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии оби ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, бойгониҳои ҷории ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб [Ниг.: 48; 46; 45; 44; 43; 75] ва ғайра васеъ истифода шуданд.

**Гурӯҳи чоруми** манбаъҳо маҷмӯаҳои ҳуҷҷатҳо ва маводҳои оморӣ мебошанд [Ниг.:92;89;82;90;203;198;215;177;175;202], ки маълумоти норасоиро аз манбаъҳои бойгонӣ ба таври назаррас пурра карданд ва инчунин имкон доданд, ки ҷараён ва натиҷаҳои сохтмони хоҷагии об дар ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ дар солҳои 20-80-уми асри XX амиқтар омӯхта шаванд. Маълумоти рақамии овардашуда, таҳлил ва ҷамъбасти онҳо дар бораи миқёс ва хронологияи рушди системаи обёрӣ ва пахтакорӣ дар заминҳои навтаъсиси ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурӣ тасаввуроти мушаххас медиҳанд.

**Гурӯҳи панҷуми** манбаъҳои истифодакардаи мо маводи сершумори матбуоти даврӣ [Ниг.: 265; 256; 257; 258; 206; 270; 259; 260; 196; 199; 219; 251; 256; 155; 131; 127], давраи таҳқиқшаванда буданд, ки дар онҳо ҳуҷҷатҳои ҳизбӣ ва давлатӣ, маводи иттилоотӣ, посухҳои хонандагон ба масъалаҳои мубрами хоҷагии халқ, инчунин таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои шуравӣ нашр шуданд.

Дар кори диссертатсионӣ мақолаҳои баъзе маҷаллаҳо, ки хусусияти таҳлилӣ доранд, ба мо имкон доданд, ки ҷанбаҳои назариявии мушкилоти таҳқиқшавандаро амиқ омӯзем ва дар кор инъикос кунем ва нуқтаи назари гуногунро дар баъзе масъалаҳо муқоиса кунем.

Ҳамин тариқ, баррасии мухтасари сарчашмаҳои дар кори диссертатсионӣ истифодашуда итминон медиҳад, ки дар ин мавзуъ дар кишвар сарчашмаҳои арзишманд ҷамъ шудаанд, ки ба мо имкон доданд, ки ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотро ҳал кунем. Дар ин кор мо ба доираи васеъ ва гуногуни манбаъҳо такя мекардем, ки аз рӯйи аҳамият ба андозае таҳлил карда шуданд, баъзеи онҳо (асосан маводи бойгонӣ) бори аввал ба гардиши илмӣ ворид карда шуданд.

Илова бар ин, манбаъҳои дар асарҳои илмӣ истифодашуда таҳлили танқидӣ гузаронида шуданд, ки дар баъзе ҳолатҳо ба онҳо назари нав дода, ба онҳо баҳои объективӣ дод.

**Навгонии илмии таҳқиқот** иборат аз он аст, ки нахустин бор ва ба таври ҳамаҷониба таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон дар солҳои 1924-1991 анҷом дода шудааст.

Ҳамзамон ин аввалин иқдомест, ки мунҷар ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур мешавад:

- зимни ҳаллу фасли масъалаи мазкур аз манбаъҳои гуногун аз ҷумла маводи бойгониҳо, гузоришҳо ва шоҳидҳо барои баррасии ҳолатҳои хосе, ки муҳоҷират ва азхудкунии заминҳоро дар Кӯлоб ифода мекунанд мавриди истифода қарор дода шуд;

- инчунин марҳалаҳои гуногуни муҳоҷиркунӣ яъне давраҳои солҳои 1924-1950 ва солҳои 1960-1961 ба ҳамдигар муқоиса карда шуданд;

- омӯзишу баррасии ҷойгоҳи гурӯҳҳои иҷтимоӣ, ки дар ҷараёнҳои муҳоҷират ва рушду тараққии минтақавӣ нақши хеле муҳим бозидаанд ва дар омӯзишҳои қаблӣ ба ин мавзуъ диққат камтар дода шудааст;

- таҳлил кардани таъсироти муҳоҷират дар сохтори иҷтимоӣ, интихоби касбҳо, сохти хонаводагӣ ва фарҳангҳои маҳаллии вилояти Кӯлоб;

- истифодаи методологияи муосир, аз ҷумла таҳлилҳое, ки равандҳои муҳоҷират ва таъсироти онро муайян мекунанд.

Ба таври умум навгониҳои илмии таҳқиқот дар ин мавзуъ на танҳо нигоҳ ба ҳолатҳо ва равандҳои давраи гузаштаро доранд, балки барои фаҳмидани пешрафтҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии кунунии минтақаи Кӯлоб низ асоси илмиро фароҳам меоранд. Таҳқиқот метавонад барои таҳия ва такмили сиёсати муҳоҷират ва фарҳангии кунунӣ низ ҳаётан муҳим бошад.

Ин омӯзиш ва тадқиқот аввалин гомест дар масири омӯзиш ва таҳлили ҳаматарафаи ҷараёни муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Тоҷикистон, ба хотири муайян намудани дараҷаи омӯзиши он аз ҷиҳати таърихӣ, балки ба хотири таъйини аҳаммияти маводи таърихӣ дар инъикоси масъалаҳои давраи шуравии таърихи халқи тоҷик. Кори анҷомдодашуда барои омӯзиш масоили мушобеҳ дар дигар нукоти кишвари азизамон таваҷҷуҳи соҳибистиқлол кӯмак хоҳад кард ва ҳамчунин ба бисёре аз баҳсҳое, ки дар ин замин дар байни муаррихин ва донишмандони соҳа ҷой дошт нуқта хоҳад гузошт.

**Нуқтаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мегарданд:**

1. Муҳоҷиркунӣ аз ноҳияҳои кӯҳистони вилояти Кӯлоб ба водиҳои он бавежа ноҳияҳои Москва ва Фархор боиси он гашт, ки сатҳу сифати зиндагии аҳолии муҳоҷиркардашуда беҳтар гардида, ҳамзамон ин маконҳо ба маконҳои хурраму зебо табдил ёфтанд ва соҳаи кишоварзии вилоят бошад ба таври назаррас пеш рафт. Ин муҳоҷиркунӣ барои вилояти Кӯлоб аҳаммияти таърихӣ дошта, барои ин минтақа саҳифаи наверо ифтитоҳ намуд ва даштҳои Қизилсу ва Фархору Чӯбекро ба заминҳои хурраму шодоб табдил дод.
2. Интиқоли одамон аз манотиқи кӯҳистон ба водии Кӯлоб боиси пайдоиши синфи ҷадиди аҳолии донандаи кишоварзӣ ва иттилоотӣ фаннӣ гашта, дар ин минтақа аз усулҳои ҷадиди обёрӣ истифода мекарданд. Воҳидҳои кишоварзии тозатаъсис дар сафҳои худ тамоми аҳолии ба ин манотиқ

муҳоҷиршударо фаро гирифта барои боло бурдани сатҳи зиндагии онҳо мусоидат намуд. Дар кулл, иқдоме, ки сурат гирифта буд, барои ин минтақа ва аҳолии он бесобиқа буд ва воқеан ҳам дар як мақтаи кӯтоҳи замонӣ зиндагии аҳолии онро аз бун тағйир дода ин маконҳоро, ки тайи садсолаҳо бекорхобида буданд ва ҳосиле аз онҳо бардошта намешуд ба водиҳои сархез ва макони хубу роҳат барои зиндагогии аҳолӣ табдил дод.

3. Татбиқи сиёсати муҳоҷиркунӣ боиси он гашт, ки зиндагии аҳолии манотиқи кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ пас аз кӯч бастан ба водиҳо ба маротиб беҳтар шуда, инчунин, заминҳои зиёде, ки солҳои тӯлонӣ бекорхобида буданд ва ба туғайзор ва бешаю ботлоқ табдил ёфта буданд, ба заминҳои навкорами ҳосилхез табдил ёбанд. Ҳамчунин, дар канори меҳнати дастӣ дар ин заминҳои истифодаи меҳнати мошинӣ ва обёрии техникӣ ба таври васеъ ривоҷ пайдо кунад. Роҷеъ ба меҳнати мошинӣ гуфтан ҷоиз аст, ки барои ин манотиқ бесобиқа буда ва он тавонист ҳаёти аҳолӣ ва симои худи минтақаро дар фосилаи барои таърих хеле кӯтоҳ комилан тағйир бидиҳад. Ва дар байни аҳолии маҳаллӣ фарҳанги техникиро ҷойгузин намояд.
4. Пас аз муҳоҷир шудан ба заминҳои навкорами вилояти Кӯлоб сокинони манотиқи ноҳияҳои кӯҳсор аз сатҳи баланди иқтисодии зиндагӣ бархӯрдор гардида, онҳо фарогири тамоми намудҳои хизматрасониҳои моддию маишӣ гаштанд ва дар навбати хеш вилояти аз назари иқтисодӣ ба куллӣ тағйир ёфта ба нишондиҳандаҳои баланд дар тамоми арсаҳо ноил гашт.
5. Дар натиҷаи муҳоҷиркунонӣ ва обёрии заминҳои боир вилоят дар ҳамаи заминаҳо ба дастовардҳои амиқ ноил шуда, барои сокинони он шароитҳои хуби меҳнату истироҳат роҳандозӣ карда шуда, сохтмони биноҳои маданию равшаннамоӣ эҳдо гардида, сатҳи маърифатнокӣ ва сиёсию иҷтимоии аҳолӣ баланд бардошта шуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки дастовардҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳия ва такмили сиёсати муҳоҷират кӯмак расонанд. Таҳқиқот барои таҳкими иҷтимоӣ, барои рушди барномаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ барои муҳоҷирон имконият фароҳам меоварад. Барои

рафъи мушкилот ва эҳтиёҷоти муҳоҷирон кӯмак мерасонад. Таҳқиқот барои баланд бардоштани огоҳӣ дар бораи таҷрибаи таърихии минтақа кӯмак мекунад. Хулоса, тадқиқот дар мавзуи таърихи муҳоҷират ва азхудкунӣ дар вилояти Кӯлоб на танҳо маънои ҳаёти гузашта, балки барои рушди сиёсати иҷтимоӣ ва фарҳангии оянда низ аҳамияти калон дорад.

**Аҳаммияти назариявӣ таҳқиқот** бошад дар он аён мегардад, ки хулосаҳои илмӣ ва андешаҳои дар рисола дарҷгардида барои дуруст ва ҳаматарафа азхуд кардани таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ((то соли 1924 - ҶМШС), солҳои 1929-1991) мусоидат менамояд. Инчунин, аз лиҳози назариявӣ имконияти ошкор гардидани саҳифаҳои норавшан ва камтадқиқшудаи таърихи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорами водии Кӯлоб пайдо мешавад, ки ҳалли пурраи онҳо барои таърихи халқи тоҷик хеле муҳим аст. Аҳаммияти илмии рисола бо истифодаи манбаъҳои таърихӣ, асарҳои муаррихону ҷомеашиносон роҷеъ ба тарафҳои гуногуни масъала, ки дар раванди омӯзиш қарор доштанд, муайян мегардад. Моҳияти амалии тадқиқот, пеш аз ҳама, бо имкониятҳои истифодаи натиҷаҳои он дар ҳалли масъалаҳо ва вазифаҳои зарурӣ пайваст аст. Аз ин рӯ, онҳо метавонанд ба таври самаранок дар раванди таълим, омода намудани китобҳои дарсӣ, дастуру воситаҳои ёрирасони таълимӣ, курсҳои махсус истифода гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо (интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия)** – баёни мавод, шарҳу тавзеҳи он, навгонӣ, муқаррароти ба ҳимоя пешкашшуда, хулосаҳои илмӣ, нашри мақолаҳо ва ироаи маърӯзаҳои илмӣ аз рӯйи мавзуи таҳқиқот, тавсияҳои ҷанбаи амалидошта, мустақиман аз ҷониби муаллифи диссертатсия таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон (солҳои 1924-1991)», ки барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих, пешниҳод шудааст, ба талаботҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) ҷавобгӯ мебошад. Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 26 январи соли 2021, суратҷаласаи №6 тасдиқ шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи таърихи халқи тоҷик муҳокима шуда, ҳамчун таҳқиқоти илмии мантиқан баанҷомрасида ва ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбуда ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи №11 аз 24 июни соли 2024).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Омӯзиши мавзуи диссертатсионӣ, таҳлил ва баррасии маводҳо аз манбаъҳои хаттӣ, адабиёти илмӣ, нишон додани андешаҳои консептуалии муаррихон ва ховаршиносони маъруф, интишори мақолаҳо доир ба мавзуи диссертатсия дар нашрияҳо ва маҷаллаҳои гуногун маҳсули фаъолияти чандинсолаи муаллиф мебошад. Муаллиф дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо таҳлилу коркарди маводи мухталиф мақсад ва вазифаҳои гузошташударо иҷро намуда, дар навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва хулосаҳо саҳми худро гузоштааст. Ӯ бо такя ба маводи фаровони таърихӣ тавонистааст роҷеъ ба ин мавзуъ ва натиҷаҳои тадқиқоти хеш дар масъалаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои нав андешаҳои бикр баён намояд. Болотар аз ин, муаллиф ин иқдомро як иқдоми мусбат эътироф намуда, истифодаи онро дар шароити феълии кишвари азизамон, ки муҳоҷират ба худ як суръати ҳангуфте касб намудааст, қобили истифода ва муҷоз меҳисобад, албатта дар чаҳорчӯби барномаҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ ва дастгирии кулли ҷомеаи шаҳрвандӣ.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия ва интишорот аз рӯи мавзуъ.** Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих ва ҳуқуқи МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» муҳокима ва ба ҳимояи расмӣ тавсия шудааст (суратҷаласаи № 11 аз 24 июни соли 2024).

Муҳтавои асосӣ ва баъзе натиҷаҳои таҳқиқот дар мақолаҳои нашркардаи муаллиф инъикос ёфтаанд. Аз рӯи мавзуи диссертатсия умуман 20 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақола дар маҷаллаҳои дар феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия сабти ном ва нашр шудаанд. Илова бар он, диссертант дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва илмӣ-назариявии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ бо гузориш ва маърӯзаҳои илмӣ суханронӣ ва маърӯзаҳо намудааст.

**Сохтори рисола.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, феҳристи сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (274) иборат аст. Рисолаи диссертатсионӣ дар ҳаҷми 178 саҳифаи чопи компютерӣ таҳия ва пешниҳод шуда, мундариҷа ва сохтори он ба мақсад ва вазифаҳои муайяншуда мутобиқат менамояд.

# БОБИ I. СИЁСАТИ МУҲОҶИРКУНӢ ВА АЗХУДКУНИИ ЗАМИНҲОИ НАВ ДАР СОЛҲОИ 1924-1970

## 1.1. Хусусияти муҳоҷиркунии дохилӣ аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи мавзеъҳои вилояти Кӯлоб

Кӯчонидани мардум аз як минтақа ба минтақаи дигар ва ё ҳиҷрати онҳо ба таври ихтиёрӣ аз як макон ба макони дигар шомили нақши муҳим буда, ҷараёнҳои мустақаршавӣ, ба истифода гирифтани заминҳои кишоварзӣ, рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ташаккул ва омӯзиши забон ва халқҳо ба он иртибот доранд.

Вақте мо дар бораи муҳоҷират суҳбат мекунем, ин маънои онро дорад, ки мардум ва ё сокинони ин ё он маҳал ва минтақа ба маҳалли дигар кӯч бастаанд. Ҷараёни муҳоҷират ҷараёни хеле печида ва мураккаб буда, шомили мавридҳои гуногун дар зиндагии одамон мебошад, ки дар ҷараёни он сурат мегирад ва ҳамеша ҳам ҳамин тавр будааст, ки муҳоҷират ба хотири беҳбуд бахшидан ба ҳаёту зиндагии аҳолӣ сурат мегирад.

Оқибатҳои муҳоҷират дорои хусусиятҳои мусбӣ ва манфӣ мебошанд. Бояд таъкид намуд, ки мо ба муҳоҷират танҳо аз назари дигаргунӣ нанигарем ва бештар ба паҳлӯҳои мусбии он такя кунем, зеро чунин нигоҳ аксариятро аз мубориза барои пайдо намудани мавқеи худ дар зиндагӣ боз медорад.

Дар бораи он ки аз минтақаҳои кӯҳистони тоҷик ба водиҳои он ва бавежа водии Кӯлоб муҳоҷиркунии аҳолӣ чи гуна сурат гирифтааст маводи зиёда мавҷуд аст, аммо онҳо дар шакли паҳну парешон вуҷуд дошта, онҳоро зери як чатр оварда ва хулосаи даркорӣ баровардан яке аз аҳдофи асли ин рисола ба ҳисоб меравад.

Масалан, муҳаққиқ Ғоибов Ғ. перомуни вилояти Кӯлоб чунин менигорад: «Вилояти Кӯлоби Тоҷикистон 9% - и ҳудудии ҷумҳуриро ишғол мекунад. Вазни таносуби теъдоди аҳолии ҷумҳурӣ 12,7% - ро ташкил медиҳад. Минтақа 8,2% маҷмуи маҳсулоти саноат ва кишоварзии ҷумҳуриро истеҳсол мекунад ва дар маҷмӯи хоҷагии халқи вилоят истеҳсоли кишоварзӣ

нақши пешрафтаро мебозад. Вилоят 5,5% маҳсулоти умумии саноатӣ ва 16,5% маҳсулоти умумии кишоварзиро истеҳсол мекунад» [186].

Дар замони тоинқилобӣ ин минтақа, яъне вилояти Кӯлоб ба бекигарии Кӯлоб ва бекигарии Балҷувони Аморати Бухоро дохил мешуд. Агар ба таърихи минтақа назар андозем, мебинем, ки дар гузаштаи дури қабл аз инқилоби Октябри болшевикон дар масъалаи обёрӣ ва корҳои ирригатсионӣ корҳои назаррасе анҷом дода нашуда буд.

Ҳанӯз дар асрҳои миёна заминсозии минтақа ба сиёсат табдил ёфта буд. Аммо дар бораи мавҷудияти шабакаи ибтидоии обёрӣ маълумотҳо буданд. Шабакаҳои обии мавҷуда танҳо арзишҳои маҳаллии деҳотӣ ва дар беҳтарин ҳолатҳо ноҳиявӣ доштанд. Перомуни  мавҷуд будани каналҳо дар Хуттали бостонӣ ва қуруни вусто (Хатлон) манбаъҳои арабӣ, форсӣ, чинӣ, муғулӣ зикр мекунанд [132]. Мутобиқ ба сарчашмаҳои таърихӣ хуталлиён ҳанӯз дар қарнҳои  VIII –IX ба обёрии ин мавзеъҳо оғоз карда буданд.

Тавре аз таърихи халқи тоҷик маълум аст масъалаи обёрӣ ва шодоб сохтани минтақа ва заминҳои ташналаби ҳудуди кунунии Тоҷикистон аз мадди назари давлатмардон ва донишмандони миллат дур намонда будааст ва дар асрҳои пор низ мардум ба ин корҳо даст зада ва дар кору пайкори хеш муваффақ низ буданд. Чунин иншоотҳо аз ҷониби бостоншиносон дар тамоми қаламрави Тоҷикистони таърихӣ ошкор карда шудаанд. Дар қаламрави Тоҷикистон, аз ҷумла дар вилояти Кӯлоб, аз қадим шабакаҳои обёрии васеи шохадор амал мекарданд.

Муаррихон вақте собиқ вилояти Кӯлобро дар масъалаи муҳоҷират ва кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо ба риштаи таҳқиқ мекашанд ва ба маъхазҳо рӯ меоранд, он аснод ба ин чизҳо низ далолат мекунад.

Пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ ба масъалаи обёрӣ ва муҳоҷират аҳолӣ ба минтақаҳои хуби зист аз кӯҳистон таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд. Маълум аст, ки  дар замонҳои қабл аз инқилоб тарзи зиндагии мардум  ва хоҷагидории онҳо хеле сода ва ғайримуфид буда, натиҷаҳои кишоварзӣ низ хеле самаранок набуданд.

Сарфи назар аз он ки донишмандони маъруфи таърихшинос перомуни масъалаи мазкур андешаҳои ҷолибе баён доштаанд, аммо масъалаҳои мухталифи норавшан перомуни ин масъала боқӣ мондаанд, ки муҳаққиқ ва таҳқиқгари худро интизор мебошанд. Дар замонҳои пор низ мардум масъалаи обёриро хуб дарк мекарданд ва бо таваҷҷуҳ ба қудрат ва тавоноии хеш ин масъалаи ирригатсия ва обёриро тавассути маконоти маҳаллӣ сохтани лулаҳои гилӣ ва новаҳои чӯбӣ ва амсоли ин ҳаллу фасл мекарданд. Аммо ба иллати сода будани имконот, васила ва воситаи кишоварзӣ натиҷаҳои хоҷагиҳо хеле каммаҳсул ва камсар буданд.

Як нуктаи дигар ин буд, ки он корҳое, ки деҳқонон дар масири обёрии заминҳои боир анҷом медоданд, ба иллати сода будани васоил ва бе бунёду заиф будани онҳо ин василаҳо бар асари боду борон ва селобаҳо харобу валангор мешуданд ва одамон маҷбур мешуданд, ки дубора ба сохтани иншоотҳои обёрии хеш даст бизананд. Ин амалҳо боиси он мешуд, ки аксаран каналҳои кофтаи одамон бе об монда ҳосили ба араҳи ҷабин рӯёндаи деҳқонон талаф мешуд.

Ҳамон тавре дар болотари кори хеш зикр карда будем, дар собиқ вилояти Кӯлоб аз замонҳои бостон ба обёрии заминҳои боир ва корам шуғл меварзидаанд. Бозёфтҳои археологӣ ва дигар санаду ҳуҷҷатҳои таърихӣ ин андешаҳоро собит мекунанд.

Дарёҳои шӯхи кӯҳӣ аз кӯҳҳои баланд бо суръат ҷорӣ шуда, ба ҳамвориҳо сарозер мешуданд. Шахсони эҷодкор бо сохтани ҳар гуна новдонҳо аз гил ва дигар лавозими чӯбӣ аз он обҳо истифода намуда ва ба қадри ҳол маҷрои обро бо кандани ҷӯ тағйир дода, осиёбҳои обӣ месохтанд ва дар он осиёбҳо гандум орд мекарданд. Акнун мебинем, ки ин корҳои анҷомшуда басанда ва кофӣ набуданд ва онҳо барои обёрии комили манотиқ ва хосатан ин минтақа басанда набуданд.

Албатта, дар он давраҳо ба иллати сода ва одӣ будани зиндагӣ сохтмонҳои ирригатсионӣ низ сода ва одӣ буданд ва ба обёрии комил ва

пурраи минтақа мусоидат намекарданд, инчунин обёрӣ боиси шуршавии заминҳо низ мешуданд.

Агар ба таърихи вилояти Кӯлоб дар ин давраҳо нигоҳ кунем, бармало мебинем, ки дар авохири қарни XIX ва авоили қарни XX ҳам таърихнигорони маҳаллӣ [169] ва ҳам таърихнигорони рус [156], роҷеъ ба обу обёрӣ дар ин минтақа асарҳо навиштаанд.

Дар ин робита каналҳои маъруфи ин минтақа аз қабили Пушён, Кафтархона, Арал, Пайтук, Сияҳов, Зиракӣ, Танобчӣ, Ҷайралӣ, Кадучӣ, Шоббика, Лағмон, Хонобод, Бешқатаған ва амсоли инҳо ба ёдгор мондаанд. Миробҳоро мо аз таърих хуб медонем, ки вазифаи онҳо тақсимбандии об буд, то ҳаққи авомуннос дар фасли обёрии заминҳо иҳҷоф нашавад. «Аммо ахбори дигарро низ мо хуб медонем, ки замони истиқрори Ҳукумати Шуравӣ дар Тоҷикистон ва ҷангҳои шадид дар вилояти Кӯлоб барои истиқрор ва таҳкими Ҳукумати ҷадид бо боқимондаҳои Ҳукумати феодалӣ ва навкарони онҳо дастаҳои босмачиён тамоми корҳое, ки дар заминаи обёрии ин минтақа анҷом дода шуда буданд, харобу валангор намуда буданд, фақат вайронаҳое боқӣ монданду халос» [185].

Пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ дар вилояти Кӯлоб корҳои ободонии минтақа оғоз ёфт.

Дар асоси декретҳо роҷеъ ба замин аз санаҳои 5 октябри соли 1920 ва 2 феврали соли 1921 замин ва об, дар баробари дигар сарватҳои табиат, бо шароити истифодаи оқилонаи онҳо моликияти умумихалқӣ эълон карда шуданд.

Чун замин ва об ба соҳибони аслии хеш вогузор гардид, аз ин рӯ, ташкилотҳое таъсис дода шуд, ки онҳо масоили кишоварзиро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд. Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) дар Бухорои Шарқӣ хоҷагии обро бо ноҳияҳои обии он ташкил кард, ки яке аз онҳо ноҳияи обии Кӯлоб буд.

Дар солҳои 20-уми қарни XX ҳукумати ҷумҳурӣ бо теъдоди андаки кадрҳои соҳибихтисос ва дастгирии мардум шабакаи обёрии харобшуда ва партофташударо тармим ва роҳандозӣ намуд.

Давраи аввали муҳоҷир кардани аҳолӣ ва обёрии заминҳо дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ба нимаи дуюми асри XX рост меояд, ки ин солҳо солҳои барои ҷумҳурӣ хеле сахт буданд. Ин давраи аввали ташкилшавии ҳокимияти Шуравӣ буд ва масъулон ва ҳокимони вақт ба душманони зиддиинқилобӣ ва зидди сохти нав меҷангиданд ва фурсатҳои хеле каме барои обод кардану сохтан барои онҳо боқӣ мемонд. Тамоми корҳо ба сахтӣ анҷом дода мешуд, чунки имконот ва зарфиятҳо хеле кам буд.

Унсурҳои аксулинқилобӣ тамоми чораҳоро меандешиданд, ки ба ҳокимияти нав зарар бирасонанд, дили мардумро бо ҳар гуна овозаю буҳтонҳо ба ҳокимияти Шуравӣ сард мекарданд. Ин аъмоли неруҳои аксулинқилобӣ боиси он шуда буд, ки теъдоди муайяни хонаводаҳои тоҷик ҷилои Ватан кунанд, яъне макони зисти доимии хешро тарк карда, ба Афғонистон паноҳанда шаванд. Агар ба рақамҳо нигоҳ кунем, мебинем, ки дар байни солҳои 1921-1923 теъдоди 44 ҳазор оила макони зисти хешро тарк гуфта ба Афғонистон фирор карданд. Ҳамеша ҳам ҳамин тавр будааст, ки тарки ҷою макон кардани сокинон барои худи аҳолӣ ва соҳаи хоҷагии маҳал зиёнҳои ҳангуфте ворид мекунад. Ин амалҳо ба хоҷагии халқи ҷумҳурӣ, бахусус соҳаи кишоварзӣ зиёни сахт мерасонд.

Вилояти Кӯлоб ҳамчун воҳиди маъмурӣ ба ҳайати Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро (ҶХШБ) дохил мешуд. 3 апрели соли 1921 бо фармони Шурои Вакилони Халқи ҶХШБ «Низомнома дар бораи истифодаи об дар ҶХШ Бухоро» ба тасвиб расид. Дар асоси ин декрет, ҳамаи обҳо дар доираи ҶХШ Бухоро моликияти мардум эълон карда шуданд. «Аввалин корҳои мелиоративӣ дар ҶХШ Бухоро аз 17 августи соли 1922 оғоз ёфт. Корҳои обёрӣ асосан бо маблағҳои халқӣ, ки дар шакли андоз аз танобона ҷамъоварӣ карда мешуданд, гузаронида мешуданд» [216, с.329]. «Маблағҳо низ аз тарафи Ҳукумати вақт барои кандан ва роҳандозии каналҳо ҷудо карда

мешуданд, ба монанди соли 1922 33 ҳазор рубл ва барои тамизкории 2,8 ҳазор рублро ташкил дод, яъне ҳиссаи давлат 1,1 фоизи маблағи сарфшударо ташкил дод» [152, с.328-329]. Ин маблағҳо дар ҳоли афзоиш буда ва соли 1924 онҳо аллакай 365 ҳазор рублро ташкил медоданд.

«Мутобиқ ба ахбори асноду мадорики ҳизбию давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо дар остонаи ташкилёбии Тоҷикистон дар соли 1924 ба унвони ҷумҳурии худмухтор дар ҳайати Ҷумҳурии Ўзбекистон ташкил шуда буд, дар ҳудуди ҷумҳурӣ 113, 4 ҳазор гектар замини обёрӣ мавҷуд буд. Аз ин теъдод 13,8 ҳазор гектар ба вилояти Қўрғонтеппа ва 5,8 ҳазор гектар ба вилояти Кўлоб ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ рост меомад» [14].

Сиёсати муҳоҷиркунонӣ дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама дар водии Вахш нигаронида шуда буд. Ба ҳамин тариқ, аввалин ҷараён аз муҳоҷирони Ғарм - солҳои 1925-1926 иборат аз 566 хоҷагии оилавӣ ба водии Вахш кўчонда шуд буд.

Бо саъю кўшиши посёлкаҳои пешқадам дар ҷумҳурӣ як қатор ноҳияҳои обёришаванда: «Арал, Хоҷақалъа, Куктош, Фархор, Чўбек ва ғайра азхуд карда шуданд» [182;36].

Дар аввали ташкилшавии Ҳукумати Шуравӣ имконот ва зарфияти ҳукуматдорон хеле заиф буд ва тавони роҳсозию каналсозӣ ва обёрии заминҳоро надошт ва ҳамзамон бо неруҳои зиддиҳукуматӣ, бо ном босмачиҳо меҷангиданд. Аммо масъулин ва дастандаркорон хуб дарк мекарданд, бидуни ҳаллу фасли масъалаи замин ва об дар ин ҷода муваффақ нахоҳанд шуд. Яъне масъалаи кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ аз имкон берун аст. Нахустин гомҳои ҳукуматдорони вақт дар масири обёрӣ ва кооператсияи мелиоративӣ ба соли 1926 рост меояд.˙ Аммо дар асноду мадорики он замон чунин омадааст (соли 1925 дар моҳи август): «Дар айни замон дар ноҳияҳои Тоҷикистон 39 ширкат ташкил ва фаъолият дорад, ки аз онҳо 4 ширкати мелиоративӣ мебошанд» [158, с.133].

Муҳоҷирати накшавӣ баъди гирифтани мақоми мухторияти Тоҷикистон, яъне баъд аз Анҷумани якуми муассисони Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон дар соли 1926 оғоз шуд.

«Яке аз вазифаҳои душвортарини Тоҷикистон дар солҳои 20-уми асри XX барқарор намудани хоҷагии халқ буд. Ин амр маблағҳои хеле калонеро талаб мекард, ки ҷумҳурӣ чунин маблағҳоро надошт, аммо амалӣ намудани ин корҳо ба мамлакат кӯмакҳои марказ ворид гашт ва дар соли 1926 онҳо 84,0 % хароҷоти умумӣ, соли 1927 - 92,2 %, соли 1928 - 79,7 % ва дар соли 1928 - 72,6% ташкил медоданд» [148, с.44; 96, с.142]. «Ғайр аз ин, солҳои 1926 - 1927 маблағгузории давлатӣ ба хоҷагии қишлоқи Тоҷикистон аз буҷет ва қарз 4,2 миллион сӯмро ташкил дод, ки солҳои баъдина он ба таври муназам афзоиш меёфт, масалан дар солҳои минбаъда онҳо пай дар пай зиёд шуда, дар солҳои 1929-1930 9,5 миллион сӯмро ташкил дод» [96, с.142]. Муҳоҷирони кишоварз тухмӣ, техникаи кишоварзӣ ва аз давлат бо шартҳои имтиёзнок барои хариди чорво қарз гирифтанд. Гуфтан ҷоиз аст, ки онҳое, ки соҳиби замин шуданд аз имтиёзҳои вижа бархӯрдор буданд. «Ашхоси камбизоат аз супоридани андоз ба таври пурра ва онҳое, ки ба ин минтақа муҳоҷир карда шуда буданд ба муддати то панҷ сол аз пардохти андоз озод карда шуданд. Ба ҳамин минвол хонаводаҳои сарбозони сурх ва воҳидҳои хурди кишоварзӣ аз пардохти андози кишоварзӣ озод карда шуда буданд, ки ин солҳои 1927 – 1928-ро бо теъдоди 35 дарсад ташкил медод. Ба сокинон ёрии бепули агротехникӣ расонда, ҳаққи ба иҷора додани замини давлатӣ кам карда шуд» [149, с.420].

Дар ин давра дигаргуниҳои азиме, ки дар ҳамаи шууни зиндагӣ ба амал омада буданд, неруи кории зиёдеро тақозо мекард. Ба иллати норасоии васоили техникӣ бисёри корҳо ба таври дастӣ анҷом дода мешуданд. Аз ин рӯ, барои сари вақт анҷом додани корҳо қувваи зиёди корӣ ҷалб карда шуда буд. Боз як нуктаро зикр кардан лозим аст, ки коргароне, ки ба кор ҷалб карда шуда буданд, коргарони одӣ буда, тахассусманд набуданд, яъне мутахассисин низ барои пешбурди корҳои техникӣ намерасид.

«Дар натиҷа аз аввали соли 1925 то соли 1930 аз Ғарм, Ӯротеппа, Панҷакент ва водии Фарғонаи Ӯзбекистон миқдори зиёди муҳоҷирон – 14756 нафар оварда шуданд, ки аз онҳо 4761 нафарашон ба вилояти Кӯлоб муҳоҷир шуданд» [182, с.31].

«Бо сабаби он, ки муҳоҷироне ба водии Кӯлоб оварда шуда буданд, зиёд буданд ва ба иллати зиёдии муҳоҷирон ва як идда масоиле, ки пас аз овардани муҳоҷирон рӯ зада буд ва санаи 27 марти соли 1927 дар назди КИМ ҶМШС Тоҷикистон Кумитаи муҳоҷирон таъсис дода шуд, ки сирфан ба масъалаҳои ҷо ба ҷокунии муҳоҷирон машғул буд» [130, с.116].

Санаи 2 декабри соли 1926 Нусратулло Махсум  дар Анҷумани якуми таъсискунандагони Комитети Иҷроияи Марказии ҶМШС Тоҷикистон ба сухан баромад чунин гуфта буд: «Вазифае, ки ҳоло дар назди мо истодааст, ислоҳоти замин не, балки обшор кардани заминҳои бекорхобида ва кӯчонидани муҳоҷирони дохилӣ мебошад. Муҳоҷират ба сокинони кӯҳистон, ки имкони пешрафти хоҷагии худро надоштанд, замин дод» [96, с.147].

Масъалаи муҳоҷират дар пай масоили мухталифи ногувор дошт ва дастандаркорон ба хотири пешгирӣ аз бадтар шудани масоили перомуни муҳоҷират ва обёрии заминҳои навкорам дар манотиқи вилояти Кӯлоб ва дигар манотиқи мамлакат чораҳои фаврӣ меандешиданд.

«Ҳамин тавр, 15 марти соли 1930 Комитети Иҷроияи Марказӣ ва Шурои Комиссарони Халқии ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи манъи худсарона кӯчондани хоҷагиҳои кулакҳо ва аз тарафи онҳо фурӯхтани молу мулки онҳо» қарори махсус қабул карданд [182, с.67].

Бояд одилона қайд намуд, ки зимни муҳоҷир кардани аҳолӣ ба хатогиҳои зиёде низ роҳ дода шуда буд. Дар бархе аз навоҳӣ аҳолиро ба муҳоҷират маҷбур мекарданд ва маҳалҳое, ки аҳолии кӯҳистон ба он ҷойҳо муҳоҷир шуда буданд ба иллати гармои он манотиқ аҳолӣ аксаран талаф мешуданд. Инчунин, аҳолии ба ин манотиқ муҳоҷир карда шуда низ  ба лавозимоти зарурӣ таъмин карда намешуданд ва амсоли инҳо, аз ин рӯ, баъзе аз одамон аз маҳалҳои муҳоҷир шудаи хеш даст мекашиданд ва монанди

инҳо. Барои мисол, «дар ноҳияи Фархори вилояти Кӯлоб 200 хонавода аз ҷойҳои муҳоҷирати хеш даст кашиданд» [149, с.423-424].

«Ҳол он ки сохтмони мунтазами ирригатсионӣ, азхудкунии заминҳои нав ва муҳоҷиркунии дохилӣ барои тараққиёти пурзӯри соҳаи муҳимтарини хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ - пахтакорӣ шароити мусоид фароҳам овард. Майдони кишти пахта дар соли 1928 назар ба давраи пеш аз инқилоб қариб ду баробар (аз 26,7 ҳазор гектар ба 52 ҳазор гектар) афзуд» [149, с.424].

«Соли 1927 Конференсияи якуми умумииттифоқии ҳизбии Тоҷикистон зарурати ба амал баровардани кори муҳоҷиркуниро махсусан тасдиқ намуд» [153, с.71].

«Сиёсати муҳоҷиркунонӣ дар солҳои 1929-1930 низ муваффақ буд. Дар он вақт ба ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ (махсусан дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубӣ) 7404 хоҷагӣ, аз ҷумла 887 хоҷагӣ ба вилояти Кӯлоб кӯчонида шуданд. Тирамоҳи соли 1930 боз 250 хоҷагӣ муҳоҷирон ба вилояти Кӯлоб омаданд» [153, с.71].

Дар маҷмуъ, пас аз истиқрори Ҳукумати Шуравӣ ва таъсиси ҷумҳуриятҳои миллӣ дар Осиёи Миёна корҳои хеле бузурге оғоз гардид ва ин дигаргуниҳои азиме, ки дар ин манотиқ ба вуқуъ мепайваст ба ҳаёту зиндагии аҳолии он таъсирҳои амиқ расонид. Сохтмонҳои азими қарн оғоз гардиданд ва ин сохтмону ободкориҳо қувваи зиёди кориро талаб мекарданд. Аз ин рӯ, вақте дастандаркорони вақт ба ободонии водии Вахш ва обёрии заминҳои минтақа ва сохту сози он шуруъ карданд, аҳолии зиёде аз манотиқи шимоли Тоҷикистон ва аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ин минтақа муҳоҷир карда шуданд. Ҳоло мо вақте дар деҳоти водии Вахш сайру гашт мекунем, мебинем, ки аҳолии манотиқи мухталифи ҷумҳурӣ ва берун аз он маконҳои нави зисти хешро ба мисли деҳаҳое номбар карданд, ки қаблан дар он маконҳо зиндагонӣ мекарданд. Ин муҳоҷиркунӣ дар пай масоили зиёде дошт, ки мо дар бораи он дар ҷойи дигари диссертатсияи хеш баргашта муфассал онҳоро ёдовар мешавем [257; 96, с.157].

«Ҳамин тавр, аз соли 1933 то соли 1938 аз ноҳияҳои ҳамсояи Ӯзбекистон ва Федератсияи Россия ба ноҳияҳои пахтакори Тоҷикистон 12434 хоҷагии деҳқонӣ муҳоҷират намуданд» [68].

Пас аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) хеле аз тарҳҳои обёрӣ дар Осиёи Марказӣ ба иллати танқисӣ муваққатан қатъ гардиданд.

Ҷаҳони империалистӣ ва хоссатан Германияи фашистӣ душманони ашадди сохти сотсиалистӣ буда, аз тарси он ки инқилобҳои коммунистӣ дар кишварҳои онҳо пирӯз нашавад, басиҷ шуда бар алайҳи Иттиҳоди Шуравӣ ба ҷанг бархостанд.

Ин ҷанг хеле тӯлонӣ шуд ва бештар аз чор сол идома ёфт ва дар ин ҷанг бештар аз 27 миллион аҳолии кишвари Шуроҳо кушта шуд, ки аксари онҳоро шаҳрвандони ғайринизомӣ ташкил медоданд. Аз шаҳрвандони Тоҷикистон низ дар ин ҷанг бештар аз 300 ҳазор нафар иштирок намуда, бештар аз 92 ҳазор нафари онҳо ҷони худро аз даст доданд. 64 нафар тоҷикистониён сазовори унвони олии Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гаштанд. Ҳарчанд ин ҷанг дар Тоҷикистон рух надода бошад, ҳам таъсири онро тамоми марудми Шуравӣ ва аз он ҷумла тоҷикистониён бармало эҳсос карданд. Суръати сохту созҳо ва ободкориҳо ба маротиб кунд шуд. Фақат ин ободкориҳо ва дигаргуниҳо пас аз итмоми ҷанг авҷи нав касб кард ва тибқи ахбору иттилооти асноди ҳизбию давлатӣ дар манотиқи ҳамвор ва водиҳои кишвар боястӣ 18000 гектар заминҳои боир обёрӣ мешуданд. Ин ободкориҳо кандани ҷӯ ва каналҳои мухталифро тақозо мекард. Масалан, «дар ноҳияи Фархор барои тармими коллекторҳо дар ва сохтмони сарҳадҳои ноҳияи Чӯбек маблағҳои зиёд ҷудо карда шуд» [79, с.31].

«Дар солҳои 30-40 – уми асри XX сокинони деҳаҳои Сарикокул, Ғараб, Нуғай, Қарағоч, Ҳаёти нав, Тудабоёни ноҳияи Чӯбек ва сокинони деҳаҳои Сайёд, Арчаи ноҳияи Фархор ба кандани канали Деҳқонариқ шуруъ карданд. Вале Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945), ки дар ин давра оғоз шуда буд, ба меҳнаткашон иҷозат надод, ки ин升 каналро канда то ба охир ба итмом расонанд. Соли 1947 ба ноҳия аввалин трактори тамғаи «НАТИ» ворид карда

шуд ва солҳои минбаъда теъдоди тракторҳо афзоиш пайдо кард. Танҳо пас аз ҷанг канали Деҳқонариқ таҳти роҳбарии корманди ҳизбӣ, сардори МТС Чӯбек А.М. Тумуш ба истифода дода шуд, ки бо усули ҳашар сохта шуда буд» [10, в.17].

«Мувофиқи барномаи муҳоҷиркунии дохилӣ умуман дар солҳои 1945-1946 дар ҶШС Тоҷикистон 6000 хонавода (ё 19312 нафар) кӯчонида шуданд, ки 9969 нафарашон қобили меҳнат буданд» [47, в.15].

«Дар соли 1946 аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳии ҷумҳурӣ ба вилояти Кӯлоб 1070 хоҷагӣ кӯчонда шуда буданд» [47, в.18].

«Мувофиқи қарори Пленуми апрелии (соли 1947) КМ ҲК(б) Тоҷикистон дар солҳои 1947-1949 аз манотиқи баландкӯҳ ва камзамин ба вилоятҳои Ленинобод, Ғарм ва Кӯлоб кӯчондани 7800 нафар одамон, 12 кормандони соҳаи кишоварзӣ пешбинӣ карда шуда буд» [257].

Албатта, муҳоҷиркунӣ ва кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо ҷиҳати роҳандозии кишоварзӣ ва бавежа пахтакорӣ бар асоси қарорҳои вижаи КМ ҲКИШ сурат мегирифт ва ин муҳоҷиркуниҳо нақшаи муайян дошт, ки аз кадом манотиқ кадом теъдоди аҳолӣ муҳоҷир карда шавад. Аммо сарфи назар аз тамоми барномаҳое, ки ин корҳо рӯйи онҳо анҷом дода мешуд, ҷараёни муҳоҷиркунӣ ва маскунсозии онҳо дар маконҳои нав дар пай мушкилот ва норасоиҳои зиёде дошт, ки онҳо то андозае ногузир буданд.

Ба шароити ниҳоят душвори истеҳсолӣ нигоҳ накарда, мардуми муҳоҷир ба дастовардҳои баланди кишоварзӣ ноил мешуд. Масалан, соли 1947 бригадири колхози ба номи Иличи ноҳияи Кӯлоб З. Гадоева аз ҳар гектар 75 сентнер пахта гирифта, ба унвони баланди «Қаҳрамони меҳнат» мушарраф гардид.

Доктори илмҳои таърих Ф.М. Абдурашитов дар робита чунин баён доштанд: «Шурои Вазирони ИҶШС доимо ба таҳкими артелҳои кишоварзӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, қарорҳои дахлдорро қабул мекард. Қарори пленуми февралии (с.1947) ҲК Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои баланд бардоштани хоҷагии қишлоқ дар давраи баъдиҷангӣ» дар таҳкими ташкили колхозҳо

нақши назаррас бозид, ки дар он дар бораи зарурати бартараф кардани камбудиҳои ошкоршуда ва таҳрифҳои Оинномаи артели кишоварзӣ сухан мерафт» [222, с.282].

Масалан, муҳаққиқ Алимов Д.Х. чунин навиштаанд: «Ҷаласаи сессияи дуюми (16-17 июни соли 1948) Шурои вакилони меҳнаткашони вилояти Кӯлоб масъалаи «Чорабинии ҷамъоварӣ ва тайёр кардани ғалладона ва дигар зироатҳои кишоварзӣ дар колхозҳои вилояти Кӯлоб» - ро баррасӣ кард. Дар он қайд карда шуд, ки соли 1948 колхозҳои вилоят дар майдони 165,5 ҳазор гектар ғалладона ва дигар зироатҳои кишоварзӣ парвариш карданд ва уҳдадор шуданд, ки аз ҳар гектар 13,5 сентнер ҳосил ба даст оранд. Колхозчиёни ноҳияҳои Қизилмазор (н. Темурмалик), Кангурт, Фархор ва Шурообод (н. Шамсиддин Шоҳин) ба муваффақиятҳои баланд ноил гардиданд» [114, с.50-56].

Ин давра яъне соли 1948 масъулин ва муҳоҷирон дар вилояти Кӯлоб бо ҷидду ҷаҳди калон талош варзида аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва боир 2 ҳазор гектар заминҳои навро ба гардиши кишоварзӣ ворид карданд, аз ин теъдод 900 гектар дар ноҳияи Фархор, 463 гектар дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) ва 428 гектар дар ноҳияи Кӯлоб аз худ карда шуданд [12].

Аз қишлоқҳои Дашти Гуло, Саталмуш ва Садаибардаи ноҳияи Балҷувон ва аз навоҳии кӯҳистони Даштиҷум ва Сарихосор дар соли 1947 ба ноҳия Фархор аҳолӣ муҳоҷир карда шуда буданд. Ба муҳоҷирон барои пешбурд ва тезонидани корҳои кишоварзӣ бори аввал дар ин минтақа тракторҳои тамғаи «НАТИ», «УТЗ» ва мошини боркаши тамғаи «Полуторка» дода шуд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки қаблан барои омода намудани тракторчиён ва ронандагон дар маҳалҳо давраҳои омӯзишӣ ва ёд додани касбҳои коргарӣ роҳандозӣ шуд буд. Аз ин рӯ, ҳангоми истифодаи тракторҳо дар колхозу совхозҳои нав мардум ба мушкилот мувоҷеҳ нагаштанд. Чун неруҳои тармигар ва нигоҳубинкунандаи тракторҳо ва инчунин маконҳои таъмири тракторҳо аллакай вуҷуд доштанд. Ин одамон дар маконҳои нав ва бо истифодаи тракторҳои ҷадид ҳосили фаровони пахта ба даст оварданд, яъне

ҷамъоварӣ намудани ҳосили 8 ҳазор тонна пахтаи сафед ин дар соли 1953 буд [136, с.363].

«Солҳои 1940-1950 дар Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон Давлати Шуравӣ ба кори хеш дар заминаи муҳоҷир кардани аҳолии манотиқи кӯҳистон ба водиҳо ҷиҳати роҳандозии корҳои кишоварзӣ, бавежа пахтакориро идома дод» [96, с.178].

Дар ин вақт роҳбарони ҷумҳурӣ идораи бонки агросаноатиро вазифадор карданд, ки барои муҳоҷирон ҷиҳати маскун шудан дар маконҳои нав ҷубронпулиро дар назар гирифта, фавран онро ба муҳоҷирон пардохт намоянд [41, в.1].

«Дар асоси қарори Шурои вазирони ҷумҳурӣ дар давоми соли 1950 ба ноҳияҳои пахтакори вилояти Сталинобод 11 колхозро кӯчонданд, аз он ҷумла: аз ноҳияи Данғара – 9 колхоз ва аз ноҳияи Кангурт – 2 колхоз» [40, в.147].

«Дар соли 1950 дар дохили вилоят 50 колхоз кӯчонида шуд, аз он ҷумла: дар ноҳияи Фархор – 28 колхоз, дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) – 16 колхоз, дар ноҳияи Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) – 6 колхоз. Умуман соли 1950 ба вилояти Кӯлоб аз ноҳияҳои кӯҳсору камзамин, монанди ноҳияи Қизилмазор (ҳоло н. Темурмалик), Фархор (колхозҳои кӯҳӣ), Сарихосор, Кангурт, Данғара, Муминобод 1670 хоҷагӣ кӯчонда шуд» [40, в.181].

«Дар соли 1950 аз ноҳияҳои кӯҳсори Кангурт, Данғара, Тоҷикобод, Обигарм ба ноҳияи Ҷиликӯл (н. Дӯстӣ) 7 колхоз кӯчонда шуд» [40, в.106].

Барои мо маълум аст, ки солҳои 50-уми қарни XX ин масъала роҳҳои ба таври бояду шояд ҳалли худро наёфта буданд ва дар байни аҳолии манотиқи кишвар мардум тавассути аспу ароба бо роҳҳои хокӣ ва сангӣ ҳаракат мекарданд. Муҳоҷирон дар ин бора дар суханрониҳои хеш нақл мекарданд, ки чӣ тавр онҳо тавассути маркабу аспу ароба ба водиҳо муҳоҷир карда шуда буданд.

«Дар давоми се сол (солҳои 1949-1951) аз ноҳияҳои кӯҳсор ба ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ 15918 нафар одамон кӯчонида шуданд. Аз он ҷумла 7973

хоҷагӣ аз ноҳияи Ғарм, 4443 хоҷагӣ аз вилояти Кӯлоб, 2747 хоҷагӣ аз ноҳияҳои тобеи марказ, 755 хоҷагӣ аз вилояти Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд) ва ВМКБ» [21,в.2; 96,с.167].

«Масалан, дар давоми соли 1951 ба ноҳияҳои водии Вахш, Фархор ва Чӯбеки вилояти Кӯлоб 43 колхоз ва 5 бригада бо шумораи 2362 оиларо кӯчониданд» [40, в.106].

Солҳои 50-уми қарни XX асосан ба водии Вахш ва Кӯлоб аҳолии манотиқи кӯҳистони кишвар муҳоҷир карда шуданд. Дар ин бора донишмандони таърихшинос андешаҳои гуногун доранд ва тибқи баъзе аз асноди таърихӣ ба муҳоҷиркунии аҳолии манотиқи кӯҳистони тоҷик ба ин водиҳо асосан роҳбарони тоҷикуласл мусоидат карда, то андозае пеши роҳи ворид намудни муҳоҷиронро аз манотиқи дигари Иттиҳоди Шуравӣ монеъ шуданд.

«Шурои Вазирони ҷумҳурӣ дар соли 1950 ба нақша гирифта буд, ки майдони кишт дар вилояти Кӯлоб ба 19,3 ҳазор гектар расонида шавад, дар сурате, ки майдони кишт дар соли 1940 дар ҷумҳурӣ 176,5 ҳазор гектарро ташкил медод. Мутобиқ ба дастури Ҳукумат ва Давлати ҷумҳурӣ бояд кишти пахта дар соли 1950 то ба 12 ҳазор гектар замин васеъ карда мешуд» [114, с.50-56].

«Дар ноҳияи Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) дар соли 1950 сохтмони ягона иншооти саноатии ҷутзавод оғоз ёфт, ки соли 1955 ба истифода дода шуд. Ҳамон сол дар ноҳия ҳамагӣ 1300 гектар майдони кишт барои ҷут ва пахта мавҷуд буд ва 18 колхози хурди ноҳия муттаҳид карда шуданд» [11, в.8].

Колхози ба номи «Роҳи Ленин» - и ноҳияи Фархор солҳои 1949-1950 дар тавозуни хеш 1244 гектар заминҳои киштбоб дошт. Ин заминҳо ба шакли зайл тақсим карда шуда буданд: 345 гектари он барои кишти пахта, 250 гектараш барои кишти ғалладонагиҳо ва боқимондааш барои кишти дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ ҷудо карда шуда буд. Нуфузи ин колхоз аз 431 хонавод иборат буд, ки даромади солонаи онҳо 171 ҳазор рублро ташкил медод. Вақте дар мамлакат маъракаи муттаҳид сохтани воҳидҳои кишоварзӣ ба вуқуъ пайваст

ин колхоз низ бо чанд воҳиди кишоварзии кучактар низ муттаҳид карда шуд. Пас аз боло рафтани иқтидораш ин колхоз 3 адад мошинаҳои боркашро харидорӣ намуд. Даромади ин воҳиди кишоварзӣ пас аз муттаҳид гаштан ба 994, 5 ҳазор рубл баробар шуд. Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки пас аз муттаҳид кардан аз теъдоди умуми 554 адад колхозҳои хурду миёна, дар маҷмуъ 295 адад колхозҳо боқӣ монданд. Ин колхозҳо пас аз муттаҳид шудан ҳар кадоме дорои зиёда аз ҳазор гектар камтару бештар заминҳои обёришаванда доштанд. Дар ҳамин ҷо аз асли матлаб дур нарафта як нуктаро баён доштан ба марвид аст, ки муттаҳид кардан боиси пешравии соҳаи кишоварзӣ дар сартосари мамлакат гашт. Аз ин рӯ, истифодаи ин таҷриба имрӯзҳо низ аз манфиат холӣ нест. Албатта дар ин ҷо мо роҳҳои оптималиеро ҷуста пайдо карданамон зарур аст, ки ҳаққи саҳмдорон иҳҷоф нашавад. Ба қавли маъруф «ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад». Ин ҷо бояд мутахассисини соҳа ва соҳаҳои ҳамҷавор ҳарфи хешро бигӯянд.

Баъди таъсисёбии ноҳияи Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) соли 1950 шаҳрвандон ва намояндагони қавм ва миллатҳои гуногуни Ватани паҳновари Иттиҳоди Шуравӣ ба ин ноҳия кӯчиданд ва аҳлона кору зиндагӣ мекарданд. Колхозу совхозҳо бо мошинолот тавассути МТС-ҳо таъмин карда мешуданд. Дар бораи МТС-ҳо ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо воҳидҳои хурди техникие буданд, ки хориҷ аз воҳидҳои кишоварзӣ ба таври мустақилона кору фаъолият мекарданд ва дар асоси қарордодҳои ҳамкорӣ дар тамоми идораҳо ва воҳидҳои кишоварзӣ корҳои техникиро анҷом медоданд. Ин воҳидҳои техникӣ, яъне МТС-ҳо зуд-зуд ба техникаҳои нави хоҷагии қишлоқ ва дигар трактору таҷҳизот таъмин карда мешуданд. Чун корҳои кишоварзӣ дар воҳидҳои кишоварзӣ ба фаъолияти пурсамари ин воҳидҳои техникӣ, яъне МТС-ҳо иртиботи сахт дошт [109, с.184].

«Дар маҷмуъ, соли 1950 1670 хонавода аз манотиқи кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва камзамини ноҳияҳои Қизилмазор (ҳоло н.Темурмалик), Фархор (колхозҳои кӯҳӣ), Сарихосор (ҳоло н. Балҷувон), Кангурт, Данғара, Муминобод ба ин ҷо муҳоҷират намуданд» [114, с.50-56].

«Соли 1952 дар вилояти Кӯлоб майдони кишти пахта боз 450 гектар афзуд ва аз ҳар гектар 27,9 сентнер ҳосил ба даст оварда шуд. Дар муқоиса бо соли 1951 7376 тонна пахтаи аълосифат бештар ба даст оварда шуд. Даромади пулии колхозҳои вилоят дар ин соли 1952 аз 39,6 миллион рубл зиёд буд ва он ба 170,3 миллион рубл расид. Акнун дар вилоят 4 колхози миллионер вуҷуд дошт. Даромади пулии колхозҳои ноҳияи Кӯлоб боз 13,6 миллион рубл, ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) 8,5 миллион рубл, ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) 8,3 миллион рубл ва ноҳияи Фархор 8,4 миллион рубл афзуд» [114, с.50-56].

«Се қитъаи сохтмонии ҳисоботдиҳанда дар идораи сохтмонии «Тоҷикпереселенстрой» дар ноҳияҳои Кировобод (ҳоло н. Панҷ), Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ва Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) ҷойгир буд. Идора аз қитъаҳои сохтмонии худ дар масофаи дур ҷойгир буданд, ки роҳбарии сохтмонро хеле мушкил мекарданд. Дар давоми соли 1953 танҳо дар вилояти Кӯлоб барои муҳоҷирон зиёда аз ҳазор хона сохта шуд» [257].

«Соли 1953 дар ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) - и вилояти Кӯлоб аз 8 хоҷагии хурди кишоварзӣ як колхози калоншудаи ба номи Ленин ташкил карда шуд ва раиси он М. Маҳмадалиев таъйин карда шуд. Агар дар соли 1949 ин колхоз 50 хоҷагӣ дошта бошад, пас дар соли 1951 аллакай 931 хоҷагӣ ва 2624 қувваи корӣ дошт. Аз 7750 гектар майдони кишт 1396 гектар замини навкорам барои пахта ҷудо карда шуда буд. Барои нишондиҳандаҳои баланд ба раиси колхоз М. Маҳмадалиев соли 1947 унвони «Устоди пахтаи ҶШС Тоҷикистон» ва соли 1951 унвони баланди «Қаҳрамони меҳнат» дода шуд» [114, с.50-56].

«Ба колхозчиён ва дигар аҳолӣ, ки ба заминҳои обёришаванда ба колхозҳои ноҳияҳои водии Вахш ва ноҳияҳои вилояти Кӯлоб кӯчиданд, дар солҳои 1954-1955 қарзи бонки кишоварзӣ барои сохтмони хонаҳо дар ҳаҷми то 14 ҳазор рубл барои як оила пешниҳод карда шуд» [109, с.252].

Мутобиқ ба гуфтаҳои Ф.М. Абдурашитов: «Саҳми муҳоҷирон, махсусан, дар водии Вахш ва вилояти Кӯлоб самаранок буд. Ҳангоми муҳоҷирати

нақшавӣ бисёр колхозҳо ва совхозҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ояндадор таъсис дода шуданд, шаҳракҳои корӣ сохта шуданд, ҳазорҳо колхозчиёни собиқ сатҳи зиндагии худро бо ташкили бомуваффақияти меҳнат ва рӯзгори колхозчиён дар ҷойи нав баланд бардоштанд. Ҳазорҳо гектар заминҳои бекорхобида ва беоб обёрӣ ва азхуд карда шуданд, ки ин ба афзоиши ҳосилнокии кишоварзӣ ва ташкили заминаи устувори истеҳсоли кишоварзӣ ва пеш аз ҳама, пахтакорӣ дар минтақаҳои кишвар мусоидат кард» [97, с.127].

Акнун ин воҳидҳои кишоварзии ба ном колхозу совхозҳо бо мурури замон ва меҳнати аҳлона ва софдилонаи аъзоёни онҳо ба воҳидҳои пурқудрати иқтисодӣ табдил ёфта, хеле аз корҳои ободонию обёрӣ ва равшаннамоиро ба танҳоӣ иҷро карда метавонистанд. «Мо ба унвони мисол, ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ, С.И.) яъне Чӯбекро меорем,ки агар соли 1951 заминҳои пахтаи ин ноҳия 1500 гектарро ташкил кунанд, пас соли 1957 заминҳои танҳо як колхози ба номи Ленин аллакай 900 гектарро ташкил мекарданд. Аз ин қабил мисолҳои зиёд овардан мумкин аст. Масалан, соли 1951 агар дар колхозҳои ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ҳамагӣ 4 гектар боғҳо бунёд карда шуда бошанд, пас дар соли 1957 майдони боғу токзорҳо то 255 гектар васеъ карда шуданд. Ҳамзамон чорводории ҷамъиятӣ низ рушд кард. Саршумори чорво дар колхозҳои ноҳия дар соли 1957 ба беш аз 25 ҳазор сар расида, 825640 литр шир тайёр намуда ва зиёда аз 115 тонна пашм истеҳсол карда шуд» [97, с.50-56].

Дар кулл, солҳои 50-уми қарни XX дар Иттиҳоди Шуравӣ масъалаи муҳоҷиркунӣ авҷи навро касб намуд, чунки пас аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) дар тамоми гӯшаю канори мамлакати паҳновари Шуроҳо ба сохту сози амиқу ҳамаҷониба оғоз намуда, саноати нассоҷӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ дар ҳоли рушд қарор дошт ва он ба маводи хом, яъне пахта ниёз дошт ва пахтаро дар заминҳои паҳновари Осиёи Миёна парвариш кардан мумкин буд. Аз ин рӯ, дар тақсимоти хоҷагидории Шуравӣ минтақаи Осиёи Миёна бештар минтақаи аграрӣ ва афзалан пахтакор тақсимбандӣ шуда буд ва аз ин рӯ солҳои 50-уми қарни XX муҳоҷиркунӣ ба водиҳо авҷи нав касб

карда буд. Барои ин гурӯҳҳои таблиғотӣ ташкил шуда буд ва онҳо ба манотиқи кӯҳистон сафар намуда, мардумро барои муҳоҷират ба водиҳо тарғибу ташвиқ мекарданд. Дар маҷмуъ, муҳоҷиркунӣ бо роҳи ихтиёрӣ ва фаҳмондадиҳӣ сурат мегирифт.

«Аз ин рӯ, соли 1951 дар 34 ноҳия ва 97 Шурои деҳоти ҷумҳурӣ ин гуна кор оид ба интихоби муҳоҷирон гузаронида шуд, аз он ҷумла дар 12 ноҳия ва 27 шурои деҳоти вилояти Кӯлоб низ чунин чорабиниҳо гузаронида шуда буданд» [21, в.2].

«Соли 1954 аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳи ҷумҳурӣ 29 колхоз ва 800 хоҷагии оилавӣ ба колхозу совхозҳои водӣ ва пахтакор кӯчонда шуданд» [97, с.167].

«Вақте гурӯҳҳои корӣ ба манотиқи кӯҳистон сафар намуда, мардумро барои муҳоҷир шудан ба заминҳои нав ташвиқу тарғиб мекарданд, теъдоди зиёди ҷавонон ихтиёран бо хоҳиши худ ба манотиқи нав барои обёрӣ кардан ва обод гардонидани ин минтақаҳо изҳори ризоият намуданд ва ба ин манотиқ муҳоҷир шуда омаданд» [96, с.169].

«Ба хотири ҳалли ин масъала барномаҳо тарҳрезӣ карда шуда буд, ки 1519 хоҷагӣ аз ноҳияҳои Балҷувон, Ховалинг, Даштиҷум (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин), Данғара, Кангурт (ҳоло н. Темурмалик), Шурообод (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин) ва Муъминобод ба ноҳияи Кӯлоб ва ноҳияи Фархор кӯчонда шаванд» [23, в.88]. Ноҳияҳои аҳолинишини пахтакор – Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ), Фархор, совхози «Метинтуғай», Кӯлоб, Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) буданд [23, в.1].

«Дар натиҷаи кӯчондан ва азхуд намудани заминҳои нав дар соли 1955 майдони кишти пахта ба 161,8 ҳазор гектар расид, ҳол он ки майдони кишти пахта дар соли 1950 дар ҷумҳурӣ 126 ҳазор гектарро ташкил медод» [180, с.40].

«Икдомҳои Ҳукумат дар масири муҳоҷиркунии аҳолӣ ба водиҳо боис шуд, ки пахтакорӣ дар водиҳо авҷ гирифт ва ҷумҳурӣ аз ҷиҳати истеҳсоли пахтаи маҳиннах ҷойи аввалро ишғол намуд» [96, с.173].

Акнун миёнаи дуюми солҳои 50 – уми қарни XX корҳо дар самти интиқоли муҳоҷирон ба маконҳои нави зисти эшон ба маротиб осон шуда буд, чунки дар саросари кишвари Шуроҳо дигаргуниҳои азим ба вуҷуд омада, нақлиёт низ хеле хизматрасониро беҳтар карда буд. Ва вақте масъалаи интиқоли муҳоҷирон аз ҷойҳои муқимии доимии онҳо ба маконҳои тоза пеш омад, аз нақлиёти автомобилӣ ва гоҳан аз ҳавопаймоҳо низ истифода намуданд, ки ин амал ҷараёни кӯчонидани муҳоҷиронро ба маротиб тезонид. Раванди обёрӣ ва ирригатсия низ дар маконҳои муҳоҷират ба суръати баланд ноил гардида, бештар хислати фаннию техникӣ касб карда буд, яъне мардум дар аксари маврид бештар бо белу каланд не, балки бо васоили техникӣ корҳоро анҷом медоданд, ки ин аъмол суръати корҳоро тезонида ва сифати натоиҷи корҳоро ба маротиб боло бурда буд.

«Мувофиқи қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 25 январи соли 1956 «Дар бораи нақшаи кӯчондан ва муташаккилона қабул намудани коргарон дар соли 1956» аз ноҳияҳои Даштиҷум (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин), Ховалинг, Ғарм (ҳоло н. Рашт), Тоҷикобод, Ҷиргатол (ҳоло н. Лахш) ба ноҳияҳои Фархор ва Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) кӯчонидани 1200 оила пешбинӣ карда шуда буд» [24, в.342].

Доктори илмҳои таърих Д.Х. Алимов дар мақолаи хеш чунин навиштааст: «Пахтакорони ноҳияи Кӯлоб дар соли 1957 ба давлат 16,7 ҳазор тонна пахтаи хушсифат фурӯхтанд, ки нисбат ба соли 1956 1258 тонна зиёдтар буд. Пахтакорони ноҳия аз ҳар гектар ҳосили баланди пахта 27 сентнер ҷамъоварӣ карда, фоидаи калон ба даст овարданд» [114, с.50-56].

«Дар ин давра ҷараёни муҳоҷиркунӣ қувваи нав гирифт. Фақат дар солҳои 1955-1956 аз ноҳияҳои кӯҳсор ва доманакӯҳи Тоҷикистон ба колхозу совхозҳои пахтакори ҷумҳурӣ 4188 оилаи колхозчиён кӯчонда шуд, ки аз ин 545 оилаи колхозчиён ба водии Кӯлоб муҳоҷир гардида буданд» [16, в.14].

«Соли 1958 қарор «Дар бораи нақшаи муҳоҷиркунӣ ва муташаккилона қабул намудани коргарон барои соли 1958» қабул карда шуда буд. Мутобиқ ба нақшаи тарҳрезишуда аз ноҳияҳои кӯҳсор ба ноҳияҳои пахтакори ҷумҳурӣ

кӯчонидани 8 ҳазор хоҷагиҳо, аз ҷумла 2650 хонавода дар колхозҳо ва 350 хонавода дар совхозҳо пешбинӣ карда шуда буд, аз инҳо 600 хоҷагиҳо ва 730 хонавода ба вилояти Кӯлоб кӯчонида шуданд» [25, в.141].

«Соли 1958 8 колхоз, 11 гурӯҳи корӣ, ки теъдодашон аз 2143 хонавода ва 11286 нафар иборат буд, аз онҳо 5730 нафар қобили меҳнатро ташкил медоданд, муҳоҷират намуданд, аз ҷумла ба вилояти Кӯлоб 640 хонавода, ки 470 нафарашон қобили меҳнат буданд кӯчонида шуданд» [96, с.177].

Воқеан, муҳоҷиркунӣ ба вилояти Кӯлоб ва дар маҷмӯъ водиҳои кишвар шомили якчанд марҳала мебошад ва ҳар кадоме аз ин марҳалаҳо марому мақсадеро дар пай дошта ва дар масири ҳаракати он дастандаркорон кӯшиш ва талош ба харҷ додаанд ва натиҷаи корҳои онҳоро мо имрӯзҳо низ бармало мебинем ва эҳсос мекунем.

Марҳилаи аввал солҳои 1924-1941 буда, дар ин марҳала аввалин муҳоҷирон бо зарфияту имконотҳои хеле маҳдуд ба водиҳои кишвар ва бавежа водии Кӯлоб ҷалб карда шуда буданд ва гомҳои аввалини онҳо хушконидани заминҳои ботлоқ ва овардани оби полезӣ ба ин заминҳо буд, ки онҳо хеле хуб аз уҳдаи супориш ва корҳо баромаданд.

Марҳилаи дуюм солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945), буд, ки дар ин марҳала муҳоҷирон дар якҷоягӣ бо аҳолии маскун ва кӯмаки коршиносон аз марказ лоиҳаҳои васеи босуръати обёрии мардумӣ оид ба сохтмони канали Деҳқонариқ дар мавзеи Фархору Чӯбекро сохта ба истифода доданд.

Марҳилаи сеюм солҳои 1946-1960-ро дар бар гирифта ин давра асосан бо номи барқарорсозии хоҷагиҳо баъд аз ҷанг ном гирифта буд. Чунки вақте қувваи қобили меҳнат, яъне мардон асосан ба ҷанг рафтанд, колхозу совхозҳо ба харобазор тадил ёфта буданд. Аз ин рӯ, ин муассисаҳо бояд умри дубора дида, эҳё мешуданд.

Дар марҳилаи чорум солҳои 1961-1974 муҳоҷирати аҳолии ноҳияҳои кӯҳию доманакӯҳи вилояти Кӯлоб ба ноҳияҳои навтаъсис дар водиҳо идома ёфта, дар ин марҳила дар водиҳо пойгоҳҳои амиқи моддию техникӣ таъсис дода шуда буд, ки ҳамаи онҳо дар кулл рушду тараққии маҷмуии ҷануби

мамлакатро таъмин мекарданд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро ишора кардан ба маврид аст, ки ҷануби кишвар дар аҳди амирӣ ба Бухорои Шарқӣ дохил мешуд ва таърихан хеле дастнохӯрда ва амалӣ нокарда монда буд. Агар шимоли кишвар дар зери таъсири сармояи Россияи подшоҳӣ хеле пешравӣ дошт, аммо дар ҷануби мамлакат ба иллати набудани роҳҳои иртиботӣ аз қабили роҳи автомобилгард ва роҳи оҳан ва дигар нишонаҳои ҳаёти нав хеле ақибмондагӣ ба назар мерасид. Аз ин лиҳоз талош ва кӯшишу ғайрати Ҳукумати марказӣ ва Ҳукумати маҳаллӣ ба он равона карда шуда буд, ки ин норасоӣ ва ё метвон гуфт камбудӣ бартараф карда шавад.

Солҳои 1975-1990 марҳилаи панҷуми давраи рушди устувори маҷмуи агросаноатии вилояти Кӯлоб маҳсуб меёбад. Дар ин давра низ дар асоси барномаҳои давлатӣ обёрии заминҳои навкорам ва муҳоҷирати аҳолӣ идома меёфт. Аммо ин давра бо як хусусияти хеле вижаи худ аз даварахои қаблӣ фарқ мекард. Дар ин давра бунёди корхонаҳои калону хурди саноатӣ дар ин минтақа ҷараён гирифтанд, ки билфосила иқтисоди минтақаро ба зинаҳои бесобиқа баланд бардошта, ҳаёту зиндагии мардумро ба маротиб беҳтар намуд.

Дар монографияи яке аз муҳаққиқони ин соҳа профессор Абулҳаев Р.А. чунин омадааст: «Солҳои 1941-1990 дар се марҳила сурат гирифт: солҳои 1941-1962, солҳои 1962-1985 ва солҳои 1986-1990» [106, с.279] «ва тамоми давраи қаблӣ (1925-1940) дар як марҳила муттаҳид карда шуд. Дар ин ҳолат, марзҳои марҳилаҳоро шарҳ додан душвор аст» [225, с.25]. Минтақаи Кӯлобро аз назари обёрӣ ва ободонӣ он дар аҳди Шуравӣ ба се марҳила тафкик кардан ҷоиз аст: солҳои 1923-1941 марҳилаи якум, солҳои 1941-1975 марҳилаи дуюм ва солҳои 1976-1991 марҳилаи сеюм. Ҳар як давра ва марҳила бо хусусиятҳои худ хос аст, ки аз вазифаҳои сохтмони ҷамъияти нав ва нақшаҳои ояндадори хоҷагии халқ ва панҷсолаи кишвар ва минтақа бармеояд.

«Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 14 июни соли 1963 «Дар бораи ташкил намудани Сарраёсат оид ба муҳоҷирон, муташаккилона ба кор ҷалб

намудани коргарон ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ» қарор қабул кард. Ин қарор ба муносибати дар ҷумҳурӣ вусъат ёфтани миқёси кор оид ба кӯчидан ва муташаккилона қабул намудани коргарон, инчунин бо мақсади сифатан бо кор таъмин намудани аҳолӣ қабул карда шудааст. Сарраёсати муҳоҷирон фаъолияти худро бо шуъбаи кадрҳо мутобиқ намуда, кори зиёди ташкилотчигиро ба ҷо оварда, тамоми чорабиниҳоро оид ба таъминоти моддии муҳоҷирон назорат мекард. Баъди ташкил ёфтани ин маъмурияти муҳоҷирон, дар раванди муҳоҷирати дохилии кишоварзӣ тағйироти чашмрас ба амал омад» [96, с.228].

Таҳлили ҳаматарафаи мавод оид ба муҳоҷирон гувоҳӣ медиҳад, ки ғамхории мақомотҳои маҳаллии Шуроӣ ва хоҷагӣ баъди чоп шудани қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 13 феврали соли 1965 «Дар бораи нақшаи аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳо кӯчондани аҳолӣ ба колхозу совхозҳои ноҳияҳои зироаткории обии ҶШС Тоҷикистон» саривақтӣ ба шумор мерафт.

Мо аз таърих хуб медонем, масъалаи обёрӣ ва муҳоҷиркунӣ ба водиҳои кишвар шомили мушкилоти зиёд буд, ки мо онро дар ҷараёни таҳқиқоти хеш якчанд маротиба нишон додем.

«Масалан, нақшаи соли 1965 дар колхозу совхозҳо сохтани биноҳои истиқоматӣ барои муҳоҷирон пурра иҷро нашуд. Умуман дар нақша ба истифода додани 920 бинои истиқоматӣ пешбинӣ гардида буд, дар амал 330 бинои истиқоматӣ сохта шуд: дар колхозҳо – 179 хона ва дар совхозҳо - 151 хона. Қарзе, ки Бонки давлатӣ барои сохтмони шаҳракҳо дар колхозҳо ҷудо кардааст, 720 ҳазор сумро ташкил медод ва аз ин ҳамагӣ 301,6 ҳазор сум азхуд карда шуда буд» [77, в.3]. Ҳамаи ин ҳодисаҳои манфӣ бешубҳа ба табъи одамон ва дар навбати худ ба фаъолияти истеҳсолии онҳо таъсири манфӣ мерасонд.

«Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон 22 феврали соли 1968 «Дар бораи нақшаи аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳо ба колхозу совхозҳои ноҳияҳои обёришавандаи ҷумҳурӣ кӯчондани колхозчиён ва дигар аҳолӣ» қарор қабул

кард. Дар ин қарор нақшаи муҳоҷирати 585 хоҷагӣ, аз он ҷумла 535 хоҷагӣ ба совхозҳо тасдиқ карда шуд. Дар колхозҳо 50 ферма мавҷуд буд. Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Вазорати мелиоратсия ва хоҷагии об, Вазорати хоҷагии қишлоқ, тресті «Тоҷикселинстрой» ва комитетҳои иҷроияи як қатор Шуроҳои вилоятии депутатҳои меҳнаткашонро вазифадор кард, ки муҳоҷиронро бо биноҳои истиқоматӣ таъмин кунанд» [91, с.32-33].

Ин ҷо каме роҷеъ ба захираҳои обии минтақа, яъне кӯлҳову обанборҳо ва дарёҳои вилояти Кӯлоб суҳбатро оғоз мекунем.

Вилояти Кӯлоб аз захираҳои об ғанӣ нест, ин ҷо пиряхҳо вуҷуд надоранд, дарёҳо камоб, кӯлҳо хурду шури дорои лойқаҳои шифобахш, чашмаҳои маъдании давоӣ, гоҳо шуру шириноб вуҷуд доранд. Ин аз вижагиҳои аслии обии ин минтақа мебошад, ки то андозае кори кишоварзиро дар ин минтақа мушкил мегардонад. Дар ҳамин ҷо як нуктаро ёдовар шуданӣ ҳастем, ки дар давраҳои гуногун масъалаи шохоби дарёеро ба ин масир овардан мавҷуд буд, масалан, мегуфтанд, ки шохоби дарёи Сурхобро аз тариқи Ховалинг ба ин минтақа меоранд ё аз оби дарёи Панҷ як шохобро ба водии Кӯлоб мегардонанд ва монанди инҳо. Яъне аз ин суханон ва ҳарфҳо зиёд буд ва ҳаст. Аммо то ба имрӯз масъалаи ба оби ошомиданӣ таъмин намудани шаҳри Кӯлоб ҳанӯз ҳаллу фасли худро наёфтааст. Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки норасоии оби ошомиданӣ натанҳо дар Кӯлоб ва водии Кӯлоб мавҷуд аст, балки дар бисёре аз маконҳои ҷумҳурӣ ин норасоиро дидан ва вохӯрдан мумкин аст. Иллати инро дар он мебинем, ки ҷумҳурӣ худ кишвари кӯҳсор аст ва мутобиқ ба маълумотҳое, ки мо дар даст дорем 93 дарсади қаламрави онро кӯҳҳо ташкил мекунанд, аз ин хотир обу дарёҳое, ки дар кишвар мавҷуданд, дар дарёҳо ва дараҳои тангу амиқ мавҷуд буда, аҳолӣ бошад, асосан дар минтақаҳои баландкӯҳ зиндагӣ мекунанд ва ба обҳо дастрасии мустақим надоранд. Бояд гуфт, ки давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурӣ ин масъаларо зери назорати худ дорад ва маконҳои беобро тавассути қубурҳои гуногун давра ба давра бо об таъмин карда истодааст. Мо намунаи онро дар бисёре аз нукоти мамлакатамон дида истодаем. Акнун пас

аз гурези иҷмолӣ ва шарҳи баъзе нукоти масъалаи об ва обёрӣ дар ҷумҳурӣ ба асли матлаби хеш бармегардем ва масъалаи аслии хешро пайгирӣ хоҳем кард.

«Дар ҳудуди вилояти Кӯлоб охирин шохоби калони тарафи рости дарёи Панҷ - дарёи Сурхоби Ҷанубӣ (Қизилсу) ва шохобҳои бузурги он, Яхшу (Яхсу) ва Тоҳироб (Оби Тоҳир, Тоҳирсу) воқеъ гаштаанд. Дарёи Сурхоб дар наздикии ағбаи Арчатук (2600 м) шимолу шарқии қаторкӯҳи Вахш оғоз ёфта, ба самти ҷанубу ғарб ва ҷануб ҷорӣ гашта, пас аз тай намудани масофаи 230 км дар назди ҷазираи Уртатуғайи дарёи Панҷ ба он ҳамроҳ мешавад. Ин дарё дар саргаҳаш аз Ишколдарё, Обимазор, Сурхоб ва Тираоб сарчашма мегирад ва дар мавзеи Балҷувон пасупеш ба ҳам якҷоя шуда, Шуробдарё ва сонитар Сурхобро ташкил медиҳанд» [98, с.31].

Шохоби калонтарин тарафи чапи Сурхоб Яхшу (Яхсу) маҳсуб ёфта, аз шимолу ғарбии қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ маншаъ мегирад ва ҷанубтар аз шаҳраки Восеъ ба дарёи Сурхоб мерезад. Дарозии дарёи Яхшу 160 км ва ҳавзаи обғундориаш 2720 км$^2$ аст. Манбаи ғизогирии дарё барфҳои мавсимӣ, обҳои зеризаминӣ ва боронҳои баҳорӣ мебошад. Ибтидои серобшавии Яхшу аз нимаи дуюми моҳи феврал оғоз ёфта, дар даҳаи аввали моҳи июл хотима меёбад, яъне ба 144 шабонарӯз баробар мебошад. Шохоби калони Яхшу Кӯлобдарё ном дорад, ки тули он 55 км мебошад. Шохоби калони самти рости Сурхобдарё бошад Тоҳироб (Тоҳирсу) ном дорад ва тули Тоҳироб 118 км - ро ташкил медиҳад.

Дар шарқи вилояти Кӯлоб байни қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ ва Дарвоз рӯди Обихингов ҷойгир шудааст, ки ба дарёи Панҷ ҳамроҳ мешавад. Ин рӯд 58 км дарозӣ ва 646 км$^2$ ҳавзаи обғундор дорад, аз барф, пирях ва борон ғизо мегирад, давраи серобии он аз дигар дарёҳои вилояти Кӯлоб тӯлонитар мебошад.

Захираи обҳои зеризаминӣ мувофиқи пешгӯиҳо дар ҳавзаи дарёҳои Сурхобу Яхшу 1315 млн. метри мукаабро ташкил медиҳанд. Истифодаи

тасдиқшудаи обҳои зеризаминӣ (с. 1986) 328,0 млн. метри мукааб ва ё 25% захираи пешгӯишударо ташкил медиҳанд.

«Дар вилояти Кӯлоб дар асрҳои XV-XVIII аз дарёи Панҷ канали Зулмариқ, аз дарёи Сурхоб канали Арал, аз дарёи Яхшу канали Ҳамса сохта об гирифта мешуд. Соли 1940 аз дарёи Панҷ тавассути канали дарозиаш 17,2 км канали Деҳқонобод бунёд гардид, ки 15 ҳазор га заминҳои ноҳияҳои Ҳамадонӣ, Фархор, Восеъ ва Кӯлоб обёрӣ гардид. Соли 1974 аз дарёи Панҷ ба вилояти Кӯлоб тавассути канали Арпатугулдӣ, Бештигирмони Поён, аз Деҳқонобод ба воситаи канали Кафтархона об гузаронида 14,1 ҳазор га замин обёрӣ шуд» [98, с.33-34].

Бояд қайд намуд, ки дар ин минтақа кӯлҳои табии Афғонделӣ, Дилоро, Пушион ва Танобчӣ маълуманд. Кӯлҳои Танобчӣ дар ноҳияи Темурмалик воқеъ гаштаанд ба гурӯҳи Шарқӣ ва Ғарбӣ ҷудо мешаванд. Бошандагони маҳаллӣ дар моҳҳои июлу август аз лойқаи шифоии ин кӯлҳо баҳрабардорӣ мекунанд. Аммо ба чи иллате бошад, ки то ҳанӯз ин мавзеъ ба таври бояду шояд мавриди истифода қарор намегирад, дар сурате, ки истифодаи он метавонист ба мардум ва хоҷагии халқи мамлакат фоидаи калон расонад.

«Дарёкӯлҳои канори гумбази намаки Хоҷамӯъмин дар самти ғарб ва ҷанубу ғармии ин гумбаз ҷойгиранд. Кӯли дигар бошад Ғӯзачоқ ном дошта, дар деҳаи Шаҳраки ҷамоати Кӯлчашмаи ноҳияи Мӯъминобод, дар баландии 1670 метр аз сатҳи баҳр ҷойгир шудааст. Масоҳати ин кӯл 4,5 гектарро фаро гирифтааст, бо мавҷудияти зуллук (шуллук)-и табобатиаш дар байни сокинони гирду атроф шуҳрати хоса дорад» [98, с.38].

«Барои таъмини аҳолӣ бо оби ирригатсионӣ обанбори ноҳияи Мӯъминобод, ки ҷанубтар аз маркази ноҳия дар доманаи ғарбии қаторкӯҳи Ҳазратишоҳ дар баландии 1204 метр воқеъ гаштааст ва солҳои 1956-1958 сохта, соли 1959 ба истифода дода шудааст, нақши муҳим дорад. Мақсади асосии сохтмони ин обанбор аз он иборат аст, ки обро аз охирҳои тирамоҳ ва давраи серобии баҳорӣ захира намуда, дар охири тобистон ҳангоми фаро

расидани камобӣ зироат ва дигар майдонҳои обталаб ва асосан киштӣ зироати пахтаро бо об таъмин карда шавад» [98, с.41].

«Дар бораи ҳаҷми иншоотҳо бояд қайд намуд, ки дарозии хатти соҳилии обанбор 6,8 км, дарозии обанбор 2 км, паҳнии миёнааш 1,83 км аст. Чуқурии ҳадди аксари он обанбор ба 26 м баробар буда , умқи беманфиати обанбор 18 м мебошад, ҳаҷми беманфиати оби обанбор 1200 ҳазор/м$^3$ аст. Аз обҳояш ин минтақа сероб мешавад. Тӯли сол сатҳи оби обанбори Мӯъминобод ба андозаи 9 м пасту баланд мешавад.

«Байни солҳои 1961-1964 обанбори Селбур 3 км дуртар аз шаҳраки Файзободи ноҳияи Восеъ дар соҳили рости дарёи Сурхоб, дар қисми ҷанубу шарқии пешкӯҳи начандон баланди Чилонтоғ (1769 м) дар баландии мутлақи 851 м сохта шуд ва соли 1965 ба истифода омода гашт. Барои обанбори Селбур чунин аломатҳои морфометрӣ хос аст: дарозӣ 2,5 км, паҳнӣ 0,9-1,2 км, умқи миёна 9 м, умқи бештар 17 м, майдони фарогирифтаи обанбор 2,31 км$^2$, ҳаҷми пурраи об 20 млн м$^3$, ҳаҷми манфиатдор 17,0 млн. м$^3$, ҳаҷми беманфиат 660 ҳазор метри мукааб мебошад. Тӯли сол сатҳи оби обанбор ба андозаи 7 м пасту баланд мешавад. Дар обанбор об аз ҳисоби обҳои тирамоҳу зимистонаи Сурхоб захира карда мешавад. Дарозии хати соҳилии обанбор 6,2 км аст» [98, с.45].

Аз рӯйи лоиҳаи пешакӣ обанбори Балҷувон дар ноҳияи Балҷувони минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар саргаҳи дарёи Сурхоб бояд сохта мешуд. Мувофиқи лоиҳаи солҳои ҳокимияти Шуравӣ ба ин обанбор чунин аломатҳои морфометрӣ пешбинӣ шуда буд: ҳаҷми пурраи обанбор 0,202 км$^3$, ҳаҷми манфиатдор 0,14 км$^3$, майдони сатҳ 8,0 км$^2$, самтҳои истифодаи обанбор ирригатсионӣ ва обтаъминкунӣ мебошад. Бар асоси гузоришҳои институти «Гидропроект»-и собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар сарбанди обанбори Балҷувон сохтани НБО-и Балҷувон бо тавонои 30 мВт ва истеҳсоли солонаи қувваи барқ 100-150 млн. кВт/с пешбинӣ шуда буд. Вақте обанбори Балҷувон сохта ба истифода дода шуд, имкон пайдо шуд, ки миқдори 20 ҳазор гектар заминҳо обёрӣ карда шаванд.

«Дигар иншооти обтаъминкунӣ ин обанбори Ховалинг дар ноҳияи Ховалинги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шохоби дарёи Сурхоб, ки Обимазор ном дорад сохта хоҳад шуд ва бояд дар соҳаҳои ирригатсионӣ ва обтаъминкунӣ истифода шавад» [98, с.49].

«Ғояи лоиҳаи ба нақшагирии НБО-и Даштиҷум ҳанӯз соли 1960 дар замони Шуравӣ дар дарёи Панҷ байни Тоҷикистону Афғонистон пайдо шуда буд. Таҳияи ин лоиҳаро шуъбаи Гидропроекти Осиёимиёнагии ба номи С.Я. Жук дар шохоби Панҷи дарёи Аму дар ҳудуди сарҳади собиқ ИҶШС (ҳоло Тоҷикистон) ва Афғонистон бо исми «Нақшаи истифодаи комплексии дарёи Панҷи шохоби Амударё» соли 1970 ба миён омада буд. Дар доираи ин лоиҳа бояд 13 неругоҳи барқӣ бо иқтидори умумии 17720 МВт ва истеҳсоли умумӣ 81,9 млрд кВт/соат неруи барқ дар назар дошта шуда буд ва ҳамон солҳо дар ИҶШС тасдиқ ҳам шуда буд, вале он ҷомаи амал напӯшид, дар коғаз маҳфуз монд. Сабаб дар он буд, ки он солҳо муносибати байни ИҶШС ва Афғонистон муташанниҷ буд, маҳалҳои атроф аз ҷиҳати иқтисодӣ суст рушд ёфта буданд, маблағгузории басо калонро металабид, инфрасохтор ва талабгори воқеӣ ба неруи барқ вуҷуд надошт. Аз рӯйи нақша ҳаҷми умумии оби обанбор 17,6 $км^3$, ҳаҷми манфиатдори об 10,2 $км^3$ иборат дониста шуда буд. Бинои обанбор дорои се (3) қубури обгузар ва аз бинои идоракунӣ иборат мешуд. Мувофиқи нақша тавоногии неругоҳ 4000 МВт-ро ташкил медод. Обанбори НБО-и Даштиҷум аҳаммияти обёрикунии заминҳои зиёдро низ дар назар дошт ва мебоист дар марҳалаи аввал 500 ҳазор гектар обёрӣ шавад. Арзиши пешакии сохтмони ин обанбори бошукӯҳ ба 3 (се) млрд. доллар баробар ҳисоб карда шуда буд. Бино бар андешаи лоиҳакашон ҳангоми ба кор даромадан метавонад тӯли 3-5 сол хароҷоти ба амаломадаро ҷуброн кунанд» [98, с. 50].

Ҳамин тавр, бояд таъкид кард, ки муҳоҷиркунии аҳолӣ аз минтақаҳои кӯҳии вилояти Кӯлоб ба водиҳо ба тариқи зайл амалӣ карда шуд:

- қабл аз ҳама, бар асари ин муҳоҷиркунӣ заминҳои водии Кӯлоб ба заминҳои зархез табдил дода шуданд, яъне ҳосиле аз заминҳо ба даст оварда мешуд, ки собиқа надошт;
- соҳаи пахтакорӣ ривоҷу равнақ ёфта, мутахассисони соҳа низ дар ин корзорҳо тарбият ёфта, нозукиҳои ин соҳаи бисёр муҳим ва стратегӣ барои мамлакатро аз бар намуданд;
- баъдан ин, ки сиёсати муҳоҷиркунонӣ ҷойҳои нави кориро ба вуҷуд овард;
- муҳоҷирати дохилиминтақавӣ ба давлат хеле кам арзиш дошт ва мушкилиҳо нисбатан камтар буданд;
- сиёсати муҳоҷиркунонӣ барои пешрафти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи минтақа боис гардида, некуаҳволии шаҳрвандонро ба дараҷаи олӣ расонид.

## 1.2. Нақши муҳоҷирон дар ташаккул ва рушди хоҷагиҳои нави кооперативӣ, колхозу совхозҳо

Ташкили Ҳукумати ҷадид дар Тоҷикистон ба осонӣ муяссар нашуда буд. Аносири зиддиҳукуматӣ ба муқобили сохтори нав меҷангиданд ва онро аз ҳар назар сиёҳ карда, мардумро метарсониданд ва ҳар гуна ҳарфу ҳадисҳои бебунёд перомуни Ҳукумати ҷадид мебофтанд. Ҳамзамон ҷанги дохилӣ бо боқимондаҳои артиши амир ва боёну амалдорон идома меёфт. Дар маҷмуъ, вазъ хеле ваҳшатнок ва хатарнок буд. Дар чунин шароит дастандаркоронро лозим меомад, ки кор кунанд, унсур ва атрибутҳои давлати ҷадидро бунёд гузошта, барои беҳинасозии ҳаёти мардуми таҳҷоӣ иқдомҳои барои ин минтақа бесобиқаро ба кор гиранд. Ҳамин муҳоҷир кардани одамон ва обёрии заминҳои боир ва аз тӯғайзорҳо тоза намуда, ба киштзорҳо табдил додани ин маконҳо кори андак ва осон набуд. Аммо сарфи назар аз тамоми ин мушкилот, ин корҳо ҷараён дошт ва натиҷа ҳам медод.

Яке аз масъалаҳои муҳими ҳукумати ҷумҳурӣ азхудкунии заминҳои навкорам аз тарафи муҳоҷирон ва мустаҳкам кардани хоҷагии онҳо буд. Ҳаракати зиддиинқилобии босмачигарӣ, кашмакашиҳои беохир ва мусодира пас аз фирори амир ба хориҷа шиддат гирифт. Албатта дар ин корҳо ҷосусони хориҷӣ низ даст доштанд ва онҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ роҷеъ ба Ҳукумати нав ва иқдомҳои онҳо овозаҳои бардурӯғ паҳн мекарданд. Ба ин овозаҳо бархе аз одамон бовар карда тасмимҳои нодуруст фикр мекарданд. Аз гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб қариб 80 ҳазор нафар ба Афғонистон муҳоҷират намуданд [7, в.41-42]. Ин корҳо боиси он мешуд, ки дар деҳот аҳолии қобили меҳнат кам монда буд.

«Дар солҳои 1924-1925, дар муқоиса бо соли 1914, тамоми майдони кишт дар ҷумҳурӣ 48%, кишти обёрӣ 21,2%, кишти пахта то 5% коҳиш ёфт, камшавии саршумори чорво 52,1% – ро ташкил дод» [117, с.184; 173, с.56].

Бояд қайд кард, ки ҷараёни сохтмони ҷомеаи нав дар Тоҷикистон ва хусусан дар Тоҷикистони Ҷанубӣ ба як идда масоил аз қабили таассуб, босмачигарӣ ва урфу одатҳои кухна, ки садди роҳи рушду тараққиро мегирифтанд, мувоҷеҳ шуда буд. Дар саросари мамлакат ва бавежа навоҳии марказ ва ҷануб васоили обёрӣ комилан харобу валангор карда шуда буд. Купрукҳо, ки аксаран ҷӯбӣ ва хокӣ буданд, сӯзонда несту нобуд карда шуда буданд. Бар асари ҷангу ҷидолҳои дохилӣ ва дахолати мамолики хориҷӣ дар ҷумҳурӣ бештар аз 13 ҳазор хонаҳо сӯзонда несту нобуд карда шуда буд. Ин давра як ҷараёни дигар дар пешорӯи мардум қарор дошт, ки бар асари тарсу ваҳм ва нобоварӣ аксари аҳолии қобили меҳнат ва асосан деҳқонин, кишоварзони таҷрибадор ба хориҷа, бавежа Афғонистон фирор карда буданд. Ҳамон тавре дар болотар гуфта гузаштем, масъаларо дар дохили кишвар бо тарғибу ташвиқ ҷосусони хориҷӣ ва бавежа ҷосусон аз Британия Кабир буғранҷтар мегардониданд. Аммо дар ҳар сурат ҳокимони давр корҳои худро анҷом медоданд ва мардум бо чашми сар рушду тараққиро медиданд.

Аммо ба қавли мардум «Бадбахтӣ танҳо намеояд», яъне дар баробари он ки аҳолии маҳаллӣ бо гурӯҳҳои ғоратгари босмачиён меҷангиданд, дар

солҳои 1925 -1926 дар саросари мамлакат хушксолӣ низ омада буд, ки мушкилиро дучанд мекард. Агар дар ҳамон солҳо ба деҳаҳое, ки дар тули марзи Афғонистону Тоҷикистон қарор доштанд нигоҳ мекардем, хеле равшану возеҳ медидем, ки аксари деҳаҳо аз одамон холӣ шуда буданд, аз ин рӯ, дар соли 1925 вазъи оммаи деҳқонони деҳаҳои Тоҷикистон бамаротиб бадтар шуд [149, с.418].

«Дар байни солҳои 1926-1927 дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб аз дохили вилоят 145 хоҷагӣ, аз ҷумла 50 хоҷагӣ аз ноҳияи Шурообод (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин), 40 хоҷагӣ аз ноҳияи Даштиҷум (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин), 45 хоҷагӣ аз ноҳияи Ховалинг ва Сарихосор (ҳоло н. Ховалинг) кӯчонида шуданд» [8, в.21-23].

Чун Ҳукуматдорон медиданд, ки мардум бештар ба хориҷи мамлакат рӯ оварда ва ё қоим мешуданд, барои беҳтар кардани вазъу ҳоли онҳо даст зада, дар як муддати хеле кӯтоҳ дар навоҳӣ ва манотиқи кулли давлати Шуравӣ ва хоссатан Ҷумҳурии Тоҷикистон даст ба дигаргуниҳо ва беҳинасозии вазъият зада вазъи зисту зиндагӣ ва амнияти мамлакатро бамаротиб беҳтар карданд ва барои муҳоҷирон имтиёзҳои назаррасе дар назар гирифтанд. Ин иқдомҳои Ҳукуматдорон бе натиҷа намонд. Поёни соли 1928 7 ҳазор хонавода аз хориҷи кишвар ба Ватан баргаштанд [222, с.98].

Ҳамин тариқ, то соли 1928 муайян карда шуд, ки заминҳои зиёдатии обёришаванда дар ноҳияи обии Қизилсӯ, вайрон шуда ба ботлоқзорҳо мубаддал гардида буданд.

Муҳоҷирони нахустин сокинони деҳаҳои кӯҳии худи вилояти Кӯлоб буданд. Аввалин маротиба соли 1928 бо теъдоди 50 хонавода аз деҳаи Яхсу ба деҳаи Чойлобкамари ноҳияи Фархор муҳоҷирон оварда шуданд. Онҳо дар маҳалли нави зисти хеш колхози ба номи «Сарҳади сурх»-ро ташкил намуда, ба обёрӣ ва ирригатсияи заминҳои бекорхобида шуруъ карданд. Коре, ки дар ин давра ба сомон расонида шуд, ба хотири эҳдоси воҳидҳои бузурги кишоварзӣ, яъне колхозҳо буд ва метавон гуфт, ки ин иқдом бо муваффақият анҷом пазируфт. Агар дар ҳамин ҷо бо каме гурез ин масъаларо мавриди

баррасӣ қарор диҳем, назар ин хоҳад буд, ки корҳое, ки имрӯз дар соҳаи кишоварзӣ анҷом дода шуда истодаанд, дурустии он иқдомро тасбит мекунанд. Чунки дар низоми кишоварзӣ фақат воҳидҳои бузурги кишоварзӣ қодир ба иҷрои корҳои ҳангуфте буда ва имкон доранд, ки ҳамасола хоҷагиро ба натиҷаи мусбат ҷамъбаст намоянд, аммо дар навбат хоҷагиҳои хурд инро гуфтан амри маҳол аст. Чунки агар ба ин корҳо аз баландои замони муосир нигоҳ кунем, дурустии иқдомҳои пешгирифтаи он давлатмардон бармало мегардад, чунки ҳаёт як нуктаро собит кард, ки кишоварзӣ соҳаи бисёр ҳассос ва ноустувори иқтисодӣ буда, он ба омилҳои гуногун алоқаманд мебошад ва қабл аз ҳама ба боду ҳаво ва боз омилҳои дигар аз қабили тухмӣ, нуриҳои минералӣ кадрҳои баландихтисоси соҳа ва болотар аз ҳама тавоноии молӣ, ки аксари хоҷагиҳои деҳқонӣ ин имконотро надорад, марбут мебошад. Агар амиқтар назар кунем соҳаи кишоварзӣ соҳаи дотатсионӣ буда, ба кӯмаку дастгирии сахти давлат ниёз дорад. Аз ин рӯ, муттаҳид намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ ба водиҳои бузурги кишоварзӣ ва ба қавли маъруф колхозу совхоз иқдоми дуруст маҳсуб меёфт. Таърих гувоҳи он гардид, ки имрӯз ҳам ин ҳодиса мушоҳида мегардад. Яъне хоҷагиҳои деҳқонӣ бисёр корҳоро ба танҳоӣ иҷро карда наметавонанд ва ба кӯмаки давлат ва дотатсия ниёз доранд.

«Барои барқарории  хоҷагии халқи Тоҷикистон Шурои Комиссарони Халқи кишвар ва Ҳукумати ИҶШС дар соли 1925 дар шакли дотатсияҳо ба буҷети давлатӣ маблағҳои калон ҷудо карданд, дар соли 1926 буҷети ҷумҳурӣ 84%, дар соли 1927  92,2%, дар соли 1928  79,7% ва дар соли 1929 72,6% аз дотатсияи Ҳукумати кишвар ва ИҶШС иборат  буд. Ин дастгирӣ дар барқарорсозии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ нақши ҳалкунанда бозид» [148, с.44].

Дар ҷумҳурӣ солҳои 1926-1929 15826 хонаводаи  муҳоҷир сокинони доимии ноҳияҳои пахтакори Тоҷикистон шуданд. Аз он ҷумла дар вилояти Кӯлоб 4761 хонаводаи муҳоҷир дар заминҳои тоза ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда мустақар шуданд. Албатта, ин кӯчониданҳо боиси он

мешуд, ки теъдоди деҳаҳои навтаъсис зиёд мешуд ва деҳаҳои нав боястӣ бо тамоми имконоти муосир таъмин карда мешуданд.

«Бо эҳтимом ва талоши Нусратулло Махсум раиси Комитети иҷроияи марказии ҶМШС Тоҷикистон аз манотиқи кӯҳистон теъдоди 4542 хонавода ба ноҳияи Вахш муҳоҷир карда шуданд. Қисме аз онҳо ба ноҳияи Фархор ба совхози «Уртабуз - 1» муҳоҷир шуданд. Аммо, бо сабаби шароити бад дар соли 1929 200 хоҷагӣ аз ин мавзеъҳо ба ҷойи аввалаи зисти худ баргаштанд» [149, с.424].

«Яке аз аввалин шаҳракҳои нав барои сокинони нав шаҳраки совхози ғалладонагии «Данғара» маркази ҳозираи ноҳияи Данғара буд, ки сохтмони он соли 1930 оғоз ёфт» [264]. «Хоҷагӣ дар ихтиёр 6 гектар замини обёрӣ ва 6 гектар замини бекорхобида, 7 асп, як ҷуфти гов барои нарм кардани замин, 12 гов, 6 маркаб, 4 каланд, 5 бел, 12 дос (доси маҳаллӣ), 19 бинои истиқоматӣ буд» [88, с.17].

«Заминҳои кишоварзӣ тадриҷан ба колхозҳо ва совхозҳо табдил ёфтанд. Дар таъсиси хоҷагиҳои нави муҳоҷирон ҳукумати кишвар аҳамияти махсус медоданд, ки шумораи онҳо дар лаҳзаи ташкили ҶШС Тоҷикистон, дар вилояти Кӯлоб аллакай зиёда аз 1335 хоҷагӣ буд ва боз 1180 нафар муҳоҷирони дохилӣ илова гардиданд» [142, с.209].

«Мавзеъҳои ояндадори пахтакории ноҳияҳои вилояти Кӯлоб бо кишоварзон таъмин гардиданд. Дар ҳудуди округи Кӯлоб кӯчонидани муҳоҷирони дохилии 1236 хоҷагӣ ба роҳ монда шуд» [19, в.45]. «Теъдоди умумии муҳоҷирон ба 7231 хонавода расонида шуда буд, минҷумла аз Ховалинг 300 хонавода, Балҷувон 200 хонавода, Муъминобод 280 хонавода ва ноҳияи Кӯлоб 100 хонавода муайян карда шуд» [19, в.46]. «Дар асл дар вилояти Кӯлоб ҳамагӣ 8019 хоҷагӣ муҳоҷир шуда буданд» [142, с.472].

Аз ин рӯ, дар Кӯлоб боястӣ 800 хонавода ва дар ноҳияи Фархор 1500 оила соҳиби макони зисти худ мегаштанд. Ин теъдод мутобиқ ба муҳосибаи мутахассисон имкон фароҳам меоварда, ки дар ин мавзеъҳо соҳаи кишоварзӣ ба ҳаракат даромада, аз ин маҳалҳо ҳосили фаровон рӯёнида шавад.

«Барои пахтакорони нав меъёрҳои истифодаи замин барои як хоҷагӣ чунин муқаррар карда шуда буд: 3,5 гектар замин пахтакорӣ, 2,5 гектар замини навкорам ва 3,5 гектар замини боир барои ноҳияҳое, ки заминҳои боири зиёд  доштанд» [142, с.472]. Шумораи умумии муҳоҷирон аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасманд карда шуда, ба онҳо имтиёзҳои гуногун медоданд.

Дар марҳилаҳои таърихии Иттиҳоди Шуравӣ барои обод кардани водиҳои ҷумҳурӣ аҳолӣ аз манотиқи гуногуни Иттиҳоди Шуравӣ хоссатан аз Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҷалб карда мешуданд. Барои ҷалби одамон ба ин водиҳо нафарони масъул ба он манотиқ сафар мекарданд, дар байни мардум тарғиботу ташвиқот мебурданд, онҳоро бо имтиёзҳое, ки давлат барои муҳоҷирон дар назар гирифт буд, ошно мекарданд ва бо ин роҳҳо одамонро ба ҷойҳои нав ҷалб мекарданд.

Агар ба рақамҳо рӯ биоварем, дар кулл дар ин давра, яъне то моҳи марти соли 1931 10454 хонавода ба маконҳои мухталифи ҷумҳурӣ оварда шуда буд ва 3396 хонавода дар ин васат аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳоҷир карда шуда буданд, ин дар марҳалаи аввал сурат гирифта буд.

Дар марҳилаи дуюм бошад, 8052 хонавода барои муҳоҷир шудан ба водиҳои ҷумҳурӣ ҷалб карда шуда буданд, ки аз ин теъдод  2576 хонаводааш аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон буд. Ин раванд идома дошт ва ба ҳамин минвол бо теъдоди зиёд хонаводаҳо барои муҳоҷир шудан ба ин манотиқ тарғибу ташвиқ карда мешуданд.

Як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки чун Иттиҳоди Шуравӣ худ давлати абарқудрат буд, аз ин лиҳоз ҳам нақшаҳои хеле бузург ва ҳаҷимро пиёда мекард. Масъалаи муҳоҷир кардан ба водиҳо худ барномаи хеле доманадор ва фаррохе буд, ки он муддати хеле тулониеро дар бар мегирифт. Боз ин ки ҷо ба ҷо кардани аҳолӣ, яъне кӯчонидани аҳолии муқимӣ ба маконҳои нав дар пай ин қадар мушкилот дорад, ки бо як калом тамоми он мушкилотро, ки бар асари муҳоҷиркунӣ пеш меояд, баён кардан ғайриимкон аст [20, в.26]. «Дар натиҷа ба ноҳияи Кӯлоб 853 хонавода ва ба ноҳияи Фархор 1060 хонавода кӯчонида оварда шуданд» [20, с.27]

Метавон гуфт, ки Ҳукуматдорони вақт супориш ҳизбу давлатро дар замони худ бомуваффақият анҷом доданд.

«Бо вуҷуди ин муҳоҷиркунӣ дар пай мушкилоти зиёде дошт, аммо вақт собит кард, ки ин иқдом дуруст будааст ва мо натиҷаи мусбати ин иқдомҳои давлатмардони замони худро бо чашми сар дида истодаем. Дар маҷмуъ, давлат барои ба ҷойҳои нав кӯчонидани мардум маблағҳои калон ҷудо мекард. Ҷиҳати қарз додан ба муҳоҷирон дар буҷети умумииттифоқ 6,3 миллион рубл ҷудо карда шуд» [96, с.101].

«Дар охири солҳои 40-уми асри XX дар қаламрави ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) на камтар аз 15 колхоз вуҷуд дошт, ки инҳо колхозҳои ба номи Чапаев (қ. Саркокул), ба номи Пушкин (қ. Нуғай), Қаҳрамон (қ.Тутбулоқ), ба номи Фрунзе (қ. Чордара), ба номи Молотов (қ. Чордараи Поён), ба номи Жданов (қ. Саркокули Боло), ба номи Телман (қ. Мурғоб), ба номи Максим Горкий (қ. Даҳана), ба номи Ворошилов (қ. Оқмазори Боло), Комсомол (қ. Оқмазори Миёна), ба номи Сталин (қ. Оқмазори Поён), Сарҳадчии сурх (қ. Тудабоён), ба номи Энгелс (қ. Муғул), Иттифоқ (қ. Чӯбек), Сарҳадбони сурх (қ. Чойлобкамар)» [240, с.22-23] буданд, ки аҳолии асосии онҳо муҳоҷирон буданд.

Мо болотар ҳам зимни баррасии масоили гуногуни муҳоҷиркунӣ ин нуқтаҳоро ёдовар шуда будем, ки давлати вақт барои татбиқи сиёсатҳои хеш нақшаҳои азим дошт ва барои пиёда кардани ин нақшаҳои худ гомҳои қавӣ ва мустаҳкам бармедошт ва дар ин масир душманони дохилӣ ва хориҷии зиёде дошт, ки рушду тараққии давлати навро намехостанд ва ба ҳар тариқ монеа эҷод мекарданд. Акнун ин ҷо якчанд омили ба ҷойҳои зисти аслии хеш баргаштани муҳоҷиронро ном мебарем:

а) дар байни муҳоҷирон ашхоси боқимондаҳои синфи ҳокими замони амирӣ буданд ва онҳо ба пешравӣ ва тараққии давлати нав ва роҳандозии кишоварзӣ дар манотиқи нав барои ба даст овардани маводи хоми стратегӣ аз қабили пахта манфиатдор ва алоқаманд набуданд;

б) халқи мо як одат дорад, ки кӯч баст ва ба ҷойи нав рафтанро дӯст намедорад ва агар ба адабиёти шифоҳӣ назар андозем мебинем, ки чи қадар рубоиҳои ҷонгудозе дар бораи фироқ, дурӣ аз Ватан ва амсоли инҳо баён доштаанд. Аз ин лиҳоз, тоҷикон ватани кучаки худро ин қадар дӯст медоранд ва ба он дилбастаӣ доранд, ки аз он чудо шудан намехоҳанд ва ин ҷо ба ҷойи баробар ба марг медонанд, аксари калонсолони деҳа ва ё ба қавли маъруф пирони деҳа дар муҳоҷиратҳои аввал худ ба муҳоҷират баромада, аммо хонаводаҳои худро дар деҳаҳои кӯҳистон боқӣ гузоштаанд ва дар фурсати муносиб фирор карда боз ба деҳаҳои худ бармегаштанд;

в) нафаҳмидани масъулияти баланд дар воҳидҳои кишоварзии навтаъсис ба мақсади ба даст овардани ҳосили фаровон ва аз ин роҳ боло бурдани сатҳи зиндагии мардум;

г) назорат набурдан аз фаъолият ва зисти муҳоҷирон дар маконҳои нави зиндагӣ ва аз ин роҳ фаҳмидани мушкилоти муҳоҷирон, инчунин, камтар ҷалб намудани муҳоҷирон ба корҳои нави маданию равшаннамоӣ дар маҳалҳо. Яъне бо як калом метавон гуфт, муҳоҷирон бе назоарт монда буданд ва наметавонистанд одат кунанд, ки оё мухоҷирон ба маҳалли нави зисти хеш одат кардаанд ё не ва амсоли инҳо.

Ин норасоиҳо зимни раванди муҳоҷирати идомадор ислоҳ карда шуданд.

«Соли 1932 аввалин шумораи рӯзномаи «Ҳақиқати Кӯлоб» аз чоп баромад. Метавон гуфт, ки он солҳо ин аввалин нашрияе маҳсуб мешуд, ки ҷараёни муҳоҷиркунӣ ва обёрии ин маконҳоро дар саҳифаҳои худ дарҷ ва инъикос мекард. Хабарнигороне аз қабили С. Ашуров, Р. Сидиқов, А. Муродов, К. Исмоилов, К. Каримов ва муншии рӯзнома М. Носирова масоили гуногунро дар канори обёрӣ ва муҳоҷиркунӣ инъикос мекарданд» [272].

Дар мамлакат аз соли 1938 шуруъ карда 91,5% хоҷагиҳои деҳқонӣ ба хоҷагиҳои коллективӣ табдил додад шуданд. Ноҳияҳои баландкӯҳ Шурообод

(н. Ш. Шоҳин) ва Даштиҷум аз коллективонӣ хеле қафо монда буданд[272]. Фоизи хоҷагиҳои коллективонишуда 56% - ро ташкил медод.

Дар асоси иҷрои қарорҳои Шурои Комиссарони Халқи ИҶШС ва «Кумитаи Марказии ВКП(б) аз 11 апрели соли 1938 ба ҷумҳурӣ 147 адад тракторҳои тамғаҳои гуногун ворид карда шуданд, ки ин амал корҳои кишоварзиро дар минтақаҳои навзамин ба маротиб тезонид. Дар асоси чунин шумораи тракторҳо дар минтақаи Кӯлоб МТС-и Ховалинг таъсис дода шуд. Ҳамзамон дар асоси ин қарор ноҳияҳои Фархор, Шурообод ва Даштиҷуми вилояти Кӯлоб аз супоридани нақшаи гӯшт ва ғалла дар ҳосили соли 1938 озод карда шуданд» [143, с. 39].

«Бар асоси ин тасмим бо гов ва дигар чорвои калони шохдор тамин намудани муҳоҷирон, таъсиси Истгоҳи мошинӣ-тракторӣ (ИМТ - МТС) дар Ховалинг, таъсиси шабакаи обёрии мошинӣ дар ноҳияи Қизилмазор (н. Темурмалик), мустаҳкам кардани соҳилҳои шусташуда дар ноҳияи Кӯлоб пешбинӣ карда шуда буданд» [143, с. 43-44].

«Дар вилояти Кӯлоб раванди интиқоли Ҷамъияти рафиқонаи заминистифодабарандагон (ҶРЗ -ТОЗ) ба Оинномаи кишоварзӣ душвор буд. Хусусан дар ноҳияҳои Сарихосор, Ховалинг ва Муминобод. Инчунин, дар ҳуҷҷат баҳисобгирии пурраи рӯзҳои корӣ дар ноҳияҳои номбаршуда ба колхозчиён қайд карда мешавад» [143, с.54].

Ҳамчунин, ҳуҷҷатҳо аз ҷониби роҳбарони колхозчиён барои намоишгоҳи умумииттифоқии кишоварзӣ дар ш. Москва дар соли 1940 инро қайд мекунанд.

Ҳам дар ҷумҳурӣ ва ҳам дар вилояти Кӯлоб, дар ҷараёни андозагирии қитъаҳои наздиҳавлигии колхозчиён, ашхоси ҷудогона ва дигар узви колхозҳои дар деҳот зиндагикунанда, ки соли 1939 доир карда шуда буданд, хатогиҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, аз қабили аз тартиби муайяннамудаи меъёр зиёд додани заминҳои иловагӣ. Ин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки бо ахзи қарору дастурҳои дархӯр дар сатҳи боло аз содир шудани хатоиҳо ҷилавгирӣ карда шуд. Бо ин мақсад Ашуров Д. ба ҳайси намояндаи Ҳукумати

Ҷумҳурӣ ҷиҳати доир кардани мулоқот ва ҳаллу фасли масъалаҳои ба пеш омада ба минтақаи Кӯлоб ташриф овард.

«Миёни солҳои 1945 – 1946 ба ҷумҳурӣ аз тамоми гӯшаю канори мамлакати паҳновари Иттиҳоди Шуравӣ муҳоҷирон ҷалб карда шуданд, ки онҳо дар маҷмуъ 6 ҳазор хонаводаро ташкил медоданд ва шомили 19313 нафар аҳолӣ ва аз ҷумла 9968 нафарашон қобили меҳнат буд» [39, в.16].

«Дар натиҷа 25 колхоз аз ҳисоби хонаводаҳои муҳоҷирони дохиличумҳуриявӣ таъсис дода шуд. Минҷумла, соли 1946 як идда аз сокинони деҳаҳои маҳаллаи Ҷорубқули ноҳияи Қизилмазор (н. Темурмалик) бо тамоми хоҷагӣ (колхози 8 Март), аз ноҳияи Даштиҷум ба деҳаҳои «Нури Шарқ», «Иттифоқ», «Роҳи Ленин», Қизилмуҳоҷир ба ноҳияи Ҳамадонӣ муҳоҷират намуданд» [293, с. 493].

Дар маҷмуъ, дар соли 1947 бори аввал, теъдоди 100 хонавода бо лавозимоту асбобу ускунаи хеш раҳсипори вилояти Кӯлоб шуданд.

Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки агар муҳоҷиркунӣ ба хотири обод намудани заминҳои нав ва аз ин роҳ авҷ додани соҳаи кишоварзӣ ва хоссатан пахтакорӣ бошад, аз сӯйи дигар бо ин иқдом давлатмардони замон ва бавежа Қаҳрамони Тоҷикистон Бобоҷон Ғафуров мехост, ки аҳолии манотиқи гуногуни ҷумҳурӣ ба ҳам омехта шуда ҳиссу эҳсоси маҳалгароӣ дар байни онҳо нест шавад, ҳадди ақал камтар шавад. «Мо аз баландои имрӯз ба ин масъала нигоҳ мекунем, ки ин воқеан ҳам дуруст будааст. Масалан, собиқ вилояти Қӯрғонтеппа, водии Вахш ҳоло вилояти Хатлон макони аслии муҳоҷирон аз тамоми манотиқи кишвари паҳновари Шуравӣ ва хоссатан минтақаҳои ҷумҳурӣ буда, дар ин мавзеъ халқу миллиятҳои гуногун ва аҳолии маҳаллҳои мухталифи Тоҷикистон он қадар ба ҳам омезиш пайдо кардаанд, ки метавон бо итминони комил гуфт, ки дар байни аҳолии ин минтақа ҳисси нанговари маҳалчигӣ ва ё маҳаллгароӣ вуҷуд надорад. Агар парастиши ватани аҷдодии хеш низ ҷой дошта бошад, он ҳеҷ гоҳ ба зарари аҳолии маҳалли дигар набуда, фақат ёде аз маконҳои аҷдодӣ мебошаду халос» [243].

Дар давраи таҳқиқшаванда масъалаи муҳоҷиркунӣ масъалаи хеле калоне буд ва ба иллати ҷаҳиму фаррор будани он аз камудиҳо орӣ набуд, аз қабули маҷбур кардани мардум ба муҳоҷират дар сурате, ки он ихтиёрӣ эълон шуда буд ва инчунин дар макони зисти нав камтаваҷҷуҳӣ зоҳир кардан ба муҳоҷирон ва баррасию ҳаллу фасл накардани мушкилоти муҳоҷирон дар маҳаллоти нави зисташон буд. Барои мисол дар тӯли соли 1947 кумитаи иҷроияи ноҳияи Кӯлоб ҳеҷ гоҳ дар ҷаласаҳои худ масъалаи муҳоҷиронро дар ҷаласаҳои хеш мавриди баррасӣ қарор надоданд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурӣ дар ҷаласаҳои хеш ин масъаларо баррасӣ намуда, онро зери назорати худ қарор дод.

«Қарорҳои пленуми апрели (с.1947) Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон барои ташкили саривақтӣ ва мунтазами кӯчонидан аҳаммияти калон доштанд, ки ба ҳукумати ҷумҳурӣ дастур доданд, ки дар давоми соли 1947 кӯчонидани 7800 хонаводаро аз колхозҳои баландкӯҳ ва камзамини вилоятҳои Ленинобод, Ғарм ва Кӯлоб муайян кунад» [17, в.16].

Пас аз он ки камбудӣ ва норасоиҳо дар ин самт ошкор гардид дастандаркорон ба ҳаллу фасли онҳо шуруъ карданд, тасмим гирифта шуд, ки колхозҳои манотиқи кӯҳистони камзамин бо тамоми бригадаҳояш дар якҷоягӣ кӯчонида шаванд.

Ҳокимони маҳаллӣ ва марказӣ ҳама дар якҷоягӣ ба кӯмаку дастгирии муҳоҷирон басиҷ шуданд. Пас аз он ки анҷумани VII Ҳизби коммунист масъалаи муҳоҷиркунӣ ва ба роҳ мондани пахтакорӣ ва куллан масоил кишоварзиро мавриди баррасӣ қарор дод ин масоил авҷи тоза касб карда, аз сари нав кор гирифта шуд.

Тасмим бар ин буд, ки заминҳои нав аз ҳисоби заминҳои боир ва туғайзорҳо ба гардиши кишоварзӣ дохил карда шавад ва аз ин раҳовард ҳосили фаровон ба даст оварда, сатҳи зиндагии мардум баланд бардошта шавад. Ҳукуматдорони вақт баландбардории сатҳи зиндагии аҳолиро дар роҳандозии колхозу совхозҳои пахтакор медиданд ва аз ин рӯ ташкили колхозу совхозҳои нав дар манотиқи нав авҷи калон касб карда буд.

Бо иштироки бевосита ва фаъоли муҳоҷирон, ки аксари онҳо акнун муқимӣ гашта  буданд, дар заминҳои нав заҳбуру заҳкашҳо канда шуда, ботлоқзорҳо хушконида мешуданд ва аз ин роҳ заминҳои кишоварзӣ зиёд карда шуда, барои ба даст овардани ҳосили хуб заминаҳо фароҳам карда мешуданд.

Соли 1949 дар ҷумҳурӣ 5347 хонавода ба заминҳои навкорам кӯчонида шуд, аз он 635 хонавода ба вилояти Кӯлоб кӯчонида шуданд.

Колхози «20 – солагии Тоҷикистон» соли 1949 дар мавзеи Чӯбек таъсис дода шуд, ки ба ин макон аҳолиро аз мавзеъҳои Сарихосор, Ховалинг ва Балҷувон кӯчонида буданд, инчунин дар ин макон колхози ба номи Фрунзе низ таъсис дода шуд.

«Гуфтан ҷоиз аст, ки дар тули соли 1949 дар кишвар 5347 хонавода ба маконҳои нав кӯчонида шуданд. Хонаводаҳои дар маконҳои нав ба обёрӣ ва шодоб намудани заминҳои боир оғоз карда, дар андак муддат ба муваффақиятҳои калон ноил гаштанд. Соли 1950 мутобиқ ба барномаи тарҳрезишуда боястӣ 6500 хонавода муҳоҷир карда мешуданд» [17, в.16].

Дар маҷмуъ,  тамоми мошинаи давлатӣ барои анҷом додани ин масъала басиҷ шуда, корҳои бузурге дар ин замина анҷом дода мешуд.

Ҳукумати шуравӣ дар бораи муҳоҷирон ғамхории махсус зоҳир мекард. Муҳоҷирон шомили имтиёзҳои калон гашта буданд.

Дар солҳои баъди ҷангӣ Иттиҳоди Шуравӣ тоза аз ҷанги хонумонсӯз берун омада буд ва бояд иқтисоди дар замони ҷанг харобу валангоршудаи хешро тармиму таъмир мекард ва корхонаҳои насоҷҷии он ба ашёи хоми ватанӣ ниёз доштанд. Аз ин рӯ, тамоми мошинаи давлатӣ ва ашхоси алоҳидаи он ба ин кор ҷалб шуда буданд.

Вақте мо ба асноду мадорики бойгонии ин давра рӯ овардем аз онҳо бармеомад, ки муҳоҷиркунӣ сол ба сол афзоиш ёфтааст. Мутобиқ ба нақшаи муҳоҷиркунӣ, масалан солҳои 1949 -1952 бояд дар мамлакат 18200 оила муҳоҷир карда мешуданд.

«Дар натиҷаи сиёсати кӯчонидани солҳои 1946-1950 ва ташкили колхозҳои нав дар соли 1950 ноҳияи Фархор ба ду ноҳия: Фархор ва Чӯбек тақсим карда шуд. Минҷумла, дар тули соли 1951 ба навоҳии Фархор ва Чӯбеки (ҳоло н. Ҳамадонӣ) вилояти Кӯлоб 43 колхоз ва 5 бригада бо теъдоди 2363 хонавода кӯч бастанд» [18, в.16].

«Бояд таъкид кард, ки дар солҳои 50 –уми асри гузашта чунин қароре қабул карда шуда буд, ки аз манотиқи кӯҳистон тамоми мардум ба водиҳо кӯчонида шаванд, яъне мавзеъҳои кӯҳистон бояд комилан тахлия мешуданд. Соли 1950 ба ноҳияи Чӯбек бо даъвати ҳукумати кишвар барои азхудкунии заминҳои навкорам аввалин муҳоҷирон аз ноҳияҳои баландкӯҳи Ховалинг ва Балҷувон омаданд. Бо техникаи ҳозиразамон муҷаххаз гардида, муҳоҷирон садҳо гектар заминҳои туғайзорро азхуд намуданд. Дар зиёда аз 5 ҳазор гектар заминҳои навкорам майдонҳои пахтазор, обчакорӣ, боғот ва ангурзор паҳн гардида буданд» [254].

Мутобиқ ба ахбори санадҳои идорӣ ва ҳизби соли 1951 аксари аҳолии деҳоти Даштиҷум ва Шурообод ба ноҳияи Чӯбек кӯчонида шуданд ва дар маҳал соли 1952 онҳо колхози ба номи Булганинро ташкил доданд [18, в.16]. Ва ба ҳамин тартиб пас аз муҳоҷир кардани аҳолӣ аз деҳаҳои гуногуни кӯҳистони тоҷик соли 1951 совхози «Метантуғай» таъсис дода шуд.

«Аз ҳисоби муҳоҷирон дар ноҳияи Москва (н. Ҳамадонӣ) се хоҷагии калон таъсис дода шуд: колхози ба номи Ленин ва совхозҳои ба номи С. Турдиев ва Сурхоб» [240, с.22-23].

Ва дар вилояти Кӯлоб бештар ба ноҳияи Чӯбек ва Фархор, ки заминҳои ҳосилхез доштанд, муҳоҷирон оварда мешуданд. Солҳои 50-60 –уми қарни XX дар Иттиҳоди Шуравӣ дигаргуниҳои азим рух доданд, мамлакат ба корҳои азим аз қабили обёрии заминҳои боири кишвари Қазоқистон шуруъ карда буд, аз ин рӯ тамоми неру ба он самт ҳавола карда шуда буд. «Бо вуҷуди ин, кӯчонидани муҳоҷирати дохилӣ фаъолона сурат гирифт. Масалан, дар охири солҳои 40-ум аз деҳаҳои хурди кӯҳии ноҳияҳои Шурообод, Ховалинг ва Балҷувон тамоми деҳаҳо ба водиҳои ноҳияи Восеъ, ба колхози

ба номи Ленин дар солҳои 50-80 – уми асри XX муҳоҷират намуданд, ки раиси он Миралӣ Маҳмадалиеви қаҳрамон буд» [163, с.41-46].

Бояд қайд намуд, ки баъзе хонаводаҳо аз вилояти Ленинобод низ ба вилояти Кӯлоб кӯч бастанд. Аз ин рӯ, барои ба ҷойи нав мунтақил шудани ин хонаводаҳо хӯрока ва дигар лавозимоти роҳ тахсис дода шуд. То ин хонаводаҳо зимни кӯч бастан танқисӣ накашанд. Ба ҳар ҳол роҳи тӯлонӣ ва макони камтар ободу ношинос барои ин хонаводаҳо тарсу ҳаросро эҷод мекард.

Акнун давлатмардони вақт таҳти роҳбарии Ҳизби коммунист тамоми чораҳои заруриро меандешиданд, ки маъракаи муҳоҷиркунӣ ва таъсиси хоҷагиҳои нав дар заминҳои тоза ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуда, сари вақт ва бе каму кост анҷом дода шавад. Воқеият ҳамин тавр буд, ин маърака сарфи назар аз мушкилоти мавҷуда хеле хуб ҷараён гирифт ва бомуваффақият ба нуқтаи ниҳоии хеш расид. Аммо дар ин муддат ин роҳ он қадар ҳам тахту ҳамвор набуд ва каму костиҳои зиёде дошта ба мушкилоти гуногун рӯ ба рӯ мешуд. Мо дар ин бора дар қисматҳои болои кор зиёд ёдовар шудем ва дар қисмати поёнии кор низ ба ин масъала як бору ду бор не, балки маротиби муқаррар бармегардем. Дар маҷмуъ, низоми давлати Иттиҳоди Шуравӣ шумурда ва ҳисобшуда маҳсуб меёфт ва тамоми корҳое, ки дар сартосари ватани паҳновари Шуравӣ сурат мегирифт, рӯйи барнома ва риволи мушаххасу дақиқ сурат мегирифт ва аз ин рӯ мунҷар ба муваффақият мешуд. Дар кулл агар бихоҳем каме рӯйи ин масъала баҳс кунем, зикри он ба маврид аст, ки давлати абарқудрати Шуравӣ ба идеологияи коммунистӣ-марксистӣ такя мекард ва давлати коргарону деҳқонон маҳсуб меёфт ва касе, ки кор мекард ва заҳмат мекашид, қадру манзалаташ пеши дастгоҳи давлатӣ ва давлатмардони он хеле боло буд. Агар дар ин мақта, ки баҳсро каме рӯйи риволи давлатдорӣ ва низоми корҳо оғоз кардаем, суҳбатро идома диҳем, гуфтан ҷоиз аст, ки аз назари рушди иқтисодӣ солиёна рушди он то 12 – 13 фоизи солонаро ташкил медодааст, ки мо дар таърихи чанд даҳсолаи охир қарни XX ва XXI чунин нишондиҳандаҳоро надоштем. Пас агар ин тавр аст,

тасмимҳо дуруст буданд. Ин андешаҳо моро ба он водор мекунад, ки рӯйи андешаи ҳоким ва ё андешаи давлатӣ фикр кунем ва тариқу наҳваи коргирӣ аз онро бояд ҷустуҷӯ карда пайдо кунем. Албатта, ин масир бояд масире бошад, ки бар зарари ҷонибдорони андешаҳои  дигар набошад. Яъне чандандешӣ, ки тайи чанд даҳсола дар кишвари мо побарҷост боястӣ ҳифз ва сайқал дода шавад ва онро ба унвони муҳимтарин дастоварди чанд даҳсолаи охир пиндоштан лозим аст. Аммо дар канори ҳамаи ин роҷеъ ба як ғояи миллие андеша кардан лозим аст, ки дархӯри тамоми ақшори ҷомеа бошад. Дар ин масир ба андешаи инҷониб ҳеҷ шакку тардиде вуҷуд дошта наметавонад.

Ин гурези иҷмолие буд, ба андешаи мо барои тақвияти кор ва ифшои мавқеи мо кӯмак ва мусоидат хоҳад кард.

Дар ин давра ба заминҳои нав дар вилояти Кӯлоб аз тамоми навоҳии ҷумҳурӣ муҳоҷирон оварда мешуданд, албатта тибқи нақшаи муайяне ин корҳо анҷом дода мешуд. Як нуктаро мехостам дар ҳамин ҷо қайд кунам, ки як ҳусни замони Шуравӣ ин буд, ки тамоми корҳо ва фаъолияту амалиёти дастандаркорон рӯйи ривол, нақша ва барномаҳои вижа пиёда мешуд.

Аз ин рӯ, ҳамаи корҳое, ки он замон иҷро шуда буданд ва имрӯз низ мо баъзеи он корҳоро анҷом дода истодаем, ба мисли обёрии заминҳои ташналаби ноҳияи Данғара, бунёди неругоҳи барқии обии Роғун ва боз даҳҳо тарҳҳои дигар аз он замон сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, кӯчонидани аҳолӣ ба вилояти Кӯлоб ва дигар навоҳии навтаъсис рӯйи барнома ва риволу тартиби вижа сурат мегирифт ва боз як нуктаи дигарро таъкид кунем, ки қабл аз оғози ин ё он кору тарҳ он ба товри амиқу дақиқ аз тарафи коршиносони соҳа омӯхта мешуд, ваҷҳҳои молиявии он ҳисоб карда, сипас барои татбиқ ироа мегардид.

Яъне кӯчонидани аҳолӣ аз навоҳии кӯҳистон ба  заминҳои нави вилояти Кӯлоб ҳамон тавре қаблан ёдовар шудем мутобиқ ба нақшаҳои қаблан тарҳрезишуда идома дошт ва сол то сол авҷи нав касб мекард.

Аз ин рӯ, агар нақшаи кӯчонидани 1300 хонаводаро барои вилояти Кӯлоб дар назар гирифта бошанд, дар асл 1518 хонавода кӯчонида шуданд.

Мутобиқ ба гуфтаҳо муҳоҷирони солҳои 1953 – 1956 кохозҳои ба номи «Коммунизм» ва «Москва»-ро дар ноҳияи Восеъ ташкил додаанд. Албатта, он вақт ин ноҳия номи Колхозободро дошт.

Бахше дигари муҳоҷирон аз ноҳияҳои Шурообод ва Даштиҷум дар ноҳияи Чӯбек колхозҳои «Правда» (1951), «Дружба» (1954), ба номи Ленин (1956), ба номи Киров (соли 1956) ва совхози ба номи С. Турдиев (соли 1959)-ро таъсис доданд.

Бояд қайд намуд, ки ҳангоми суҳбат бо муҳоҷир аз деҳаи Мулёби ноҳияи Даштиҷум Шамсов Мадисо, аён гардид, ки ҳамдеҳагони онҳоро соли 1950 аввал ба деҳаи Чордара, сонӣ ба деҳаи Гулистони хоҷагии «Правда» кӯчонида оварданд. Дар деҳа чор хонаи лойин буду халос. Танҳо бо меҳнати пурсамар ва якҷояи муҳоҷирон рӯзона барои азхудкунии заминҳои туқайзор мерафтанду, бегоҳӣ то як нисфи шаб барои худашон хонаҳои лойин месохтанд. Ҳамин тарз то тирамоҳи ҳамон сол қариб ҳамаи муҳоҷирон соҳиби хонаҳои болопӯш гардиданд. Хонаводаҳое, ки тайи ин солҳо (1953-1960) ба ҳайси муҳоҷир ба ин манотиқ кӯчонида шуданд, шомили 17218 хонавода бо теъдоди 19296 нафар аҳолӣ буданд.

Кӯчонидани аҳолӣ ба заминҳои тахту ҳамвору васеи вилояти Кулоб корҳои кишоварзиро хеле авҷ дода ва боиси тавлиди зиёди маҳсулоти кишоварзӣ шуд, ҳамаи ин ба боло рафтани сатҳи зиндагии аҳолӣ мусоидат мекард. «Бояд эътироф намуд, ки роҳбарияти ҳамонвақта дастандаркорон барои анҷом корҳо бо васоили техникӣ таваҷҷуҳи калон медоданд ва дар баробари меҳнати дастӣ, ки дар аввоили ташкили Иттиҳоди Шуравӣ хеле зиёд буд, дар солҳои 50 –уми қарни бист бештар васоити техникӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда мешуд, яъне солҳои 50-уми қарни XX дар соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ 3704 адад трактор мавҷуд буд, ки ин баробари 14,2 ҳазор қувваи асп буд» [4, в.13-15].

Як нуктаи хеле муҳим дар раванди муҳоҷир кардан ва ба заминҳои нав кӯчонидани мардум он буд ки, дастандаркорон ва онҳое, ки он замонҳо дар раванди ин маърака қарор доштанд, ба масоил ин тавр назар мекарданд, ки ҳар чи воҳид, хоҷагӣ ва хонавода бузургтар бошад, ҳамон қадар кор осон мешавад ва натиҷаҳо низ назаррас хоҳанд буд.

Аз ин рӯ, дар собиқ давлати абарқудрати Шуравӣ дунболи бузург кардани тамоми муассисаю идораҳо мерафтанд, то ба натиҷаҳои назррасе ноил гарданд. Ба назари мо, вақте мо ин қазияро аз замони худ нигоҳ мекунем ва ба риштаи таҳқиқ мекашем ин дуруст аст, чунки бавежа дар соҳаи кишоварзӣ ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас амри муҳол аст. Ба хотири он ки риволи корҳо чунин аст, ки дар аксари маворид натиҷаи ниҳоии кор ба омилҳои субъективӣ вобастааст, яъне ба вазъи боду ҳаво. Агар ҳаво хуб биёяд, ҳосил хуб мешавад, вагар не, натиҷаҳо нохуб мешаванд. Дар чунин ҳолат барномарезию пайрезӣ ва нақшакашиҳо бебунёд мешаванд. Аз ин рӯ, дастандаркарони вақт дунболи воҳидҳои ҳаҷиму бузурги кишоварзӣ мегаштанд, ки ин воҳид захираи зиёд дошта бошад ва дар марҳилаҳои мураккаб битавонад ҷуброни хисорот намояд. 12 апрели соли 1955 бо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ва КМ ҲК совхозҳои нави чорводорӣ дар дар вилояти Кӯлоб дар заминаи воҳидҳои кишоварзии мавҷуда аз ҳисоби онҳое, ки ба ин манотиқ кӯчонида шуда буданд, совхози хеле калоне таъсис дода шуд. Аз ин ҷумла солҳои 1955 – 1956 дар қарор омада буд:

«а) воҳиди кишоварзии совхози парвариши гӯсфанди маҳинпашм дар ноҳияи Данғараи вилояти Кӯлоб бо саршумори 20 ҳазор сар гӯсфанд, совхози гӯсфандпарварии маҳинпашм дар ноҳияи Данғараи вилоят ҳазор гӯсфанд ташкил карда шавад. Совхози навтаъсис дар заминаи колхози ба номи Ленин ва колхозҳои ба номи Ворошилов ва Молотови ноҳияи Данғара ташкил карда шавад.

б) ба ҳамин минвол хоҷагии чорвои калони гӯштӣ дар ноҳияи Ховалинги вилояти Кӯлоб дар он маконҳое, ки аз он ҷойҳо мардумро ба

водиҳо муҳоҷир карда буданд таъсис дода шуд, бояд гуфт, ки ин дар собиқ ноҳияи Балҷувон буд» [38, в.350].

Як ҳусни корҳо дар он замон ин буд, ки тамоми корҳо рӯйи ривол ва нақшаи муайяне сурат мегирифт, яъне ба қавли мардум ҳамаи чиз ҳисобу китоб дошт ва пас аз чанде барои санҷидани корҳо аз он корҳо натиҷа мегирифтанд, ки оё натиҷа мусбат аст ва ё манфӣ, аз ин рӯ, соли 1956 коршиносон совхозҳо даст ба ҷорӣ намудани шакли ҷадиди мақомот ва пардохти ҳаққи корро рӯйи кор гирифтанд. Барои мисол, совхозҳо ба деҳот, деҳот ба шуъбаҳо ва шуъбаҳо ба воҳидҳо тафкик карда мешуданд. Агар деҳкада ҳаҷман калон бошад, кӯшиш карда мешуд, ки он ба якчанд воҳид тафкик карда шавад, масалан онҳо рақамгузорӣ мешуданд. Ҳар як шуъба дорои якчанд воҳид буд, ки онро воҳиди кишоварзӣ ва ё воҳиди киштгардон меномиданд. Тамоми ин воҳидҳо бевосита ба дастгоҳи аслии воҳиди кишоварзӣ, ки онро совхоз меноманд тобеъ мешуд. Нисбат ба хоҷагиҳои коллективї, бо ном колхозҳо низ чунин бархӯрд мешуд. Ин воҳидҳои кишоварзӣ то имрӯз мавҷуд мебошанд, аммо бо номи деҳа ва ё деҳкада, вале мудирияти воҳид барҳам дода шуд. Як нуктаро дар ҳамин ҷо ишора кардан ба маврид аст, ки ҳамаи иқдомҳое, ки ба кор гирифта мешуданд, пас аз муддате онҳо санҷида мешуданд, ки то кадом андоза ин воҳиде, ки ҷорӣ шуд ба манфиат ва ё суди кор ва ё баръакс мебошад. Аз ин рӯ, чунин тасмим ва корҳо ҷараён дошт, яъне таъсису барҳам додани воҳидҳои гуногуни кишоварзӣ дар деҳот. Вақте мутахассисон медиданд, ки ин ё он воҳиди таъсис дода шуда, функсия ва вазифаи худро иҷро кардааст ва он дар ҳоли ҳозир лозим нест, шуруъ мекарданд ба ислоҳ ва тағйир додани ӯ. Ба назари мо ин як амри дуруст ва воқеӣ аст, чунки дар ин сарзамин дар тули қарнҳо шакли заминдорӣ ва кишоварзӣ якнавохт ва якхела буда, давлат ва давлатмардон хеле кам ба ин соҳа таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Шояд сараввал ин аз рӯйи нодонии кор бошад, сонӣ аз рӯйи набудани имконот, маблағ ва техника. Имрӯзҳо ва солҳои 50- уми қарни XX ин масоил, яъне танзими кору фаъолият дар соҳаи кишоварзӣ асос ва бунёди илмӣ пайдо кардааст ва ҳамаи

корҳо дар асоси пажӯҳиш ва таҳқиқот анҷом дода мешавад. Ва дар кулл имрӯзҳо ин нукта барои ҳамаи кормандони соҳаи кишоварзӣ возеҳу равшан аст, ки бидуни пуштибонаи давлат дар ин самт муваффақ шудан амри муҳол аст ва ё ташкил воҳидҳои бузурги кишоварзӣ бо имконот ва зарфияти боло. Ҳоло пас аз гурези иҷмолӣ ва тавзеҳи баъзе аз масоили ҷонибӣ боз ба бастар ва масири кори аслии хеш баргашта қазияро пайгирӣ хоҳем кард, ки чӣ буду чӣ шуд.

«Солҳои 1954 – 1959 пас аз он ки ҳаҷми заминҳои навкорам хеле зиёд шуд, барои обёрии онҳо аз имконоти ноҳияи Фархор истифода мекарданд. Дар ин муддат тибқи нақша бояд 29,2 ҳазор гектар заминҳо ба гардиши кишоварзӣ ворид карда мешуданд. Дар ҳамин давра баъзе аз манотиқро дар ноҳияи Восеъ аз имконоти дохилӣ, яъне чашмаҳое, ки дар ин мавзеъ мавҷуд буданд, обёрӣ мекарданд. Албатта, ин муваққатӣ буд, чун пас аз роҳандозии шабакаҳои ҷадиди обрасонӣ ва роҳандозии обкашҳо тамоми мавзеъ аз обҳои аз ин тариқ расонидашуда обёрӣ карда мешуданд» [143, с.468-469].

«Пахтакорони Тоҷикистон, аз ҷумла муҳоҷирони пахтакор, ки дар мусобиқаҳо фаъолона иштирок мекарданд, ба муваффақиятҳои бузурги истеҳсолӣ ноил шуданд. Ҳамин тавр, барои гирифтани ҳосили баланди пахта дар соли 1957 парчамҳои Сурх ба ноҳияҳои Колхозобод (Восеъ), Чӯбек (Ҳамадонӣ) ва дигар ноҳияҳо дода шуданд» [182, с.252].

Дар таърихи рушди пахтакории Тоҷикистон бисёр масъалаҳои тасодуфии нонавишта мавҷуданд. Барои мисол, дар асноду мадорики ҳизби коммунисти мамлакат омада буд, ки боясти ҷумҳурӣ то солҳои 1960 - 1961 то 1 миллион тонна пахта ҷамъоварӣ намояд. Аммо ба далоили мухталиф ин барнома иҷро нашуд. Яъне ин худ мавзуи як кори дигари таҳқиқотӣ аст, муҳаққиқон мушаххас кунанд, ки чаро ин барнома иҷро нашуд ва иллату сабабҳои иҷро нашудани он дар чӣ буд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор ва Москва пешбинӣ шуда буд, ки 24 ҳазор гектар азхуд карда шавад [143, с.507].

Аммо то ҷое, ки мо иттилоъ дорем ва асноду мадорики ҳизбию давлатӣ ба мо хабар медиҳанд, дар он замон ҷумҳурӣ то 500 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда метавонисту халос.

Дуруст аст, ки солҳои 50 –уми қарни XX дар воҳидҳои кишоварзии тозатаъсис дар заминҳои навкорам ҳосили пахта ва дигар маҳсулотҳои кишоварзӣ рӯз то рӯз баланд бардошта мешуд, аммо зарфияту имконоти ин хоҷагиҳо ҳанӯз ҳам маҳдуд буданд, ки он ба тухмӣ, нуриҳои минералӣ, техникаи хоҷагии қишлоқ ва як идда омилҳои дигар вобаста буд. Масалан, колхози «Митентуғай»-и ноҳияи Чӯбек соли 1958 дар истеҳсоли пахта ва дигар зироатҳои кишоварзӣ 2 миллион рубл суд ба даст овард [253].

Бояд қайд кард, ки тайи ин муддат дар самти истеҳсоли фаровардаҳои кишоварзӣ кишоварзони навоҳии Фархору Чӯбек ба дастовардҳои назаррасе ноил шуданд, ки сад дар сад ба рушди иҷтимоию иқтисодии онҳо мусоидат кард.

«Соли 1958 онҳо беш аз 17 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ ва ба давлат фурӯхтанд, ки ин аз нақшаи пешбинишуда 4,5 ҳазор тонна зиёд буд» [247, с.42]. Колхозҳои ба номи К. Маркс, Ленин, «Коммунизм», «Москва» ва ғайра уҳдадориҳои қабулшударо бомуваффақият иҷро карданд» [247, с.42].

«Совхози «Метантуғай» миқдори 14,6 ҳазор тона пахта истеҳсол намуд, ки ин миқдор аз соли қаблӣ 4700 тонна зиёд буд» [262]. «Метавон гуфт, сол то сол шароити меҳнаткашон беҳтару хубтар мешуд ва истеҳсоли «тиллои сафед» низ боло мерафт, аз ин рӯ, соли 1959 дар ҷумҳурӣ 438,8 ҳазор тонна пахта ҷамъоварӣ карда шуд, ки нисбат ба соли 1950 150,1 ҳазор тонна зиёд буд ва ҳосилнокии он ба 26 с/га расида буд» [203, с.68].

«Боз зиёд шудани ҳаҷми корҳо ва истеҳсоли мавод ва фаровардаҳои кишоварзӣ вазъи зиндагӣ ва маоши коркунони соҳаи кишоварзӣ сол ба сол беҳтар мешуд. Барои мисол, соли 1951 дар колхозҳои ноҳия дастмузди ҳаррӯза 5-8 рублро ташкил мекард, пас соли 1957 маоши ҳаррӯза чор маротиба зиёд гардид. Дар колхози ба номи Ленин маоши ҳаррӯза 34 рублу 50 тинро ташкил мекард» [254].

«Дар натиҷаи азхудкунии заминҳои навкорам дар солҳои 50-ум раванди тадриҷан васеъ кардани майдонҳо барои ниҳолҳои мевадиҳанда ва ангур мушоҳида карда шуд. Ин андешаро рақамҳое, ки дар поён оварда мешаванд тасбит мекунад. Соли 1950 майдони боғоти мевадиҳанда дар ҷумҳурӣ 10,7 ҳазор гектарро ташкил медод, ин рақам бошад соли 1959 он аллакай ба 16,6 ҳазор гектар расид» [178, с. 85]. «Дар ин давра дар вилояти Кӯлоб майдони дарахтони мевадиҳанда 0,4 ҳазор гектарро ташкил медод» [176, с.32].

Вақте шароит беҳтар мешуд дар деҳот ба сохтани иншоотҳои маданӣ - равшаннамоӣ оғоз мекарданд ва ин аз он шаҳодат медод, ки воҳидҳои кишоварзии навтаъсис, яъне колхозу совхозҳо бақувват шудаанд ва ба корҳои гуногун қодиранд. Ин баёнгари он аст, ки воҳидҳои кишоварзӣ бояд муттаҳид гардонида шуда ба воҳидҳои пуриқтидори кишоварзӣ табдил дода шаванд.

Ҳоло дар поён дар ҷадвал миқдори истеҳсоли гӯштро дар як қатор хоҷагиҳои муҳоҷирони ноҳияи Данғара вобаста ба солҳо нишон медиҳем:

Ҷадвали 1.

| Номи хоҷагиҳо | Номи ҳайвонот | Солҳо | | |
|---|---|---|---|---|
| | | 1958 | 1959 | 1960 |
| Данғара | Умуман | 4000 сар | 4500 сар | 5000 сар |
| | Хукҳо | 1000 сар | 1400 сар | 1600 сар |
| | Паррандагон | 100 дона | 200 дона | 300 дона |
| Кангурт | Умуман | 1500 сар | 3000 сар | 3700 сар |
| | Хукҳо | 600 сар | 800 сар | 1000 сар |

Аз ҷадвал муайян карда мешавад, ки дар зарфи се сол (солҳои 1958-1960) саршумори чорво (хукҳо) ва паррандагон рушд намудаааст. Масалан шумораи хукҳо дар хоҷагии «Данғара» аз 1000 сар то 1600 сар ва шумораи паррандагон аз 100 то 300 дона зиёд гардиданд. Дар хоҷагии «Кангурт»

бошад саршумори хукҳо аз 600 то 1000 сар афзоиш ёфтааст, ки ин боиси рушди иқтисодии хоҷагиҳо гардид.

Масъалаи муттаҳид кардани воҳидҳои кишоварзие, ки натиҷаҳои хуб намедоданд ҳод меистод ва аз рӯйи имконият ин воҳидҳо муттаҳид карда шуда, ба воҳидҳои бузургтар табдил дода мешуданд.

Масалан, «совхози «Балҷувон» бо совхози «Кангурт» муттаҳид карда шуд» [145, с.202].

Дар поёни солҳои 50 –ум як қатор воҳидҳои музири кишоварзӣ барҳам дода шуда, онҳо ба воҳидҳои калонтаре табдил дода шуданд. Натиҷаҳо бошад назаррас ва хуб шуда буданд. Барои мисол, дар совхози «Ховалинг» истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулот аз 1,5 то 2,9 маротиба афзуд [145, с.215].

То соли 1959 меҳнати тракторчиён-механизаторҳо бо нархи кӯҳна пардохт карда мешуд, ки дар он меҳнат дар майдони кӯҳӣ ва ҳамвор ба назар гирифта намешуд. Табиист, ки тракторчиён дар минтақаи ҳамвор имконият доштанд, ки ҳаҷми корро бештар иҷро кунанд ва маоши бештар гиранд. Соли 1959 барои механизаторҳо нархи нав ҷорӣ карда шуд: барои заминҳои кӯҳистонӣ ва ҳамвор маоши алоҳида дода мешуд. Совхозҳои «Муъминобод» ва «Ховалинг» кӯҳӣ ҳисобида мешуданд. Ин ба он оварда расонд, ки механизаторҳо на танҳо ба иқтисодиёт таваҷҷӯҳ зоҳир карданд, балки дар минтақаи нави кории худ ҷойгир шуданд.

Ҳукумат ҳамеша аз мушкилоти совхозҳои тухмипарварӣ огоҳ буд. Ин совхозҳо аз колхозҳое, ки бо тухм, техника, кадрҳо ва амсоли инҳо таъмин карда мешуданд, беҳтар буданд.

Садҳо баҳодурони саҳро  дар мавсим 10-15 тонна пахта ҷамъоварӣ намуданд. 20 октябри соли 1958 ноҳия нақшаи пахтасупориро иҷро намуда, аз ҳар гектар 22,5 сентнер ҳосил ҷамъоварӣ намуд. Колхози пешқадами ба номи Ленин аз ҳар гектар 28 сентнерӣ пахта гирифт. «Бригадирон Шариф Мирзоев аз колхози «Москва» ва Хола Раҳмонова аз колхози «Коммунизм» аз ҳар гектар 40 сентнерӣ ҳосил ҷамъ овrouteданд» [254].

Дар ин давра ба хоҷагиҳои калон ва пуркудрат табдил додани хоҷагиҳои хурду майда идома дошт. Ин иқдомҳо сарфи назар аз мушкилоти ҷойдошта дар маҷмуъ ба суди ҳамагон буд ва шароити зисту зиндагии коркунони соҳаи кишоварзӣ дар вилоят ва дар сартосари мамлакат беҳтару хубтар мешуд. Аммо, камбудиҳо дар вақти воқеӣ ва маоши гирифташуда ошкор карда шуданд. Шакли музди меҳнати механизаторҳо аз нав дида баромада шуд.

Вақте дар кишвари абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ ба коре даст мезаданд, яъне маъракаеро оғоз мекарданд, ин маърака пас аз омӯзиш ва таҳлилҳои амиқ сурат мегирифт. Аз ин рӯ, масъалаи муҳоҷир кардани аҳолии мамлакат аз кӯҳистони тоҷик ба водиҳо яке аз чунин маъракаи ҳисобшуда буд. Аммо суръати заминсозӣ ва ободкунии водиҳо чунон баланд буд, ки гоҳан заминҳои нав бе одам мемонданд, яъне неруи корӣ намерасид. Дар ин росто овардани аҳолӣ аз гӯшаҳои Ватани паҳновари Шуравӣ ба водиҳои Тоҷикистон оғоз гардида буд.

Албатта, ин иқдомҳои давлатмардони вақт дар пай масоили дигареро низ доштанд. Яъне бо иқдоми хеш масъалаи таъмини неруи корро ҳаллу фасл намуда, мехостанд, миллат ва қавмҳои гуногуни мамлакати паҳновари Шуравӣ бо ҳам омехта шуда, ба як миллати Шуравӣ табдил ёбад. Гуфтан ҷоиз аст, ин дастандаркорон то андозае ба ният ва мақсадҳои хеш ноил шуда буданд ва воқеан ҳам давлату миллати ягона пайдо шуда буд ва шаҳрвандони Иттиҳоди Шуравӣ аз он ки шаҳрванди ин Ватани бузурганд ифтихор мекарданд ва дӯстии хеле қавӣ дар байни миллатҳои гуногун ба амал омада буд.

Ба ин минтақа аз Федератсияи Россия ва дигар ҷумҳуриҳои бародар теъдоди хеле зиёди техникаҳои гуногунмақсад ва гуногунҳадаф ворид карда мешуданд. Ин ҳама иқдомҳо боиси он шуд, ки дар баробари рушди соҳаи кишоварзӣ, соҳаи саноат низ пеш рафт, шаҳру деҳаҳо обод мешуданд. Хусусан, маркази маъмурии вилоятӣ - шаҳри Кӯлоб хеле амалӣ карда, дар ин ҷо корхонаҳои коркарди орд, пахта, равған, ширу гӯшт ва амсоли инҳо арзи

ҳастӣ намуданд. Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва омӯзишгоҳҳои касбӣ - техникӣ ва донишкадаи шаҳри Кӯлоб ба маконҳои пешбари фарҳанг ва тамаддуни чандинҳазорсолаи миллати тоҷик табдил ёфтанд. Дар маҷмуъ, ин иқдом, яъне обёрии заминҳои навкорам, такон ва ҷаҳиши амиқе дар тамоми шууни зиндагӣ дар ин минтақа шуд. Як мушкили дигаре, ки дар ин давра давлат ба он рӯ ба рӯ шуда буд, ин камбуди неруи корӣ буд. Чунки қувваи аслии корӣ мардон буданд ва онҳо дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) аз дигар қишрҳои ҷомеа дида бештар талаф шуда буданд. Давлат барои ҳавасмандгардонии таваллуд маблағҳои хеле калон ва ҳангуфтеро дар назар гирифта буд ва  ба модароне, ки бештар аз 10 фарзанд ба дунё меоварданд ва тарбия карда ба воя мерасониданд, унвони Қаҳрамонмодар ва ситорачаи тиллоӣ тақдим мекарданд. Ин ҳама амалҳо боиси пешравӣ ва рушду нумуи вилоят ва  кулли ҷумҳурӣ гашта буданд.

Бояд эътироф намуд, ки на ҳамаи иқдомҳо ва навкориҳо орӣ аз камбудӣ ва норасоӣ набуданд, аммо дар маҷмуъ, масири ҳаракат ва натиҷаҳо назаррас буданд. Камбудӣ ва норасоиҳо бештар дар шеваи иҷрои корҳо ба амал меомаданд, ки санҷишҳо ин норасоиҳоро ошкор карда онҳо зуд бартараф карда мешуданд.

Вақте аҳолиро аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо интиқол доданд, ё ба қавли маъруф кӯчониданд, баъзе аз деҳаҳои кӯҳистон харобу валангор шуданд, чунки одамон он деҳаҳоро комилан тарк карда буданд ва манотиқи кӯҳистон бе одам монда, аз рушди умумии водиҳо хеле ақиб монд. Теъдоди ками одамоне, ки дар ин деҳаҳо зиндагонӣ мекарданд, бо камтарин имконот қаноат карда, дар сол то 6  - 8 моҳ аз водиҳо ба илати набудани роҳҳои хуб ҷудо буданд. Яъне манотиқи кӯҳистон дар рушду нумуъ аз водиҳо хеле ақиб монда буд.

Ҳамин тавр, барои муҳоҷирон меъёрҳои истифодаи замин муқаррар карда шуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ ҳавасманд гардида, ба онҳо имтиёзҳои гуногун дода мешуд. Муҳоҷирон аз ҳар назар ташвиқу тарғиб карда мешуданд ва аз ин рӯ теъдоди онҳое, ки майлу хоҳиши ба водиҳои

Тоҷикистон муҳоҷир шуданро доштанд рӯз то рӯз меафзуданд ва ҳамон тавре мо болотар низ зикр карда будем, аз Федератсияи Россия ва вилояти Фарғонаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба водиҳои Тоҷикистон муҳоҷирон меомаданд.  Барои роҳ додан ба баъзе хатогиҳо ҳангоми муҳоҷират, баъзе муҳоҷирон  ба ҷойи аввалаи зисти худ баргаштанд. Гуфтан бамаврид аст, ки маҳз муҳоҷирати аҳолӣ сабаб гардид, ки дар минтақа хоҷагиҳои нави деҳқонӣ таъсис дода шавад. Барои барқарор кардани хоҷагии халқи  минтақа дастгирии Ҳукумат дар шакли дотатсияҳо ба буҷети давлатӣ маблағҳои калон ҷудокарда, нақши ҳалкунанда бозид.

«Соли 1950 ноҳияи нав бо номи Чӯбек таъсис дода шуд. Акнун дар ноҳия шаҳрвандон ва намояндагони қавм ва миллиятҳои гуногуни Ватани паҳновари Иттиҳоди Шуравӣ ба таври аҳлона  кору зиндагӣ мекарданд. Колхозу совхозҳо бо мошинолот тавассути МТС-ҳо таъмин карда мешуданд. Дар бораи МТС-ҳо ҳаминро гуфтан ҷоиз аст, ки онҳо воҳидҳои хурди техникие буданд, хориҷ аз воҳидҳои кишоварзӣ. Яъне онҳо мудирияти хешро дошта, мустақилона фаъолият  мекарданд ва кӯмаку ёвари воҳидҳои кишоварзӣ маҳсуб меёфтанд. Ин воҳидҳои техникӣ, яъне МТС-ҳо зуд-зуд ба техникаҳои нави хоҷагии қишлоқ ва дигар трактору таҷҳизот таъмин карда мешуданд. Чун корҳои кишоварзӣ дар воҳидҳои кишоварзӣ ба фаъолияти пурсамари ин воҳидҳои техникӣ, яъне МТС-ҳо иртиботи сахт дошт» [109, с.184].

«Дар маҷмуъ,  соли 1950 1670 хонавода аз манотиқи кӯҳӣ, доманакӯҳӣ ва камзамин, ба  ноҳияҳои Қизилмазор (ҳоло н.Темурмалик), Фархор (колхозҳои кӯҳӣ), Сарихосор (ҳоло н. Балҷувон), Кангурт, Данғара, Муминобод ба ин ҷо муҳоҷират намуданд» [114, с.50-56].

Муҳаққиқ М.Х. Абдуназарова дар рисолаи илмии хеш чунин қайд намудааст: «Дар ҷумҳурӣ дар давоми солҳои 1949-1952 нақшаҳои муҳоҷирати хоҷагиҳои колхозчиён бо теъдоди  18200 хонавода, аз ҷумла 1900 оила ба совхозҳои пахтакор пешбинӣ шуда буданд. Бо вуҷуди ин, дар

аввали солҳои 50-ум ҷойҳои асосии истиқомати муҳоҷирон водии Вахш ва ноҳияҳои Фархору Чӯбеки вилояти Кӯлоб буданд. Дар ин давра муҳоҷирон асосан колхозчиёни вилоятҳои Ғарм ва Кӯлоб (ноҳияҳои кӯҳию доманакӯҳӣ) буданд. Дар давоми соли 1951 ба ноҳияҳои Фархор ва Чӯбеки вилояти Кӯлоб 43 колхоз ва 5 бригада бо шумораи 2362 хонавода кӯчиданд» [221, с.134].

Аз заминҳои навтаъсисшудаи бекорхобида дар вилояти Кӯлоб дар соли 1953 колхозҳои пахтакор ва совхозҳо ҳосили баланд мегирифтанд. Ҳамин тавр, колхози ба номи Буденнийи ноҳияи Совет (ҳоло н. Темурмалик) аз ҳар гектар 42 сентнерӣ ҳосили пахта, колхози ба номи «Ленин-юли» 31 с/га, ба номи Дмитров 25,8 с/га, колхозҳои ноҳияи Кӯлоб ба номи  Ленин 31,3 с/га, "Болшевик" 30,6 с/га, колхозҳои ноҳияи Данғара колхози ба номи Ленин 32,2 с/га, ба номи Ворошилов 30,3 с/га, колхозҳои ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) колхози ба номи Ленин 32,6 с/га, ба номи Энгелс 30,0 с/га, ба номи Маленков 25,3 с/га ҳосил ба даст оварданд [271].

Дар ноҳияи Фархор механизаторҳои пешқадам С.Сангов ва С. Раҳматуллоев, ки аз ҳисоби муҳоҷирон буданд, дар хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Молотов зиёда аз 200 гектар заминҳои туғайро кишт карданд [255].

Дар ин робита гуфтан ҷоиз аст, ки бо ифтитоҳи нақби Данғара бештар аз 80 ҳазор  гектар заминҳои ташналаби ноҳияи Данғара, ки асрҳои аср рӯйи обро надида буданд ба заминҳои корами обӣ табдил дода шуданд. Мутобиқ ба нақшаи он замон пас аз роҳандозии нақби Данғара боястӣ 29 совхозҳои кишоварзӣ таъсис дода  мешуданд ва бо ин роҳ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар ҷумҳурӣ ба маротиб баланд бардошта мешуд. Вақте мо ба ғавру баррасии ин масъала аз чаҳорчӯби китобу мақолаҳо ва рисолаҳои илмӣ назар андохтем, факту далоили аҷибе ба даст овардем. Масалан муҳаққиқ  Ҳ.Д. Қурбонова дар рисолаи илмии хеш роҷеъ ба нақби Данғара ва натиҷаҳои обёрии он овардааст: «...дар ин ин минтақа қариб 40 ҳазор гектар боғу токзорҳо ҷойгир карда

мешаванд, тақрибан 3 ҳазор гектар барои сабзавот ва зироатҳои хӯрокворӣ пешбинӣ гардидааст. Сохтмони 28 истгоҳи насосӣ, 775 км интиқоли барқ, тақрибан 1200 км каналҳои обёрии байнихоҷагӣ ва дохилихоҷагӣ ба нақша гирифта шуда буд. Тибқи ҳисобҳои пешакӣ, даштҳои Данғара бояд ба давлат дар як сол зиёда аз 64 ҳазор тонна пахта, 358 ҳазор тонна ангур, 77 ҳазор тонна мева ва 15 ҳазор тонна сабзавот месупорид» [231 с.101].

Бо ширкати фаъолона кормандон дар сохтмони мавзеи Чӯбек корҳои васеъро оғоз карданд. Кори дастаҷамъона, муносибати мунсифона ва бархӯрди одилона муҳоҷиронро ба иҷрои корҳои азим суқ медод. Онҳо ҳамаҷониба дастгирии Ҳукуматро эҳсос мекарданд ва аз ин рӯ бо дилу дасти гарм ба корҳо камари ҳиммат мебастанд ва дар таъмири ду канал Бешкаппа ва Чӯбек фаъолона ширкат меварзиданд. Тавассути ин каналҳо заминҳои навкорами «Метинтуғай» обёрӣ карда мешуданд. Корҳо хеле хуб ҷараён мекарданд, колхозчиён нақша ва барномаҳои худро ду баробар иҷро мекарданд ва омода буданд, ки ҳама гуна супоришҳои ҳизбу Ҳукуматро сарбаландона ва бо дилу дидаи пок анҷом диҳанд. Дар ҳамин ҷо аз асли матлаб дур нарафта, як нуктаро қайд кардан ба маврид аст, ки ин қадар руҳияи мардум баланд буд, ки кас дар тасвири он оҷиз мемонад. Одамон бо дили гарм ва итминони комил ба саҳро баромада кор мекарданд ва ин корнамоиҳои колхозчиён ва тамоми коркунони саҳро дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо ва оинаи нилгун инъикос меёфт. Кулли ҷумҳурӣ ба масобаи як хонавода буд ва аз як гиребон сар бароварда мушкилотро паси сар карда, тамоми супоришҳоро бо ҷидду ҷаҳди зиёд иҷро мекарданд.

«Ҳамин тавр, танҳо дар як сол 5748 аризаи колхозчиён барои муҳоҷират пешниҳод карда шуда буд» [231, с.111]. Интиқоли муҳоҷирон ва амволи шахсии онҳо бо мошинҳо, нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан анҷом дода мешуд. Масъалаи аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо кӯчонида овардани аҳолӣ барои обёрии заминҳои нав ва ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои нав мутобиқ барномаи вижае амалӣ

карда мешуд. Аз ноҳияҳои Даштиҷум (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин), Ховалинг, Ғарм (ҳоло н. Рашт), Тоҷикобод, Ҷиргатол (ҳоло н. Лахш) 1200 оила ба ноҳияҳои Фархор ва Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷират намуданд. Дар давоми солҳои 1955-1956 4188 оила аз ҷойҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои Тоҷикистон муҳоҷират шуданд.

Дар совхози пахтакории «Метинтуғай» дар соли 1955 муҳоҷирон аз заминҳои туғай 500 гектарро азхуд карданд. Ҳангом азхудкунии заминҳои бекорхобида муҳоҷирон меҳнати дучанд мекарданд, масалан, механизаторҳо Д. Давлатов, Ф. Султонов ва М. Ашуров хуб кор карда, меъёрҳои ҳаррӯзаашонро 120-150% иҷро мекарданд [253].

Кишоварзони муҳоҷири бригадаи  пахтакории Хола Раҳмонова дар заминҳои навкорами колхози ба номи «Коммунизм»-и ноҳия Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) аз ҳар гектар 45 сентнерӣ пахта  ба даст оварданд.

Чинакчиёни пешқадами бригадаҳои Хатича Аламова, Бозоргул Сафолова, Маърифат Саидова ва Оина Аҳмадова рӯзе 130-160 кг «тиллои сафед» ҷамъоварӣ менамуданд [269].

Дар заминҳои навкорами колхози ба номи Калинини ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷирон ҳосили баланди пахта ба даст оварданд, масалан оилаи Саидов С. дар давраи ҷамъоварии пахта зиёда аз 25 тонна пахта ғундоштанд, ки 555 рӯзи кориро ташкил менамуд. Оилаҳои дигари хоҷагӣ ба мисли Одинаев М., Маҳмадалиев А., Шурашев М. ва Маҳмадалиев М. рӯзе 6-8 тоннагӣ пахта мечиданд [267].

Дар заминҳои навкорами колхози «Правда» – и ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) дар бригадаи Ёрмадов М. чинакчии пешқадам Сайдалиева М. дар давраи ҳосилғундорӣ зиёда аз 8 тонна пахта ҷамъоварӣ намуд. Дугонаҳояш Амиршоева Н., Ҷураева У., Маҳмадалиева А. ва Ниёзмадова М. низ аз вай қафо намемонданд [268].

Дар заминҳои навкорами колхози ба номи Ленини ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷирони пештара, бригадаҳои Гулаҳмадов Ш.,

Шамонов Р., Зоиров Қ. ва Олимов М. рӯзе 6-8 тоннагӣ пахта меғундоштанд, ки иҷроиши 2-3 фоизи нақшаро таъмин менамуд [266].

Гуфтан ҷоиз аст, ки унвони Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ дар Иттиҳоди Шуравӣ сар карда аз соли 1938 то 1991 ба меҳнаткашон мукофотонида мешуд. Бояд қайд намуд, ки дараҷаи олии мукофотест, ки барои меҳнаткашон барои комёбиҳо дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмони хоҷагӣ, соҳаи маданят, фаъолияти сиёсӣ, инкишофи додани илму техника сарфароз гардонида мешуданд. Ин мукофоти олии меҳнаткашон бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС 27 декабри соли 1938 таъсис дода шуд. Якҷоя бо ин мукофоти олӣ ордени Ленин ва Ифтихорномаи Раёсати Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ мукофотонида мешуд. Сар карда аз 14 майи соли 1973 Низомномаи Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ дар таҳрири нав қабул шуд. Дар ин ҷо оварда мешуд, ки агар Қаҳрамони меҳнат дар як вақт Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ бошад ва шахсоне, ки ду карат Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ бошанд дар он сурат, дар ҷои таваллудаш нимпайкараашон гузошта мешавад [274].

Дар ин қатор муҳоҷирони аз вилояти Кӯлоб, ки соҳиби унвони Қаҳрамони меҳнат гаштаанд инҳо: Гавҳарбӣ Пиракова ва Раҳмонова Зилол аз ноҳияи Восеъ, Худоёрова Гулмаст аз ноҳияи Ҳамадонӣ ва Қурбонова Розия аз ноҳияи Ховалинг мебошанд. Дар поён оиди кору фаъолияти ин қаҳрамонони меҳнат маълумотҳо меоварем [274].

Раҳмонова Зилол, соли 1929 дар деҳаи Ҳулбуки ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Аввал колхозчии пахтакор, баъдаг ҳамчун сардори звено, сардори бригада, муовини раиси деҳот шуда кору фаъолият намудааст. Соли 1950 ҳосили фаровони пахта рӯёнида, соли 1951 бо унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сарфароз гардонида шуд. Ғайр аз ин, барои меҳнати шоён бо 2 ордени Ленин, медалу Ифтихорномаҳои Фахрии Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст [274].

Худоёрова Гулмаст соли 1924 дар деҳаи Шуркои ноҳияи Восеъ таваллуд шудааст. Аввал ҳамчун колхозчии пахтакор, баъдан сардори

бригадаи пахтакори колхози «Правда»-и ноҳияи Москва (ҳозира Мир Саид Алии Ҳамадонӣ) шуда кору фаъолият намудааст. Иштирокчии Анҷумани XVII Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон мебошад. Соли 1966 барои ба даст овардани ҳосили фаровони пахта бо унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сарфароз гардонида шудааст. Ғайр аз ин, барои меҳнати шоён бо ордени Ленин, медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» ва Ифтихорномаҳои Фахрии Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст [274].

Пиракова Гавҳар соли 1942 дар деҳаи Бӯйдоқободи ноҳияи Мӯъминобод таваллуд шудааст. Аввал ба ҳайси механизатор кору фаъолият намуд. Бо унвони «Механизатори хизматнишондодаи хоҷагии қишлоқи ҶШС Тоҷикистон» мукофотонида шуд. Баъдан фаъолияти меҳнатиаш ба ҳайси ҷонишини раис, котиби ташкилоти комсомолӣ, сардори бригадаи комплексии пахтакории колхози ба номи В.И. Ленини ноҳияи Восеъ, котиби ташкилоти ҳизбӣ, ҷонишини раиси колхози ба номи С.М. Кирови ноҳияи Восеъ кор кардааст. Барои меҳнати шоён соли 1965 бо унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сарфароз гардида, инчунин бо ордени Ленин, медалу Ифтихорномаҳои Фахрии Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст [274].

Қурбонова Розия соли 1937 дар ноҳияи Ховалинг таваллуд шуда, баъдан ба ҳайси ресанда, сонитар ба ҳайси ҷонишини директори Иттиҳодияи истеҳсолии матоъҳои пахтагини Душанбе ифои вазифа намудааст. Нақшаҳои панҷсолаи 7 ва 8-ро пеш аз мӯҳлат иҷро карда, сазовори унвони зарбдори меҳнати коммунистӣ шуда, вакили Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон (даъвати 9) буд. Барои меҳнати шоён соли 1965 бо унвони олии Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ (1965) ва бо 2 ордени Ленин, медалу Ифтихорномаҳои Фахрии Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шудааст [274].

Ҳангоми суҳбат бо фарзанди муҳоҷирон Раҷабов Раҷабалӣ[1], соли 1962 Техникуми энергетикиро хатм намудааст, ммаълум гардид, ки аз деҳаи Зувайри ноҳияи Сарихосор 18 майи соли 1952 ба ин туқайзор бо 40 хоҷагӣ онҳоро бо ҳамроҳии раиси ҷамоати Зувайр Амиршоев Давлатшо оварданд. Аввал таҳқои хонаҳоро аз туқай тоза намудем. Соли 1957 асосан халқи н. Даштиҷум муҳоҷир шуда омаданд.

То омадани онҳо дар ин деҳа 7 оилаи узбек зиндагонӣ менамуданд. Раиси колхози ба номи Будёний Амиров Маҳмадалӣ (миллаташ муғул) буд. Моро бо мошини тамғаи «ЗИС-158» пеши идоаи селхозтехникаи ноҳияи Чӯбек оварданд. Борони сел меборид. Автомошинаро трактори тамғаи «С-100» присеп кашида ба ҷойи зисти ҳозирамон оварданд. Узбекон каппаҳои хасин доштанд ва хунук буданд. Тобистон ҳангоми алов кардан барои хӯрок тайё кардан каппаҳо оташ гирифта месӯхтанд. Аввал мо ду тарафи заминро заҳбур бурида, сонӣ таҳҷойи хонаро оташ зада аз туқайзор тоза намудем. Соли 1954 аввал дар заминҳои навкорам пахта корида, сонӣ аз соли 1956 ҷут коридем. Ҷутзавод дар ноҳия дар ҷойи МНА-27 ва корхонаи пахтатозакунӣ қарор дошт. Солҳои 1955-1956 бароиривоҷи пиллапарварӣ дар ду тарафи роҳҳо ва заминҳои навкорам тутҳо шинонида шуданд. То соли 1960 якҷоя бо узбекон як бригада будем, сонӣ бригадаи мо ҷудо гардид.

Фирдавсов Қутбиддин, соли таваллудаш 20 июни соли 1952, деҳаи Марванда ноҳияи Сарихосор. Бо ҳамроҳии раиси хоҷагӣ Сафаров Зариф бо 50 нафар хоҷагӣ ба н. Чӯбек муҳоҷир шудем. Ба мо як каппаи нав доданд ва мо ба нест кардани туғайзор оғоз намудем.

Яке аз фарзандони муҳоҷирон Умаров Холмурод[2], сокини деҳаи Садбаргҳо чунин иброз намуд, ки соли 1946 15 хоҷагӣ аз деҳаи Алагов бо роҳбарии Саидов Мирзоалӣ, раиси колхози «Аскари сурх», сонӣ ба номи Фрунзе ба деҳаи Садбаргҳо муҳоҷир шуда омаданд. То ин вақт аввал ба деҳаи Хуҷаҳои Сариҷар муҳоҷир шуда 4 сол зиндагӣ мекунанд, сонӣ ба

[1]Суҳбат бо фарзанди муҳоҷир Раҷабов Раҷабалӣ, соли таваллудаш 6 апрели соли 1962, 10 майи соли 2024.
[2]Суҳбат бо фарзанди муҳоҷир Умаров Холмурод, соли таваллудаш 2 апрели соли 1949,, 10 майи соли 2024.

деҳаи Ҷелонтови н. Данғара, ба деҳаи Бештигирмони н. Кӯлоб ва баъдтар ба деҳаи Чордараи н. Восеъ муҳоҷир шуда омада, то соли 1948 зиндагӣ мекунанд. Дар деҳаи Чордара заминҳои лалмӣ доштанду, дар водиҳо заминҳои обӣ. Соли 1946 дар деҳаи Чордара 2 гектар заминро азхуд намуда, кишту кор менамоянд. Ба деҳаи Садбаргҳо омада, каппа сохтанд. Соли 1946 аз деҳаи Хурҷинтош 10 хоҷагӣ муҳоҷир шуда ба деҳаи Садбаргҳо омаданд. Солҳои 1953-1954 аз деҳаи Синҷитаки н. Сарихосор 20 хоҷагӣ муҳоҷир шуда омада буданд.

Аз нақли иқтисодчии калон Эллера Р.Н., аъзои комиссияи муҳоҷират: «Ман рӯзи 12 октябри соли 1963 ба ноҳияи Даштиҷум расидам. Дар он ҷо 62 хоҷагӣ арзи вуҷуд дошт, аз инҳо 22 хоҷагӣ хизматчиён, 7 хоҷагӣ маъюбон буданд. Аз 33 хоҷагии боқимонда, 21 хоҷагӣ бо шумораи 100 нафар одамон ба ихтиёри хоҷагии ҷангал мононда шуда, 12 хоҷагӣ ба ноҳияи Москва муҳоҷир карда шуданд» [266].

Аъзои комиссияи муҳоҷират Назаров А. чунин нақл мекунад: «15 октябри соли 1964 бояд аз қишлоқҳои Порвор, Анҷироб, Кишт ва Хирманҷо 6 хоҷагиҳоро бояд ба хоҷагиҳои «Правда», ба номи Киров ва ба номи Ленини ноҳияи Москва муҳоҷир менамудем. Ман аз директори автобазаи рақами 17 ш. Кӯлоб Турдиев М. 7 автомашина талаб намудам. Худи ҳамон рӯз ягон автомашина ҳозир нагардид ва барои ҳамин 2 хоҷагии муҳоҷиршаванда гурехта рафтанд. Вале директори автобаза баъди ду рӯз, яъне 17 октябр 7 автомашина равон кард ва мо онҳоро ба ноҳияи Даштиҷум равон кардем, то ин ки муҳоҷирони фирориро пас гардонанд» [29, в.24].

Дар асоси истифодаи рақаму далелҳо нисбати бахши аввали рисола чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1) Маълум гардид, ки асоси сиёсати муҳоҷират дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1970, ин кӯчонидани аҳолии дохилӣ буд. Дар ин давра на фақат аз ноҳияҳои кӯҳсору доманакӯҳ, балки аз маҳалҳои сераҳолӣ низ шаҳрвандон кӯчонида шуданд.

2) Илова бар ин, дар ин давра сиёсати муҳоҷирати кишоварзӣ

истифода мешуд, ки ба таъмини кадрҳои кишоварзӣ равона буд. Ва ҳаҷми рӯзафзуни азхудкунии заминҳои бекорхобида ва бо захираҳои меҳнатӣ таъмин намудани онҳоро ба назар гирифта, аз як ноҳияи кӯҳсор, ба дигар ноҳияҳои навтаъсис кӯчондани хоҷагиҳо вусъат ёфт.

3) Ин давра натанҳо ба масъалаи муҳоҷир кардан таваҷҷуҳ карда мешуд, балки ба масъалаҳои дигари зиндагии муҳоҷирон ва инчунин ободу зебо намудани растаю кӯчаҳои деҳаҳои нав ва симкашию баркрасонӣ низ таваҷҷуҳ карда мешуд.

4) Муҳоҷиркунӣ як маъракаи сирф ҷо ба ҷо кардани аҳолӣ набуда, балки як масъалаи комплексии беҳтар намудани ҳаёту фаъолияти тамоми заҳматкашони мамлакат буд, ки ба назари мо сарфи назар аз камбудӣ ва норасоиҳои дар пай дошта бомуваффақият анҷом шуд ва мо имрӯзҳо низ натиҷаи корҳои гузаштагони хешро бо чашми сар дида истода ба онҳо ҳазорон ташаккур мегӯем. Гоҳан чунин ба назар мерасад, ки агар ин маърака он рӯзҳо анҷом дода намешуд, ба эҳтимоли қавӣ имрӯзҳо иҷрои он имконнопазир буд. Чунки ин маърака он замон бо иллат ва сабабҳои субъективӣ ва объективӣ татбиқи худро ёфта буд.

5) Кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо боиси авҷ гирифтани корҳои кишоварзӣ ва зиёд истеҳсол кардани фаровардаҳои кишоварзӣ гардид, дар маҷмуъ, сатҳи зиндагии мардум ба маротиб беҳтару хубтар шуд. Дар вилояти Кӯлоб заминҳои корам зиёд шуд ва ин амр боиси рушди минтақа гардид.

6) Дар хоҷагиҳо ва ноҳияҳои навтаъсиси минтақа теъдоди объектҳои маданию равшаннамоӣ ба маротиб боло рафта ду баробар зиёд шуд.

7) Пас аз муҳоҷир кардани аҳолӣ ба водиҳо симои ин водиҳо ба куллӣ тағйир ёфт, роҳҳои мошингард асфалтпӯшу сангӣ бунёд карда шуд. Деҳаҳои навтаъсис бо барқ ва равшанӣ таъмин карда мешуданд. Дар маркази колхозҳо бошишгоҳҳои фарҳангӣ сохта ба истифода дода мешуд. Шумораи мактабҳо, боғча ва яслӣ низ зиёд гардид.

# БОБИ II. ХУСУСИЯТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ МУҲОҶИРКУНӢ ДАР ВИЛОЯТИ КӮЛОБ (с.1970-1985)

## 2.1. Давраи нави муҳоҷирати дохилӣ ва хусусиятҳои ҷараёни он дар минтақа

Масъалаи маҳви бесаводиро, ки солҳои бистуми қарни XX роҳандозӣ шуда буд бо натиҷаҳои ниҳоят ғайричашмдошт анҷомид. Марҳилаи дигар бошад, таъмини ҷумҳурӣ бо омӯзгорон ва мутахассисони гуногун аз соҳаи кишоварзӣ, тиб, барқ, муҳандисӣ ва монанди инҳо буд. Дар аввоил аз марказ мутахассисони зиёд ҷалб карда мешуданд. Акнун бо мурури замон ба омода намудани мутахассисон дар маҳалҳо эътибори ҷиддӣ дода мешуд ва мо натиҷаи кори муассисаҳои таълимиро бармало медидем ва эҳсос мекардем.

Ҷараёни муҳоҷиркунӣ дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-уми асри XX хусусиятҳои воқеии худро дошт. Чунки ин намуди муҳоҷиркунӣ фақат дар дохили як вилоят гузаронида мешуд. Ва албатта, ин сабабҳои объективии худро дошт. Объекти асосии аҳолинишин дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-ум дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон водиҳои Ёвону Обикиик, Кӯлоб ва Вахш буданд.

«Дар давоми солҳои 1967 - 1971 муҳоҷирати дохилиҷумҳуриявӣ 3372 хоҷагӣ бо шумораи умумии аҳолӣ 20521 нафар, ки 8272 нафарашон қобили меҳнат буданд, гузаронида шуд. Ба ҳамин тариқ, ба хоҷагиҳои ноҳияҳои Ёвон 830 хоҷагӣ, Фархор 237 хоҷагӣ ва дигар ноҳияҳо кӯчонда шуданд» [32, в.73].

Вақте мо ба масоили муҳоҷирон ба заминҳои нав рӯ овардем, ба масъалае рӯ ба рӯ шудем, ки он дар тамоми асноду мадорики бойгонӣ ва дигар манбаъҳо ба таври хеле возеҳ дарҷ шуда буд, ки ин далел масъалаи муттаҳид намудани воҳидҳои кишоварзии барои муҳоҷирон таъсис додашуда маҳсуб меёфт, яъне ба хотири самараи бештари кор воҳидҳои кӯчаки кишоварзӣ ба воҳидҳои калонтар муттаҳид карда мешуданд. Ва дар ин васат масъалаи бунёди хонаҳои истиқоматӣ ва манзили зист барои муҳоҷирон

кундаланг боқӣ мемонд. Чи тавре ковишҳои баъдии мо нишон дод, барномаи муҳоҷиркунӣ на ҳамеша ба барномаи бунёди манзили зист барои муҳоҷирон мувофиқат мекард.

«Хусусияти муҳоҷирон дар нимаи дуюми солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум аз он иборат аст, ки дар он вақт муҳоҷират асосан аз ҳисоби ихтиёриёни хоҷагиҳои алоҳида ё гурӯҳи хоҷагиҳо ташкил карда мешуд. Ва боз як хусусияти муҳимтарини кӯчонидани ин давра дар он буд, ки он дар ҳудуди ноҳия, ҳар вилоят ва ҷумҳурӣ ташкил карда мешуд. Ин пеш аз ҳама аз зиёд будани аҳолӣ ва мавҷуд будани қувваи корӣ дар ҳар як минтақа вобаста буд» [96, с.202].

«Муҳоҷирати дохиливилоятӣ одатан дар худи ҳамин вилоят ва ноҳияҳо ба нақша гирифта мешуд. Ба ҳамин тариқ, дар панҷсолаи даҳум (солҳои 1976-1980) дар вилояти Кӯлоб ба таври муташаккилона муҳоҷирати дохилӣ пешбинӣ карда шуда буд - аз маҳалҳои сераҳолӣ ба заминҳои навкорам кӯчондани 1056 хоҷагӣ, ки барои онҳо сохтмони 838 хонаи истиқоматӣ пешбинӣ карда шуда буд, маблағи қарзи муҳлатнок 4128 ҳазор сумро ташкил дод. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои вилояти Кӯлоб 720 хоҷагӣ, дар ноҳияи Восеъ - 269 хоҷагӣ ва дар ноҳияи Муминобод (собиқ н. Ленинград) - 451 хоҷагӣ пешбинӣ карда шуда буд» [31, в.14].

Аз нимаи дуюми солҳои 70-ум дар робита ба азхудкунии мавзеъҳои кӯҳу доманакӯҳҳо танҳо аз маҳалҳои сераҳолии минтақаи Кӯлоб кӯчонда мешуд.

«Масалан, аҳолии ноҳияи Муминобод (собиқ н. Ленинград) барои иштирок кардан дар сохтмони ирригатсионию мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нави ноҳияҳои пахтакор кӯчонда шуда, баъд ҳамчун муҳоҷирон дар азхудкунии заминҳои ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳо, ба ҷойҳои пештараи истиқоматии худ баргаштанд» [1, в.12].

Ба ғамхории бузурги давлат нигоҳ накарда, як қисми муқимиён ҳанӯз дар шароити дашт зиндагӣ мекарданд, ки ин ба ҳосилнокии меҳнати онҳо таъсири манфӣ расонд. Масъала сари он буд, ки ба иллати авомили

объективӣ ва субъективӣ созмонҳои сохтмонӣ маблағҳои барои бунёди манзил тахсис дода шударо сари вақт истифода бурда натавонистанд.

Ба рушду инкишофи сохтмони ирригатсионию мелиоративӣ ва азхудкунии ҳамаҷонибаи заминҳои навкорами Тоҷикистон дар солҳои 70 – 80 – уми қарни XX асосан дараҷаи тараққиёти иқтисодиёти мамлакат, ки дар он давра ба даст оварда шуда буд, ба вуҷуд овардани инфрасохтори пуриқтидори соҳаи кишоварзӣ мусоидат кард. Дар навбати худ ба бомуваффақият ба амал баровардани тадбирҳои аз ноҳияҳои кӯҳӣ, баландкӯҳ ва доманакӯҳ ба заминҳои боқимонда кӯчонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ мусоидат кард.

«Дар сиёсати муҳоҷиркунонӣ дар солҳои 80-ум раванди баръакс мушоҳида карда шуд. Дар ин давра аз водии Вахш ва вилояти Кӯлоб қувваи кории зиёдатӣ ба ноҳияи Данғара кӯчида омад. Ин муҳоҷирони ноҳияи Данғара солҳои 60 - 70-ум барои азхуд кардани заминҳои нав ба водии Вахш ва дигар ноҳияҳо пахтакори ҷумҳурӣ кучонда шуда буданд» [30, в.2].

«Дар асоси қарори Ҳукумати ҷумҳурӣ, инчунин бо мақсади сифатан беҳтар намудани тадбирҳои бо кор таъмин намудани аҳолӣ 14 июни соли 1963 ҳамроҳи Раёсати захираҳои меҳнатӣ Сарраёсати муҳоҷиркунонӣ, барои муташаккилона қабул намудани коргарон ва бо кор таъмин намудани аҳолӣ дар назди Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ташкил карда шуд» [93, с.22].

Сохти нав ба ҳалли чунин проблемаҳои асосӣ, монанди нақлиёт, ташкили маишӣ ва меҳнати сокинони навкорам диққати калон медод. Дар кори ташкилоти нав шавқу ҳаваси хоҷагиҳои ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳ барои азхудкунии заминҳои навкорами водиҳои ҷумҳурӣ зоҳир гардид.

Дар хусуси баррасии конкретии масъалаи муҳоҷират дар солҳои 60 - 80 – уми асри XX бошад, пас, ба қавли Р. Абулҳаев [106, с.129-130], дар ин ҷо тадқиқоти махсус гузаронда нашудааст. Ҳамаи гуфтаҳои боло моро водор сохт, ки дар асоси маъхазҳои бойгонӣ ва маводи матбуотӣ ҷиҳатҳои мусбату манфии татбиқи сиёсати муҳоҷират дар Тоҷикистонро дар давра ва минтақае, ки таҳлил мекунем, аз лиҳози таърихӣ таҳқиқ кунем. Пас аз солҳои 60-уми

қарни XX бештар аҳолиро аз мавзеъҳои кӯҳӣ ба водиҳо муҳоҷир мекарданд. Яъне овардани аҳолӣ аз хориҷи мамлакат, яъне аз дигар гӯшаю канори Иттиҳоди Шуравӣ тамоман қатъ нагардида бошад ҳам, аммо берангтар шуда буд. Масъалаи муҳоҷиронро мақоме бо номи Сарраёсат оид ба муҳоҷирон пайгирӣ мекард.

Дар давраи ҳисоботӣ дар натиҷаи муташаккилона кӯчондани водии Вахш ва вилояти Кӯлоб даҳҳо ҳазор гектар заминҳои бекорхобида, истеҳсоли пахта ва дигар зироатҳои хоҷагии қишлоқ азхуд карда шуданд ва як қатор колхозу совхозҳои нави дорои шаҳракҳои обод ба вуҷуд омаданд.

«Бо вуҷуди ин дар кори муҳоҷиркунии дохили хоҷагии қишлоқ ҳанӯз камбудиҳои ҷиддӣ ҷой доштанд. Инак, танҳо дар давраи аз соли 1965 то соли 1975 нақшаи муҳоҷиронро 2249 хоҷагӣ кам иҷро кард. Инҳо кӯчонда нашудаанд: аз ноҳияи Орҷоникидзеобод - 750 хоҷагӣ, аз ноҳияи Шурообод — 274 хоҷагӣ, аз ноҳияи Ғарм - 80 хоҷагӣ» [28, в.6].

Дар солҳои 60 - 80 – уми қарни XX дар Тоҷикистон дар баробари сохтмони ирригатсионю мелиоративӣ кӯчонидани аҳолӣ низ ба нақша гирифташуда ва азхудкунии заминҳои навкорам гузаронда мешуд. Аз нимаи дуюми солҳои 70-ум ва махсусан дар ибтидои солҳои 80-ум муҳоҷирати дохилиноҳиявӣ амалӣ карда мешуд.

«Ба муносибати вусъат ёфтани сохтмони ирригатсионию мелиоративӣ ва боз ҳам рушд додани ҷараёни азхудкунии заминҳои навкорами водии Кӯлоб, бо оғози ташкил ёфтани комплекси территориявии истеҳсолии Тоҷикистони Ҷанубӣ дар ибтидои солҳои 70-ум муҳоҷират муташаккилона ва муназзам гардид» [96, с.81].

Таҷрибаи таърихӣ равшан нишон дод, ки муҳоҷирон дар ҷараёни азхудкунии заминҳои бекорхобида ва обод кардани инфраструктураи деҳот фаъолона иштирок доштанд.

«Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар бобати аз ноҳияҳои кӯҳсор ба водиҳо кӯчондани хоҷагиҳои деҳқонӣ таҷрибаи калон ҷамъ карда шуд. Роҳбарони ҷумҳурӣ ва мақомотҳои маҳаллии ҳизбию Шурой ба ин воқеа

хеле бодиққат ва эҳтиёткорона муносибат карданд. Кӯчондан танҳо баъд аз ҳаматарафа шинос шудани намояндагони хоҷагиҳо ва бригадаҳои кӯчондашуда бо маҳалҳои аҳолинишин, бо таъмини тамоми шароити меҳнату маишӣ гузаронда шуд. Оилаҳое, ки ҳақиқатан хоҳиши дар ҳайати пурра колхозу бригадаҳо кӯчидан изҳори ақида карданд, сарфи назар аз шумораи одамони қобили меҳнат ба ҷойҳои нав кӯчида шуданд» [96, с.181].

«Вале мо қайд менамоем, ки дар аввали солҳои 70-уми асри XX дар вақти муҳоҷират чун солҳои пеш аз сабаби мувофиқат накардани амалиёти Сарраёсати муҳоҷирон бо намояндагони хоҷагиҳои муҳоҷирон ба як қатор хатогиҳо роҳ дода шуд» [35, в.66].

Дар ҷойҳои муҳоҷираткунӣ шаҳракҳо ва колхозу совхозҳо аз давлат ёрдампулӣ мегирифтанд. Як қисми колхозчиён-муҳоҷирон ба хоҷагиҳои индивидуалӣ роҳбарӣ мекарданд, қисми дигараш ба корҳои ғайрихоҷагӣ машғул буданд. «Ҳамаи ин дар натиҷаи суст будани корҳои оммавӣ-сиёсӣ, фаҳмондадиҳӣ ва назорати ғайриқаноатбахши мақомотҳои маҳаллии ҳизбӣ, Шуроӣ ва шаҳракҳо ба амал омад» [96, с.183].

«Дар натиҷаи суст будани назорат аз болои ҷойгиркунии муҳоҷирон 1 июли соли 1970, дар ҳудуди ноҳияи Данғара - 396 хоҷагӣ, Даштиҷум ва Шуробод – 292 хоҷагӣ, Ховалинг ва Муминобод - 206 хоҷагиҳои аз колхозҳои пештар кӯчондашуда зиндагӣ мекарданд» [34, в.7].

Қарорҳои Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон ҳар сол дар шароити ноҳияҳо ва совхозҳои ҷумҳурӣ нақшаи муҳоҷиратро тасдиқ мекарданд. «Сарраёсати муҳоҷирати назди Шурои Вазирони ҷумҳурӣ бо якҷоягии мақомотҳои ҳизбӣ ва Шурои маҳалҳои баромад дар бобати ташкили кӯчонидани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва бо муҳоҷироне, ки аз ҷойҳои муҳоҷират баргаштаанд, кори бузургеро ба ҷо овард» [96, с.189].

Бинобар ин, ба фикри мо, дар рафти гузарондани корҳои ирригатсионию мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам пеш аз ҳама дар бораи онҳое ғамхорӣ кардан лозим буд, ки минбаъд дар ин заминҳо кору зиндагӣ хоҳанд кард ва дар баробари ин дар як вақт корҳои сохтмонро пеш

мебаранд, манзил ва дигар объектҳои маданию маишӣ барои фотеҳони ояндаи заминҳои навкорам месозанд.

Инчунин қайд мекунем, ки сарфи назар аз мушкилоти рӯзмарра ва шароити душвори иқлимӣ дар аксари маҳалҳои аҳолинишин дар ин давра майли хоҷагиҳои деҳқонии ноҳияҳои кӯҳистонӣ ва доманакӯҳҳо ба азхудкунии заминҳои навкорам дар водии Вахш ва вилояти Кӯлоб зиёд гардид.

Инчунин ёдовар шудан ба маврид аст, ки хоҷагиҳое, ки муҳоҷир карда мешуданд, шомили имтиёзҳои гуногун мегардиданд ва ин имтиёзҳо ба таври комил нисбат ба он хонаводаҳои муҳоҷир амалӣ карда мешуд. Аммо баъзе хонаводаҳо имтиёзҳои худро истифода намуда, яъне амволро дарёфт намуда, онҳоро ба фурӯш расонида сонияи ба маҳалҳои зисти қаблии хеш бармегаштанд.

Албатта, кор дар маҳалҳои тозабунёд осон набуд, аммо масъулин ва дастандаркорон тамоми тадбирҳои лозимаро ба кор мегирифтанд, то ки зудтар аҳолӣ дар маконҳои нави зисти худ мустақар шуда, ба фаъолияти пурсамар шуруъ намоянд. Дар айни ҳол нарасидани кадрҳои касбӣ барои роҳандозии воҳидҳои нави кишоварзӣ ва марказҳои Истгоҳҳои мошинӣ-тракторӣ (ИМТ-МТС) бармало эҳсос мешуд. Дар ин ҷода низ масъулин аз худ ибтикор нишон дода ва боз бо такя ба дастуру ҳидоятҳои ҳизб шахсони лаёқатмандро барои хондан ба марказҳои калони саноатии Иттиҳоди Шуравӣ равона менамуданд. Ин иқдомҳо зуд натиҷа медоданд ва дар як муддати начандон кӯтоҳ аллакай синфи техникҳо аз ҳисоби кадрҳои маҳаллӣ тарбия карда шуда буд, ки ба танҳоӣ аксари корҳои фанниро дар заминаи таъмири техникаи соҳаи кишоварзӣ ва роҳандозии пойгоҳҳои обкашӣ анҷом медоданд. Дар маҷмуъ, сарфи назар аз тамоми мушкилоти мавҷуда дар заминаи кӯчонидани аҳолӣ аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо ва шодобсозии заминҳои боир, туғайзорҳо ва ботлоқзорҳо натиҷаи корҳо хуб ва қаноатмандкунанда буданд ва вилояти Кӯлоб ба як гӯшаи ободи Ватани азизамон табдил ёфта буд.

Вақте Тоҷикистон ба ҳайси ҷумҳурии худмухтор таъсис дода шуд барои барқарор кардани хоҷагии халқи он имконот ва зарфиятҳои нав пайдо шуд. Инчунин ҷумҳуриҳои дигар низ дар масири барқарор кардани хоҷагии халқи ҷумҳурӣ кӯмак мерасонданд. Дар ин маъракаи сиёсӣ намояндагони миллатҳои дигар барои пойдорӣ ва истиқрори ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон ва хоҷагии халқи он ҷонбозиҳо мекарданд. Ин кӯмакҳои халқҳои дигарро тоҷикон ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунанд ва дар саҳифаҳои таърихи миллати мо бо оби заррин сабт шудаанд.

Дар масъалаи аз хориҷ ба Ватан баргаштани фирориҳо анҷумани шуроҳои Тоҷикистон, нақши муҳим бозида, ҳоизи аҳаммияти калон буд. Дар ин анҷуман масъалаҳои гуногун дар иртибот ба муҳоҷиркунӣ ва баргаштани фирориён аз Афғонистон мавриди баррасӣ қарор дода шуд, таъкид карда шуд, бояд дар байни аҳолӣ тарғиботу ташвиқотро зиёд намуда моҳияти дигаргуниҳо ва декретҳои Ҳокимияти Шуравӣ ба мардум фаҳмонида шавад. Ҳукумати ҷадид душмани онҳо набуда, сирфан Ҳукумати коргарону деҳқонон буд. Аз он ҷумла Раиси кумитаи инқилобии (Ревком) ҶМШС Тоҷикистон Нусратулло Махсум ба сухан баромада қайд намуданд: «Анҷумани Шуроҳо ҳамчун ҳомии пуркудрати сарзамини Тоҷикистон аз номи шаҳрвандони тоҷик ба ҳукумат ва аҳолии Афғонистон бори охир муроҷиат ва аз онҳо талаб мекунад, ки муҳоҷирони тоҷике, ки мехоҳанд ба ватан баргарданд, садди роҳи онҳо нашаванд ва кӯмак кунанд, ки онҳо ба Ватан баргарданд» [181, с.78-79].

Муҳаққиқ Ф.М. Абдурашитов дар рисолаи хеш перомуни ин масъала чунин навиштааст: «Аз хонаводаҳои муҳоҷиратшуда дар ҷумҳурӣ то нимаи аввали асри XX 150 деҳаи нав, аз ҷумла 36 деҳа дар вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа таъсис дода шуд» [222, с.167].

«Вақте дар марҳалаи дуюм муҳоҷирон аз хоки Афғонистон ба Тоҷикистон бармегаштанд, талош мекарданд, ки онҳоро дар заминҳои навкорам ҷойгир кунанд. Марҳалаи дуюм, ки муҳоҷирон аз Афғонистон бармегаштанд, дар Тоҷикистон муҳоҷиркунии аҳолии манотиқи кӯҳистон

низому риволи муайянро касб карда буд ва хеле мураттабу муназзам анҷом дода мешуд, бо тамоми хусусиятҳои ин раванд» [102, с.146].

Агар ба таърих нигоҳ кунем, то оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) дар Иттиҳоди Шуравӣ маъракаи калони сохту соз ва ҷо ба ҷо кардани аҳолӣ барои беҳтар ба роҳ мондани корҳо идома меёфт. Дар ин байн Осиёи Миёна, ки иқлими гарму хушк дорад, дар тақсимбандии замони Шуравӣ ҳамчун макони истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва бавежа маҳсулоти стратегие ба монанди пахта тахсис дода шуда буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо доштани оби зиёд ва майдонҳои васеъ макони хуби истеҳсоли пахта арзёбӣ мешуд, хусусан пахтаи маҳиннах. Аз ин рӯ, масъулин ин мавоьридро ба инобат гирифта ба ҷалби муҳоҷирон ба соҳаи пахтакорӣ машғул мешуданд. Пахта зироати техникӣ буда, барои дар ҳаҷмҳои калон коштан ва парвариш кардани он нигоҳубин ва ба ҳосил расонидани он заҳмат кашидан лозим аст. Агар агротехникаи он нодуруст иҷро шавад, ҳосили хуб ба даст овардан амри муҳол аст. Хушбахтона, бо кӯмаки мутахассисон аз навоҳии маркази Иттиҳоди Шуравӣ, ки ташриф оварда буданд, пахтакорӣ дар ҷумҳурӣ авҷ гирифт ва пахта ба яке аз маҳсулотҳои асосии истеҳсолӣ дар минтақа табдил ёфт.

«Муҳоҷирон ба корҳои кишоварзӣ ва бавежа пахтакорӣ ҷалб карда мешуданд. Аз ин рӯ, теъдоди муайяни хонаводаҳо ба ин манотиқ муҳоҷир карда мешуданд, аз ҷумла теъдоди умумии хонаводаҳо ба 7230 адад мерасид, ки аз теъдоди 880 хонавода ба Тоҷикистони Ҷанубӣ рост меомад, аз инҳо аз ноҳияи Ховалинг 300 хоҷагӣ, аз ноҳияи Балҷувон 200 хоҷагӣ, аз ноҳияи Муъминобод 280 хоҷагӣ ва аз ноҳияи Кӯлоб 100 хоҷагӣ буданд» [213, с.271].

«Минтақаҳои асосии ҷойгиркунии муҳоҷирон дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, дар ноҳияи Кӯлоб 800 хоҷагӣ ва ноҳияи Фархор 1500 хоҷагӣ буданд» [15, в.46].

«Дар натиҷаи ташвиқот барои муҳоҷират ба заминҳои навкорам аз минтақаҳои дигар ба ноҳияи Фархор 1060 хоҷагӣ ва ноҳияи Кӯлоб 853 хоҷагӣ

кӯчида омаданд. Муҳоҷирати баҳорӣ бомуваффақият ба анҷом расид» [15, в.27].

«Дар ин давра барои рушди соҳаи кишоварзӣ, барои таъмини муҳоҷирон бо замин ва кор дар соҳаи ҳоҷагии қишлоқ масъалаи таъмини об барои Тоҷикистони Шуравӣ аввалиндараҷа ба ҳисоб мерафт. Аммо, шабакаҳои обрасони дарёҳои Вахш, Панҷ, Кофарниҳон, Сурхоб ва монанди инҳо, ки ба садҳо километрҳо мерасид бар асари ҷанги шаҳрвандӣ ва кашмакашиҳои дохилӣ харобу валангор шуданд. Дар баробари ин каналҳои магистралии Ҷӯйбор, Обитоир, Бешкаппа ва амсоли инҳо аз фаъолият бозмонда буданд. Мутобиқ ба омори аз сарчашмаҳо ба даст оварда даргириҳои дохилӣ боиси харобу валангор шудани наздик 75 % ин иншоотҳо гашта буд» [134, с.265-268].

«Бояд қайд намуд, ки маъракаи муҳоҷиркунонӣ ба вилояти Кӯлоб дар навбати худ хусусиятҳои муайянеро дошт. Масалан, совхозҳои вилояти Кӯлоб дар солҳои ҳафтсола (с.1959-1965) якчанд маротиба ҳамчун пешсафони соҳаи кишоварзӣ зикр шудаанд. Барои мисол, совхозҳои «Данғара», «Кангурт», «Ховалинг» ва «Муъминобод» чандин маротиба сазовори ҷойҳои ифтихорӣ гаштанд» [145, с.293-296].

Яъне корҳо дар минтақаҳои муҳоҷир кардашуда бо маром идома меёфт. Майдонҳои кишт афзоиш пайдо мекард. Пас аз он ки канали Фархор - Чӯбек ба истифода дода шуд, масоҳати заминҳои обёришаванда ба маротиб афзуд. Яъне дар ин мавзеъҳо масоҳати заминҳои кишт 35 ҳазор гектар афзоиш пайдо кард. Аз ин масоҳат 20,8 ҳазор гектар барои кишти пахта, 1343 гектар барои кишти шолӣ ва 13,3 ҳазор гектар барои дигар зироатҳои кишоварзӣ пешбинӣ шуда буд. Ин ҳама иқдом боиси зиёд шудани ҳосили фаровардаҳои кишоварзӣ гашта, ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ кӯмак намуд.

«Дар натиҷаи дуруст ба роҳ мондани корҳои обёрӣ ва азхудкунии заминҳо шумораи муҳоҷирон рӯз то рӯз афзоиш меёфт. Шумораи хоҷагиҳои кӯчонидашудаи баргашта то 1 августи соли 1976 ба 800 адад расид, ки аз онҳо дар Ғарм (ҳоло н. Рашт) 139 хоҷагӣ, Ҷиргатол (ҳоло н.

Лахш) 42 хоҷагӣ, Комсомолобод (ҳоло н. Нуробод) 101 хоҷагӣ, ноҳияи Ленин (ҳоло н. Рӯдакӣ) 64 хоҷагӣ, Восеъ ва Кӯлоб 69 хоҷагӣ буданд»[106, с.142-143]. Дар маҷмуъ, иқдомҳои ҳокимони давр дар заминаи кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо ва бавежа водии Кӯлоб боровар буда, бо мурури замон натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овардааст.

Вақте иқдомҳои рӯйи барнома ва нақшаи муайян иҷро карда мешаванд, натиҷаҳо хеле назаррас ва мусбӣ мешаванд. Дар андак муддат дар байни солҳои 1970 - 1980 бо иқдомҳои пешгирифтаи роҳбарияти Иттиҳоди Шуравӣ ва роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон симои вилояти Кӯлоб ва тамоми ҷумҳурӣ ба куллӣ тағйир кард. Дар вилояти Кӯлоб мактабу боғчаҳо, яслию кӯдакистонҳо, театру мағозаҳо ва дигар муассисаҳои маданию равшаннамоӣ дари худро барои муштариён боз мекарданд. Хусусан, ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд. Дар андак муддат садҳо мактабу муассисаҳои таълимӣ ва омӯзишгоҳҳо дари худро барои довталабон боз карда, теъдоди ҳазорон ҷавононро ба оғӯши худ барои таҳсил фаро гирифтанд. Махсусан, ба таҳсили духтарон таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд. Чунки аксари падару модарон ба таҳсили духтарон ва омӯзиши онҳо монеа мешуданд ва духтаронро зуд ба шавҳар медоданд ва таҳсили касбро барои духтарон як кори нолозим медонистанд. Ин ҳама аз замонҳои хеле дур ба мо мерос монда буд ва моро лозим буд, ин ки фаҳмишҳои куҳнаро аз сари мардум дур карда, тамоми монеаҳоро барои таҳсили духтарон бардорем ва роҳро барои таҳсил ва омӯзиши онҳо ҳамвор карда, онҳоро ба таҳсил кардан ва соҳибкасб шудан тарғибу ташвиқ намоем.

«Хусусиятҳои хосси муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорами вилояти Кӯлоб дар солҳои 70-80- уми асри XX, ин бунёд намудани хоҷагиҳои нави кишоварзӣ, беҳтар намудани зисту зиндагии муҳоҷирон, азхуд намудани заминҳои бекорхобидаи минтақа ба шумор меравад. Масалан, соли 1981 хоҷагии кишоварзии «Правда» -и ноҳияи Ҳамадонӣ (собиқ ноҳияи Москва) аз ҳисоби заминҳои бекорхобидаи мавзеи Ғарабдара масоҳати

заминҳои кишоварзии худро зиёда аз 400 гектар зиёд намуда, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бештар намуд» [240, с.86].

«Сиёсати интиқол додани аҳолии кӯҳистон ба водиҳо дар солҳои 70-80-уми қарни XX низ идома пайдо кард. Масалан, сокинони ноҳияи Шурообод (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин – С.И.) ба шаҳраки навтаъсиси Навобод ва Гулшани мавзеи Уртабуз интиқол дода шуданд. Он вақтҳо дар ин ҷо колхози «50 – солагии Комсомоли Тоҷикистон» фаъолият мекард, ки мутобиқ ба ноҳияи Фархор буд» [241, с.148].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ ташаббуси коркунони алоҳида хеле тарғибу ташвиқ карда шуда дастгирии зиёд мeёфт. Масалан, мо аз тарафи қаҳрамониҳои Стаханов як корманди шахтаи зуғолсанг, ки дар як сменаи корӣ нақшаи чанд сменаро иҷро мекард, бисёр шунида ва аз тариқи оинаи нилгун дидаем. Ба ҳамин монанд мо дар саҳроҳои пахтаи тоҷик қаҳрамонони худро доштем. «Масалан, механизатор Ш. Туробов зиёда аз 400 тонна пахта ҷамъоварӣ намуд ва механизатори совхози «Уртабуз» – и ноҳияи Фархор Раҳматуллоев Ш. бошад, ҳар рӯз бо мошини пахтачинӣ 14-16 тонна пахта ҷамъоварӣ мекард» [250].

«Ҳамин тариқ, нақши ҶШС Тоҷикистон дар татбиқи сиёсати Ҳукумати Шуравӣ оид ба даст овардани истиқлолияти пахта дар асри XX васеъ равшан нишон дода нашудааст» [87].

«Хусусиятҳои хосси давраи дуюми таърихшиносии сохтмон, азхудкунӣ ва муҳоҷирати ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон дар он аст, ки бо нигоҳ доштани иттилооти маводи нашршуда вобастагӣ дорад» [244].

Таърихшинос Г.Ю. Шейкин ба масъалаи ғарқ шудани каналҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда чунин навиштааст: «Обе, ки аз дарё ба канал тавассути сарбанд ворид мешавад, 25 фоизи ғарқшавиро ташкил медиҳад ва дар тӯли канал 10-12 фоизи ғарқшавиро ташкил медиҳад ва дар як сол 60 ҳазор $м^3$ гил ҷамъ мешавад» [217, с.12-13].

«Каналҳои шабакаи обёрии ноҳияҳои Фархору Чӯбек ва қитъаи обёрии Саройкамар дорои алафҳои қамиш ва буттаҳо буданд ва табиист, ки ғарқшавӣ бештар рух медод» [111, с.85-91].

Барои хубтару беҳтар фаро гирифтани масоили муҳоҷиркунӣ ва обёрии минтақаҳои водии Кӯлоб беҳтар мешавад, онҳоро ба марҳилаҳо тафкик кунем ва вобаста ба хусусиятҳои ҳар як марҳила онҳоро ба риштаи омӯзишу таҳқиқ бикашем. Ин дурусттар ва ба манфиати таҳқиқ хоҳад шуд, ки бештар корҳои муқаддамотӣ дар он давра ва марҳилаҳои он анҷом шуда буданд, яъне ба масал бештар корҳои иктишофӣ ва омӯзишию роҳандозӣ анҷом дода шуда буданд.

Аввал аз ҳама ҳифзи шабакаҳои обёрӣ аз офатҳои табиӣ ва дигар омилҳо, дигар ин ки барқарорсозии ин шабакаҳо буд. Чунки ба иллати ҷалби қувваҳои аслии корӣ ба ҷанг, аксари ин пойгоҳҳо ва заҳкашу заҳбурҳо ва шабакаҳои обрасон харобу валангор шуда буданд, марҳилаи баъдӣ кӯчонидани аҳоли аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо ва марҳилаи чоруми даври дуюм азхудкунии заминҳои навкорам ва бунёди обанборҳои азиме мисли Норак, Бойғозӣ, Муъминобод ва Селбур мебошад.

«Дар ҳамин ҷо қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин давра ва корҳое, ки дар ин самт иҷро карда шуданд, паҳлуҳои норавшан хеле зиёд доранд ва муҳаққиқонеро мунтазир аст, ки  ин мавзуъҳоро ба риштаи таҳқиқ кашида, баъзе саволҳои беҷавоби марбут ба ин манотиқ ва ин марҳилаю кору фаъолияти он бармало гардад» [225, с.50]. Чун мавзуи мо сирфан муҳоҷиркунӣ ба водии Кӯлоб ва обёрии заминҳои ин вилоят мебошад, аз ин рӯ, барои омӯзиши ҳаматарафаи проблемаи хеш мо миқдори кофии асноду мадорикро аз бойгониҳо берун кашида омӯхтем ва далоили барои хеш лозимаро сабт карда гирифтем.

«Аз обанбори Норак соли 1985 нақби магистралии Данғара сохта шуд, ки иқтидори обгузаронии он 100 $м^3$ сонияро ташкил медиҳад, дар натиҷа 80 ҳазор гектар замини дашти Данғара шодоб гашт. Ҳоло ин канал бо дастгирии Ҷумҳурии Хитой такмил ва навсозӣ гашта истодааст. Айни замон майдони

умумии обёришавандаи вилояти Кӯлоб 82,753 ҳазор гектар буда, дарозии умумии каналҳои байнихоҷагӣ 681,9 км ва дарозии каналҳои дохили хоҷагӣ 1448,9 км-ро ташкил медиҳад» [194, с.81].

Пас омӯзиш ва баррасии масъалаи мазкур мо дар поёни кори хеш ба чунин хулоса омадем, ки масъалаи муҳоҷиркунии аҳолӣ, сохтмони хоҷагии об ва азхудкунии заминҳои нави ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон (солҳои 1970 – 1985), ҳамчунин ҷанбаҳои методологӣ ва назарии ин масъала мебошанд:

1. Хусусиятҳои масъалаҳои муҳоҷиркунӣ ба водии Кӯлоб ва обёрии заминҳои ин вилоят, ки дар заминаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои нав анҷом дода шудаанд, хеле масъалаи муҳим буда, маълумотҳои амиқу дақиқро роҷеъ ба ин давра дар бар мегиранд ва моро ба як марҳалаи рушди хеле муҳим ва ҳассоси кишвари азизамон Тоҷикистони соҳибистиқлол ошно мекунанд. Ин корҳое, ки дар ин давра анҷом дода шудаанд, барои касби таҷриба, омӯзишу татбиқи он ба масъулин кӯмаки бедареғ менамоянд. Бо такя ба ин мавод ва осоре, ки рӯйи кор омадааст тадқиқотҳои амиқ ва комилан илмиро анҷом дода масир ва омилҳои рушдро метавон мушаххас кард.

2. Мо ба як нуктаи дигар зимни омӯзиши асноду мадорики ин давра таваҷҷуҳ карда ба хулосае омадем, ки хусусиятҳои амалигардидаи муҳоҷират роҷеъ ба ин иқдом, яъне муҳоҷиркунӣ зиёд буда ба таври мухталиф арзёбӣ шудааст. Аммо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки муҳоҷиркунӣ иқдом ва кору пайкоре дар масири ҳаракат ба пеш аст, ҳоло ин иқдом норасоӣ ва камбудӣ дорад ё хайр ин баҳси дигар аст. Аммо муҳаққиқон ба ин масъала кам таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд ва ин масъаларо нодида мегирифтанд. Дар сурате, ки муҳоҷиркунӣ ва кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо дар масири рушди кишвари азизамон Тоҷикистони маҳбуб таъсири назаррасе доштааст.

3. Омӯзиш ва баррасии сарчашмаҳои ба табърасида баёнгари он мебошанд, ки манобеи катбӣ ҷовии маълумотҳои амиқу дақиқ роҷеъ ба масъалаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои навкорам мебошанд.

4. Нуктаи дигаре, ки мехостем перомуни он ибрози андеша намоем, ин аст, ки таҷрибаи муҳоҷиркунии манотиқи мухталифи Тоҷикистон ба таври бояду шояд ба риштаи таҳқиқ кашида нашудааст.

5. Фаъолияти муассисаҳои муҳоҷираткунонӣ ва хоҷагии об, ҳизбӣ ва шуравии ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистонро дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ амиқ омӯхтан лозим аст, зеро ин мавзуъ ҳанӯз ба таври кофӣ таҳлил нашудааст. Ҳангоми гузаронидани муҳоҷират, меҳнати идеологӣ ва оммавию сиёсии созмонҳои ҳизбӣ ва ҷамъиятию сиёсии ҷумҳурӣ назаррас буд.

## 2.2. Саҳми муҳоҷирон дар азхудкунии заминҳои нав ва бекорхобидаи минтақа

«Ҷараёни муҳоҷирати аҳолии ноҳияҳои кухӣ ва доманакӯҳии минтақа ба мавзеъҳои водии минтақа барои инкишофи соҳаи кишоварзӣ ва рушди иқтисодии вилояти Кӯлоб аҳамияти таърихии бузург дорад. Агар ба масири таърихи даврони шуравӣ назар афканем, мушоҳида менамоем, ки аллакай солҳои 30-юми асри XX ҷараёни аз Афғонистон баргаштани деҳқонон афзоиш ёфт. Дар ҳамон сол ба ноҳияҳои вилояти Кӯлоб муҳоҷирон тибқи фарзияи аъзоёни экспедитсияи тоҷик (Н.И. Белкова, Ф.Д. Моисеева, С.М. Филатова) [109, с.81], лаҳзаеро интизор буданд, ки ба зодгоҳашон баргарданд [249, с.404]. Онҳо дар гурӯҳ, оилаи алоҳида ва танҳо бармегаштанд. Ин кор солҳои минбаъда низ суръати худро кунд накарда идома меёфт» [109, с.81].

Обёрӣ ва маскун кардани аҳолӣ дар манотиқи ҷанубии ҷумҳурӣ шомили ду давра, яъне солҳои 1926 -1941 ва солҳои 1945 -1969 буд. Тайи ин ду давра одамон аз дохил ва берун ба ҷумҳурӣ оварда шуда, дар тамоми заминҳои навкорами манотиқи ҷанубии кишвар: вилоятҳои Кӯлоб ва вилояти Қӯрғонтеппа ҷойгир карда шуданд. Дар маҷмуъ, сарфи назар аз тамоми камбудӣ ва норасоиҳои дар пай дошта ин маърака, яъне муҳоҷир кардани аҳолӣ ба манотиқи ҷануби кишвар ба таври мусбат ба нуқтаи ниҳоии хеш расид.

Асноду мадорики ҳизбию давлатӣ ба таври муфассал ин ҷараён, яъне муҳоҷиркуниро иъикос кардаанд.

Ин масъала дар якчанд рисолаҳои илмӣ [Ниг.:224, 223, 237, 228, 235, 238,234, 229, 231, 236, 233], монографияҳо ва нашрияҳо [Ниг.:118, 120, 135, 165, 164, 166, 167, 195, 208, 102, 106, 103, 100, 101, 97, 96, 94, 95, 124, 123, 128, 153, 213, 159, 189, 210, 166, 161] инъикоси худро ёфтааст.

Масалан, дар диссертатсияҳои Д.И. Шинжикашвили, Ф.М. Ҳамидов, С. Ҳамидов, А.А. Артиқов, Б.А. Антоненко, Г. Наврӯзов [234, 236, 226, 227, 225] ҳангоми инъикоси таърихи муҳоҷират ва сохтмони шабакаҳои обёрӣ масъалаи азхудкунии заминҳо баррасӣ карда намешавад. Барои мисол, Ф.С. Наботов низ ба ин масъала рӯ овардааст, аммо хеле кам, яъне бо овардани ду сархат иктифо намудааст. Аз ин рӯ, хидмат ва талошу кӯшиши муаллифи диссертатсия дар он аст, ки бори аввал ӯ масъалаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии минтақаи ҷануби Тоҷикистон бавежа вилояти Кӯлобро ба таври мукаммал ва ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқ кашидааст.

Муҳаққиқ Ф. М. Абдурашитов низ аз таърихи азхудкунӣ ин манотиқ сарфи назар намудааст.

Яке аз масъалаҳои мубрами таърихшиносӣ таърихи азхудкунии заминҳои ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон масъалаи муҳоҷират мебошад.

Мушкилоти илмии муҳоҷират дар асарҳои муҳаққиқони илмҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва таърихӣ баён гардидааст.

Диссертатсияи Д.М. Баротов, ки ба таҳқиқи мушкилоти ҷойгиршавии аҳолии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида шудааст ва номбурда масъалаҳои гуногуни марбут ба аҳолии ин вилоятро ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Муҳаққиқ Д.М. Баротов низ зимни баррасии мавзуи хеш ба масъалаҳои иҷтимоии муҳоҷирон бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Вале мавзуи мо сирфан минтақаи Кӯлобро дар бар мегирад [225, с.50].

Муҳаққиқон паҳлуҳои мухталифи муҳоҷират ва муҳоҷиркуниро марвиди баррасӣ қарор дода, андешаҳои ҷолиби диққат баён намудаанд. Ба

андешаи мо муҳоҷират шомили масоили мухталиф ва минҷумла пулию молӣ, демографӣ ва беҳдоштӣ мебошад.

Барои мисол, муаррихи варзида Р. Абулҳаев масоили марбут ба муҳоҷиратро ба якчанд марҳила тақсимбандӣ намудааст.

Давраи аввал солҳои 1923 -1929 ба хоҷагиҳои Арал, Хоҷақалъа, Куктош, Фархор ва Чӯбек [225, с.51].

Давраи дуюм солҳои 30 – юми қарни XX ба водии Вахш.

Давраи сеюм солҳои 1946-1956 ба  Вахш, Ҳисор, Колхозобод (Восеъ), Чӯбек (Ҳамадонӣ), Фархор.

Давраи чорум солҳои 1956-1975 – муҳоҷирати дохилӣ ба тамоми ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон.

Як идда аз муҳаққиқони дигаре, ки ба ин масъалаҳо рӯ оварда буданд, муҳоҷиркуниро ба давраҳо тақсим кардаанд.

Албатта, вақте мо бихоҳем перомуни даврабандии муҳоҷиркунӣ ва ё муҳоҷират суҳбат кунем боястӣ баъзе аз масоилро мавриди назар гирем.

Манзури мо вазъи сиёсӣ ва иқтисодии мамлакати Иттиҳоди Шуравӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Вазъ дар ин марҳилаҳо, яъне давраҳои якум ва дуюм муҳоҷират дар мамлакат хеле вазнин буд. Кишвар ҷанги дохилиро паси сар мекард ва ҳамзамон бо неруҳои хориҷӣ, ки бар алайҳи Иттиҳоди Шуравӣ басиҷ шуда буданд, меҷангид ва ҳамзамон боз неру ва имконот пайдо карда ба барқарор кардани иқтисоди мамлакат даст мезад.

Аз ин рӯ, ҳамаи ин тақсимбандиҳое, ки муҳаққиқон даст ба он задаанд, шартӣ буда, бастагӣ ба вазъи кишвар оромиши сиёсӣ дошт. Яъне ҳар вақт давлат ва Ҳукумат оромиш дошт ва вазъи иқтисодию молиявиаш имконият медод, даст ба ободкорию созандагӣ занад. Ҳар вақт вазъ ваҳиму сангин мешуд, ба корҳои амниятӣ бештар таваҷҷуҳ зоҳир карда, корҳои ободиро ба ҳоли худ мегузоштанд. Аз ин рӯ, вақте мо ба ин масъала аз ин дарича нигоҳ мекунем, барои мо хеле чизҳо бармало мешавад ва мо мефаҳмем ва дарк мекунем, ки тақсимбандӣ ва авҷ гиритфани корҳои муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои бекорхобида бастагӣ ба вазъу ҳол доштааст ва тақсимбандии мо ба

марҳалаҳо шартӣ буданаш бармало мешавад. Дар ғайри ин сурат мо метавонистем аз муҳаққиқони ин ришта бипурсем, ки онҳо бар кадом появу асл муҳоҷиркуниро марҳилабандӣ кардаанд. Албатта, дар ин миён андешаву афкоре вуҷуд дорад, ки он аслу пояи ин марҳалабандӣ шудааст.

Дар диссертатсияҳои М. Саидов, М. Ҳамроев, Р. Аҳмадов, Х.Ҷ. Қурбонова, Г. Наврӯзов, Ф.М. Ҳамидов дар бораи муҳоҷирон ахбори муайяне мавҷуд аст, вале ин мавзуъ мавзуи таҳқиқу баррасии онҳо маҳсуб намеёбад. Гап дар сари он ки муҳоҷират ва кӯчонидани аҳолӣ ба заминҳои навкорам иртиботи сахт дорад. Дар рисолаи М. Саидов оиди водии Вахш таҳқиқот меравад, М. Ҳамроев бошад тамоми ҷумҳуриро оиди ин масъала таҳқиқот гузаронидааст, Р. Аҳмадов ва Г. Наврӯзов тамоми Иттиҳоди Шуравиро таҳқиқ намудаанд, Х. Қурбонова бошад нақби Данғараро таҳқиқ менамояд ва ғ.

Дар диссертатсияи худ «Ташаккул ва рушди шабакаи хоҷагии об ва азхудкунии заминҳои нави вилояти Кӯлоби Тоҷикистон (солҳои 20-80-уми асри XX)» муҳаққиқ Наботв Ф.С. низ нуқтаи назари худро баён намудааст.

Оид ба ин масъала мутахассисони соҳа Қ.Ҷ. Бозоров, Ф.М. Абдурашитов, А.А. Артиқов ва М. Маҳмадбеков таҳқиқоти илмӣ гузаронидаанд.

«Таҳқиқи таърихи муҳоҷирати кишоварзӣ, инчунин аз ҷониби Қ.Ҷ. Бозоров таҳқиқ гардидааст. Вай диссертатсияи худро дар бораи таърихи муҳоҷирати кишоварзии солҳои 1946-1965 ҳимоя кард, ки дар он низ даврабандии худро медиҳад: солҳои 1946-1951, солҳои 1951-1956 ва солҳои 1956-1965» [229].

«Дар асарҳои А.А. Артиқов [227] ва М. Маҳмадбеков [232], ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ берун аз ҷумҳурӣ бахшида шудаанд, инчунин даврабандии таърихи равандҳои муҳоҷират дода шудааст» [109, с.58].

Агар мо ба навиштаи таърихнигор Ф.М. Абдурашитов [224, с.5] назар андозем мебинем, ки эшон марҳилаҳои муҳоҷиратро ба таври муназзам ва пайдарпай муайян накардааст, яъне хронология дар кори эшон ба чашм

намерасад ва ин муайянкунӣ кор ва фаҳмидани онро то андозае мураккаб мегардонад. Мо хуб медонем, ки вақте коре рӯйи назм ва риволи муайяне ҷараён мегирад, дарку фаҳми он осон мегардад ва мо метавонем мунтазири натиҷаи хубе низ бошем. Масалан, таърихнигор Ф.М. Абдурашитов марҳалаҳоро чунин муайян кардааст: «солҳои 20-30 – юм; солҳои 40-50 – ум ва солҳои 60-80 – ум» [222, с.5].

Дар қисмати болои кор мо як нуктаро зикр карда будем, ки муҳаққиқин ин бахш перомуни шуруи корҳо дар ин масир ва самт санаҳои мухталифро номбар кардаанд. Албатта, иллату сабаби эълон доштани санаҳои мухталиф гуногун мебошад, чунки бархе бо истинод ба асноду мадорики таърихӣ ин андешаро баён дошта бошанд, аммо бархеи дигар бошад, бо такя ба асноду мадорики дигареро, ки мо то ба ҳол перомуни онҳо маълумоти камтар дорем, андешаҳои хешро баён доштаанд. Дар ин радиф таърихшинос Алимов Д.Х., ки метавон гуфт соҳиби мактаби хеш мебошанд, дар робита ба оғози барқарорсозӣ чунин назар доранд, ки барқарорсозӣ ва шодобсозии минтақаи мазкур аз солҳои 20 - уми қарни ХХ оғоз шудааст. Албатта, донишмандони мазкур пас аз ғавру баррасӣ ва омӯзиши амиқи асноду мадорики давлатию ҳизбие, ки дар бойгониҳо маҳфуз мебошанд, ба чунин хулоса омадааст ва мо низ аз андеша ва афкори номбурда пайравӣ мекунем ва андешаҳои устоди гиромиқадрро айни воқеият мепиндорем [110, с.89-92].

Дар рисолаи яке аз муҳаққиқони ҷавон Ф.С. Наботов хеле аз масъалаҳое, ки мо ба риштаи таҳқиқ баркашидаем бардошта шуда, фикрҳои ҷолибе баён карда шудааст. Аммо нуқтаи назари эшон нисбат ба масъалаи мазкур пароканда ва гоҳу худдорӣ буда, тасвири комиле аз мавзуъро пеши назари мо ҷилвагар намесозад. Дар ҳар сурат мо аз навиштаҳои эшон маълумоти хеле гарон ва муфидро роҷеъ ба мавзуи таҳқиқии хеш дарёфт кардем ва дар пайтҳои муносиб ва мувофиқ аз он ахбор ба наҳви аҳсан мавриди истифода қарор додем. «Инчунин номбурда ба ҷуз аз он ки марҳилаҳоро тафкик кардааст, ҳар кадоми онҳоро номгузорӣ намудааст ва бо ин кори хеш ба марҳилаҳо масиру мароми мушаххасеро ифода кардааст,

барои мисол, солҳои 30 – юм пуштибонӣ аз деҳқонони камбизоат; солҳои 40-50-ум бойгардонии вазъи иҷтимоии деҳқонони миёнаҳол; солҳои 60-70 – ум ҷараёни аз байн бурдани тафовути байни шаҳр ва деҳот, яъне дар солҳои 20-ум.; солҳои 30-юм; солҳои 40-50 – ум; ва солҳои 60-70 – ум дар чор марҳила» [109, с.60]. «Аммо ин ба миқёси раванди ҷумҳуриявӣ дахл надорад, балки онҳо танҳо ба хусусиятҳои минтақаи Кӯлоб дахл доранд» [171, с.9].

Аз ҷумла, дар диссертатсияи номзадии Ф.М. Абдурашитов муҳоҷират дар ду боб (бобҳои 3 ва 4) ва дар диссертатсияи докторӣ дар ҳамаи чор боб мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Барои тадқиқоти мо ин диссертатсияҳо аз он рӯ, арзишманд мебошанд, ки муҳаққиқ дар кори хеш муҳоҷиркуниро ба давраҳо тақсимбандӣ намуда, онро дар маҷмуъ, ду давра номидааст: пеш аз ҷанг (солҳои 1925-1941) ва пас аз ҷанг (солҳои 1941-1965). Фақат давари сеюмро бошад, номбурда дар навбати хеш ба се марҳила тақсим намудааст: солҳои 1941-1945, солҳои 1945-1955 ва солҳои 1956-1965, ки бо нақшаҳои сотсиалистии шуравии панҷсола мувофиқат мекунад. Дар диссертатсияи доктoриаш Ф.М. Абдурашитов марҳилаҳои давраи якумро мушаххас мекунад (солҳои 1923-1926, солҳои 1926-1929, солҳои 1929-1941, солҳои 1946-1955, солҳои 1956-1966, солҳои 1966-1975 ва солҳои 1976-1985) [222, с.5].

Муҳаққиқи тоҷик Ф.М. Абдурашитов дар рисолаи илмии хеш ба даврабандии [222, с.28-40] муҳоҷиркунӣ даст зада ин давраҳоро содатар муайян кардааст. Инчунин ба масъалаҳои дигари муҳоҷиркунӣ даст зада роҷеъ ба кор [222, с.60-125], меҳнат [222, с.126-200], зиндагӣ ва ҳаёти фарҳангии муҳоҷирон маълумоти ҷолибе баён доштааст ва мо низ зимни баррасии масоили рисолаи хеш аз маводи ироанамудаи эшон ба таври ҳадди аксар истифода намудем. Гоҳан чунин ба назар мерасад, ки муҳаққиқ Ф.М. Абдурашитов аз чаҳорчӯбаҳои муайяншудаи баъзе аз масоиле, ки набояд ба риштаи таҳқиқ мекашид, берун рафта, онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст [109, с. 62].

Тавре ки шумо медонед, азхудкунии заминҳои нав ба ҳама ташаккулҳои иқтисодӣ хос аст. Аммо, азхудкунии сотсиалистии шуравӣ шакли нави амали давлат ва ҷомеа дар ин соҳа буд.

Ф.М. Абдурашитов дар рисолаи хеш овардааст:«Пас аз ҷанг сохтмон ва таҷдиди шабакаҳои обёрӣ барои азхудкунии тақрибан 17,8 ҳазор гектар заминҳои нави обёришаванда ба нақша гирифта шуда буд. Корҳои обёрӣ-мелиоративӣ оид ба обёрии ноҳияи Фархор, сохтмони иншооти асосии Чӯбек ва дигар объектҳои хоҷагии об ба охир расиданд» [222, с.145].

Аҳолии навоҳии кӯҳистони тоҷик барои дастгирӣ кардан аз даъвати ҳукуматдорон ба таври ихтиёрӣ пас аз итмоми ҷанг ба водиҳо кӯч бастанд. Дар вилояти Кӯлоб бешатр аз 1080 хонавода дар дохили вилоят ба ҷойҳои нав мунтақил шуданд ва дар маконҳои нав ба таъсиси воҳидҳои кишоварзии ба ном колхозҳо даст зада теъдоди 25 колхози навро таъсис намуданд [225, с.239].

Яке аз муаррихони дигар М.Х. Абдуназарова ба масъалаи муҳоҷират рӯ оварда чунин баён доштааст: «Садҳо хоҷагиҳои колхозӣ, ва бригадаҳои ноҳияҳои кӯҳию доманакӯҳии вилоятҳои Ленинобод (ҳоло вилояти Суғд), Ғарм (ҳоло н. Рашт) ва Кӯлоб хоҳиши муҳоҷират ба ноҳияҳои пахтакор, хусусан, вилояти Кӯлобро доштанд. Колхозҳо ба муҳоҷирон чорво, маҳсулот, пул ҷудо карда, онҳоро барои роҳ бо ғизо таъмин намуданд» [221, с.134].

Давлати абарқудрати Иттиҳоди Шуравӣ тамоми корҳоро пас аз омӯхтан ва баррасии амиқ амалӣ менамуд. Масъалаи муҳоҷиркунии аҳолӣ дар Осиёи Миёна ва хоссатан Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз ин барномаҳо орию холӣ набуд. Яъне амал тарҳрезишуда омӯхта шуда буд, ки ба он даст заданд. Ва ҳатто натиҷаҳои ин икдом то арқоми он мушаххас буданд. Агар мо ба асноду мадорики он давра дар бойгониҳо назар андозем тасдиқи ҳамин гуфтаҳоро меёбем. Болотар аз ин дар Иттиҳоди Шуравӣ планҳои панҷсола тарҳрезӣ мешуд ва дар ин планҳо

тамоми рушду тараққии тамоми навоҳии он инъикос меёфт.

Дар ин давра муҳоҷират аз ноҳияҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳҳои ҷумҳурӣ ба ноҳияҳо ва вилоятҳо ихтиёрӣ буд [79, с.31]. Як нуктаи ҷолиби корҳо дар ин давра он буд, ки ҳамаи корҳо дар оғоз тарғибу ташвиқи зиёд мешуданд ва роҳбарон низ аз мардуми одӣ дур намонда, дар иҷрои корҳо ёрӣ медоданд. Барои тақвияти ин гуфтаҳо ҳикоятеро меорем, ки гуфтаҳои моро тасдиқ мекунад. Нақл мекунанд, ки соли 1975 раиси колхози овозадори ба номи Ленини ноҳияи Восеъ Миралӣ Маҳмадалиев яке аз кормандони хешро, ки дипломи агрономӣ доштааст мехостааст, ки ба вазифаи агрономи колхоз ва ҳамзамон сардори хоҷагии чорводории колхоз таъйин кунад. Он вақтҳо аксари колхозу совхозҳо дар хоҷагии худ фермаи молу гов доштанд ва ширу гӯшти истеҳсол кардаи худро ба корхонаҳои гӯшт ва шири дар марказҳои маъмурӣ қарор дошта, месупориданд. Хулласаи калом, қабл аз он ки ӯ ин шахсро ба ин вазифаи масъул таъйин кунад аз яке одамони наздики худ хоҳиш мекунад, ки ба таври пинҳонӣ рафта хонаи фалониро санҷида биё, то бубинем, ки ин одам дар хонааш гову мол дорад ва он гову мол дар кадом ҳолат қарор доранд. Кӯтоҳи калом, ин кас шабона ба хонаи он мард рафта ба таври махфӣ ба оғили он мард роҳ ёфта, аз ҳолу аҳволи гову моли шахси ба вазифаи агроном ва сардори ферма таъйиншаванда хабар мегирад. Ва мебинад, ки ин мард ду сар гов дорад ва говҳо хеле лоғару хароб ва ин қадар ифлосанд, ки мондан гирад. Зуд ба хонаи бобои Миралӣ омада ин хабарро мерасонад. Пас, бобои Миралӣ мегӯяд: «О, ин мард ду сар гови худро нигоҳубин карда натавонад, чӣ гуна метавонад фермаи колхозро сарварӣ кунад». Аз ин рӯ, аз таъйини ин шахс ба вазифаи масъул даст мекашад» [163, с. 41-46].

Аз ин маълум мегардад, ки чи қадар нисбат ба кору иҷрои вазифаҳо таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Албатта, дар шароити феълӣ мо шахсони масъул зиёд дорем, аммо масъулияти қаблиҳо ба маротиб бештар буд. Метавон гуфт, ки он замон масъулон ба кор саҷда мекарданд ва корро як чизи муқаддас мепиндоштанд. Шояд ин аз идеологияи ҳукмрони давр маншаъ мегирифт, ки талқин мешуд, кор маймунро ба одам табдил додааст. Бале, ин ҷо мо баҳсеро

роҷеъ ба дуруст будан ва ё дуруст набудани ин андеша боз нахоҳем кард. Фақат дар омади ҳарфу сухан мо онро ин ҷо баён доштему халос. Ҳоло пас аз гурези иҷмолӣ мо ба асли матлаб ва андешаи хеш бармегардем.

Дар мавзеи «Метантуғай» коллектор, ё ба қавли маъруф заҳбур канда ба истифода дода шуд, ки пас аз он тамоми ботлоқзорҳо ва кӯлҳои мавҷуд хушк шуда, меҳнаткашон нотарсона ба корҳои кишоварзӣ даст зада, ҳосили фаровон ба даст биоранд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро қайд кардан мумкин аст, ки ҳамаи заминҳои дар водиҳо қарордоштаи Тоҷикистонро бидуни кандани коллектор истифода бурдан номумкин аст. Чун обҳои зеризаминӣ хеле боло буда, заминҳоро ба шуразор табдил медиҳад ва маъмулан дар чунин заминҳо чизе кошта ва ҳосили хубе ба даст овардан амри муҳол аст. Аз ин рӯ, барои тамоми заминҳои дар водиҳо қарордоштаи Тоҷикистон коллектор як амри ҳатмӣ мебошад. Агар коллектор канда нашавад ва ё коллектори мавҷуда дар ҳолати хуб нигоҳ нашавад, ин заминҳоро ба ҳайси заминҳои кишт истифода бурдан имконнопазир мегардад.

Ҳангоми азхудкунии ин заминҳо тракторчиёни МТС –и Кӯлоб ва булдозерчиёни МТС - и Чӯбек, ки аз ҳисоби муҳоҷирон буданд, фидокорона кор мекарданд. Бо қарори Шурои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи муҳоҷирон бо қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ таъмин карда шуда, инчунин истифодаи самараноки заминҳои наздиҳавлигии муҳоҷирон махсус таъкид карда шуд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро зикр кардан ба маврид аст, ки таҷрибаи таърихии давраҳои Шуравиро имрӯзҳо низ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастур ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи дастандаркорон ва масъулон ба самаранок истифода бурдани заминҳои наздиҳавлигӣ зиёд шудааст ва ин масъала ҳамеша аз тариқи расонаҳои ахбор ба тариқи пайваста талқин ва ёдоварӣ мешавад. Яъне заминҳои наздиҳавлигӣ метавонанд, то андозае дар масъалаи таъмини аҳолӣ бо маҳсулотҳои кишоварзӣ кӯмак намоянд. Ва ин кӯмак

метавонад назаррас ва муассир бошад [115, с.77-80].

Бояд қайд намуд, ки аз ноҳияи Ховалинг шаҳрвандон Сайфудинов Маҳмадулло, соли таваллудаш 1931 ва Ҷалилов Сайдаҳмад, соли таваллудаш 1922 ба колхози Ворошилов муҳоҷир шуданд, инчунин Аминов Холмурод, соли таваллудаш 1927, Каримов Файзулло, соли таваллудаш 1929 ва Саидов Бегмурод соли таваллудаш 1927 ба колхози ба номи Ленини ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷир шуданд, ки саривақт аз имтиёзҳо истифода намуданд [29, в.48].

Дар ноҳияи Шуробод (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин – С.И.) тракторчиёни муҳоҷири бригадаҳои Одинаев А. ва Бобохонов О. дар муддати кӯтоҳ дар хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Жданов 245 га, ба номи Дмитров 260 га, ба номи Орҷоникидзе 135 га ва дар колхози ба номи Чкалов 175 га заминҳои бекорхобидаро аз худ карданд. Ҳангоми азхудкунии заминҳои бекорхобида механизаторҳои пешқадам Р. Мирзоев, Ч. Раҳматов, Солеҳов А. ва Амонов Б. софдилона меҳнат намуданд [273].

Бояд қайд намуд, ки дар маконе, ки садсолаҳо бе тағйир ва якнавохт буд, пас аз оғози ин иқдом дигаргуниҳои куллӣ ба амал омад. Як макони туғайзор ва ботлоқзор ба гулистон табдил ёфт. Даҳҳо деҳаҳои нав, роҳу растаҳои нав ва колхозу совхозҳои нав ва билохира як ноҳияи нав дар ҷойи холӣ бо номи ноҳияи Ҷӯбек (н. Москва ва ҳоло н. Ҳамадонӣ) арзи ҳастӣ кард. Бо сухан гуфтани ин корҳо хеле осон аст, аммо вақте ба ин масъала амиқтар назар меандозем, мебинем, ки пушти ин ободкориҳо чи қадар заҳмат ва талошу бедорхобиҳо будааст, то ин макон обод ва ба гулистон табдил ёбад. Аз ин рӯ, иқдоми давлатмардони вақт ва алалхусус ҳизби ҳоким мунҷар ба ободию пешравии амиқи минтақа гашт. Болотар аз ин, ки дар ин макон деҳаҳои нав арзи ҳастӣ карданд, синфи кордони коргарону деҳқонон ва муҳандисону технологҳо пайдо шуданд, ки ин низ кори андак набуд. Дар канори колхозу совхозҳо, МТС-ҳо дигар иншоотҳои маданию равшанамоӣ ва техникию хизматрасонӣ ба фаъолият оғоз карда, ҳамагӣ барои ободӣ ва

пешравии Ватани азизамон ва минтақа басиҷ шуда аҳлона хизмат мекарданд.

Дар ҳамаи пешравиҳо ва дигаргуниҳо нақши дастандаркорон ва ҳидоятҳои ҳизби роҳбар хеле муҳим ба назар аст. Агар чунин ҳизбе роҳбарии ин иқдомро пеш намегирифт мунҷар ба муваффақият шудани ин иқдом баъид буд. Имрӯзҳо мо намунаи инро дар кишвари абарқудрати Чин дида истодаем, ки дар тули беш аз 70 – сол, ки барои таърих муддати ончунон тулоние низ маҳсуб намеёбад, кишвари Чинро ба як кишвари абарқудрат ва аз назари технологи пешрафтатарини дунё табдил додааст. Имрӯзҳо кишвари Чин дар арсаҳои гуногуни иқтисоду сиёсат ва техникаву технология ҳарфи аввалро мезанад. Ва имкон дорад дар даҳсолаҳои наздик ба пешрафтарин кишвари ҷаҳон ва иқтисоди якум дар дунё табдил ёбад. Чун мутобиқ ба барномаи махсус ва ҳадафҳои мушаххас ба пеш рафта истодааст.

Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад , ки воқеан ҳам дар ин марҳилаи ҳаёти минтақа муҳоҷиркунӣ асоси ободонии вилояти Кӯлоби Ҷумҳурии Тоҷикистон гардидааст. Пас аз иқдомҳои созандаи ҳокимони давра ва бавежа ҳизби роҳбар ин макон ба гулистон табдил ёфт [109, с.194].

«Дар ин давра аз вилояти Ғарм 934 хонавода кӯчонида шуд. Минтақаҳои баромади муҳоҷирон ноҳияҳои Ғарм (ҳоло н. Рашт), Обигарм, Тоҷикобод, Ҷиргатол (ҳоло н. Лахш) буданд. Ва минтақаҳои истиқомати муҳоҷирон Регар (ҳоло ш. Турсунзода), Шаҳритус, Қӯрғонтеппа (ҳоло ш. Бохтар), Фархор, Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ва дигар ноҳияҳо буданд» [221, с.134].

Барои боз ҳам хуб таъмин намудани муҳоҷирон ва умуман хоҷагиҳои муҳоҷир роҳбарияти ноҳия ва мақомоти давлати ва ҳизбӣ тафтишҳо мегузаронд. Яке аз тафтишҳо муайян кард, ки аз тарафи раёсати колхозҳо ба шароити зисту зиндагонии муҳоҷирон кам аҳамият дода мешавад, муҳоҷирон имтиёзҳои аз тарафи Шурои Вазирони ИҶШС - ро истифода намебаранд. Маълум гардид, ки ба муҳоҷирон қарз барои хариди чорво ва ёрии моддӣ расонида намешавад, инчунин колхозҳои ноҳия барои истифодабарии

имтиёзҳои муҳоҷирон 402077 рубл гирифта, аз он 27320 рублро истифода бурдаанду халос [22, в.2].

Муҳаққиқ Қ.Ҷ. Бозоров дар кори илмии худ таъкид мекунад: «ва дар маҷмӯъ дар ҷумҳурӣ (ба истисной муҳоҷирати дохилиноҳиявӣ дар ноҳияҳои Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ва Фархор дар давраи солҳои 1953-1965 17218 хоҷагӣ ё 92936 нафар муҳоҷират намуданд» [229, с.95] .

Бояд соли 1959 барои муҳоҷирон 210 хонаводаи истиқоматӣ сохта ба истифода дода мешуд, ки аз ин теъдод сохтмони 160 адад хонаро бо услуи паймонкорӣ ва сохтмони 50 хонаи дигарро муассисаи кишоварзӣ бар уҳда гирифта буд.

Сохтмонро СМУ (Раёсати сохтмону васлкунӣ) Вазорати сохтмони ҶШС Тоҷикистон дар ш. Кӯлоб бояд месохт, аммо то ҳол он ба анҷом нарасида буд [26, в.4].

Бо қарори Ҳукумати Ҷуҳурии Тоҷикистон соли 1967 барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ бобати 100 хоҷагии муҳоҷири ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) 160 ҳазор рубл ҷудо карда шуд. Дар ноҳия дар совхози «Метинтуғай» бо усули пудратӣ 50 хонаҳои истиқоматӣ ва дар колхози «Анҷумани XVIII ҳизб» 50 хонаҳои якҳуҷрадор сохта шуданд. Муҳоҷирон аз он ризоманд буданд, ки бо хонаҳои истиқоматии муосир таъмин гардиданд [27, в.19].

«Сокини ноҳияи Муъминобод Содиқов Иброҳим, соли таваллудаш 1926 ба хоҷагии М. Горкии ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) муҳоҷир карда шуда буд. Дар асоси билети муҳоҷирии №1765 маблағи пулии муҳоҷириро нагирифта ва ба ҷойи зисти аввалааш баргашт. Дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ, китоби алфавитии ҳарфи «С» барои соли 1960 №301-67 дар ҳақиқат ӯ маблағ нагирифта будааст. Ва соли 1963 ҳамчун муҳоҷири қафобаргашта боз ба хоҷагии ба номи М. Горкии ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Ҷ. Балхӣ) муҳоҷир карда шуд» [3, в.22].

«Солҳои 60-70 – ум ва нимаи аввали солҳои 80 – уми асри XX дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, минҷумла манотиқи кӯҳӣ, корҳои обёрӣ

оид ба азхудкунии заминҳои нав гузаронида шуданд» [112, с.63-68]. «Аммо дар ин давра сохтмони аксари ин иншоотҳои обтаъминкунӣ ба охир нарасиданд» [151, с.374-376].

Соли 1982 дар моҳи май Пленуми Ҳизби Коммунисти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо барномаи озуқа, тавсеаи заминҳои кишоварзӣ, обёрии манотиқи тозатаъсис дар ҷануби ҷумҳурӣ қарор қабул кард.

«Пас аз авҷи корҳои ободонӣ ва беҳтар шудани зисту зиндагии мардум ва боло рафтани таваллуд ва ба воя расидани неруҳои тозаи корӣ аз байни ҷавонон масъалаи муҳоҷиркунӣ ва ба маҳалаҳои пахтакори мамлакат овардани муҳоҷирон аз байн рафт» [121, с.134].

Барои беҳтару хубтар ба роҳ мондани ҷараёни муҳоҷиркунӣ ва шодобсозии заминҳои боир маблағҳои пулӣ лозим буд. Аз ин рӯ, бо дастур ва супориши ҳокимони вилоятҳои Қӯрғонтеппа, Сталинобод ва Кӯлоб дар ин манотиқ фонди муҳоҷирон таъсис дода шуд, ки масоили марбут ба муҳоҷиркунӣ ва ҷо ба ҷо кардани муҳоҷиронро дар мадди назар дошт.

Дар ин давра барои муҳоҷирон 0,26 га замин бобати сохтани манзили истиқоматӣ ҷудо карда мешуд. Заминҳое, ки барои бунёди хона барои муҳоҷирон ҷудо карда мешуд аз тарфи колхозу совхозҳо муратабу муназзам карда мешуданд. Инчунин, барои дастгирии муҳоҷирон ва ин ки онҳо зудтар дар маконҳои нави зисти хеш мустақар шаванд, ба онҳо кӯмакҳои молию пулӣ дар назар гирифта мешуд. Ин ҳама дастгирию пуштибонӣ мунҷар ба он мешуд, ки кӯчбастагон ба таври хеле роҳат ва саривақт дар маконҳои нав мустақар шуда, ба корҳои созандаю ободкориҳо оғоз мекарданд.

Дар натиҷаи ғамхори давлату ҳукумат аз байни муҳоҷирон қаҳрамонони меҳнат сабзида баромаданд. Дар поён дар бораи якчанд нафари онҳо маълумотҳо пешниҳод менамоем.

Муҳоҷири қаҳрамони меҳнат Худоёрова Гулмаст, соли 1924 дар деҳаи Шураки ноҳияи Восеъ дар оилаи деҳқон таваллуд шудааст. Аз соли 1942 то соли 1979 ба ҳайси сардори бригадаи пахтакории колхози «Правда» - и

ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) кору фаъолият кардааст. Ӯ соли 1966 бо фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон бо унвони олӣ - Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сазовор гардида, соли 1971 аъзои КМ ҲК Тоҷикистон интихоб гардида буд. Иштирокчии Анҷумани XVII ҲК Тоҷикистон буда, бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС бо медали «Барои меҳнати шоён бамуносибати 100 - солагии рӯзи таваллуди В.И. Ленин» ва ифтихорномаҳо мукофотонида шуда буд.

Дигаре аз муҳоҷирон Қурбонов Шариф мебошад, ки соли 1905 дар деҳаи Гузари Тори ноҳияи Совет (ҳоло н. Темурмалик) таваллуд шудааст. То Инқилоби Октябр давраи навҷавониаш бо чоряккорӣ гузаштааст. Баъди Инқилоби Октябр яке аз мубориэони фаъоли зидди ҳаракати босмачигарӣ ва баъдан бунёдгузори сохти колхозӣ буд. Солҳои гуногун дар вазифаҳои сардори бригадаи пахтакорӣ ва боғдорӣ, мудири ферма ва риси колхози ба номи Калинини ноҳияи Совет (ҳоло н. Темурмалик) фаъолият кардааст. Қурбонов Шариф соли 1948 барои нишондиҳандаҳои баланди истеҳсолӣ дар парвариши пахта бо фармони Раёсати Шурои Олии Иттиҳоди Шуравӣ бо унвони олии – Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ қадрдонӣ шудааст. Ӯ дорандаи ордени Ленин, медалҳо ва Ифтихорномаҳои Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон мебошад. 10 апрели соли 1977 дар зодгоҳаш дафн карда шуд.

Муҳоҷири дигаре, ки бо мукофоти олии Ватан сарфароз гардида буд Гадоева Зебо мебошад, ки соли 1920 дар ноҳияи Муъминободи вилояти Хатлон таваллуд шуда, аз синни 16 – солагӣ ба пахтакорӣ машғул буд. Дар натиҷаи меҳнати софдилона, ӯро аввал чун сарвари звенои пахтакорӣ, сонӣ ба ҳайси бригадири пахтакорӣ таъин намуданд. Дар натиҷаи меҳнати пурмашаққатонаи солҳои 1945 - 1948 аъзоёни бригада ҳосили фаровони 60 – сентнерии пахта ба даст оварданд. Соли 1948 барои меҳнати ҳалол ва нишондиҳандаҳои баланди ба даст овардани ҳосили пахта сарвари бригада Зебо Гадоева бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС бо унвони олии – Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сарфароз гардид. Аз соли 1970 қаҳрамони

меҳнат нафақагири шахсӣ ба ҳисоб мерафт. Гадоева Зебо ду дафъа (даъватҳои 2 ва 3) ба ҳайси депутати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон интихоб гардидааст. Барои меҳнати софдилонааш Гадоева З. бо ордени Ленин, медалҳо ва Ифтихорномаҳои Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз гардидааст. Гадоева Зебо соли 1998 вафот намуда, оромгоҳаш дар деҳаи Лағмони ш. Кӯлоб ҷойгир аст [242, с.660].

Дигаре аз муҳоҷирон, ки қаҳрамони ҷангу меҳнат буд Утапов Остонақул мебошад, ки соли 1904 чашм ба олами ҳастӣ кушод. Ҳангоми сар задани Ҷанги Бузурги Ватанӣ соли 1943 ба фронт рафта, дар набардҳо мардонагӣ нишон дода, барои корнамоиҳояш бо ордени «Ситораи Сурх» ва якчанд медалҳои ҷангӣ сазовор гардид. Соли 1945 аз ҷанг ба зодгоҳаш деҳаи Ҳадикаи ҷамоати деҳоти Гулисойи ноҳияи Қизилмазор (ҳоло н. Темурмалик) баргашт. Чун қарори Ҳукумат оид ба муҳоҷиршавӣ баромад, нахустин шуда онро дастгирӣ намуд ва бо ҳамроҳии модару ҳамсар ва фарзандонаш, инчунин бо 25 хонавода аз деҳаҳои Хучархию Саримсоқлӣ ба деҳаи Оқҷари колхози навтаъсиси ба номи Крупскаяи ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) кӯч бастанд. Бору колои муҳоҷирон дар 30 хару асп бор карда шуда, аз қафои онҳо подаи бузу гӯсфанд ва гову гӯсола меомад. Онҳоро раиси хоҷагӣ Миралӣ Маҳмадалиев пешвоз гирифта, ду сар гӯсфанд кушта меҳмондорӣ кард. Сипас ба рост кардани каппаҳо оғоз намуданд. Ва каппаи якум аз они Остонақул Утапов гардид. Соли 1945 звенои Остонақул аз ҳар гектар 19 сентнерӣ ҳосил бардоштанд, ки аз ҳисоби хоҷагӣ пасттар буд. Дар давоми 2-3 сол (1946-1948) звенои ӯ ба гирифтани ҳосили баланди пахта ноил гардиданд. Натиҷаҳои ҳосили бадастовардаи звенои Остонақул ҳатто дар миқёси ҷумҳурӣ баландтарин буданд. Ҳатто онҳое, ки 10-12 сол пахтакорӣ мекарданд, аз маҳорату кордонии ин баҳодури ду майдон дар ҳайрат монда буданд. Моҳи июни соли 1948 сардори звенои пахтакории хоҷагии ба номи Крупскаяи ноҳияи Колхозобод (ҳоло н. Восеъ) Утапов Остонақул бо фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС барои ба даст овардани ҳосили баланди пахта бо унвони олӣ – Қаҳрамони меҳнати сотсиалистӣ сазовор

гардид. Соли 1951 курси шашмоҳаи раисони колхозро хатм намуда буд. Соли 1956 қаҳрамони ду ҷабҳа аз олам чашм пӯшид [163, с.43-46].

Дар қатори онҳо муҳоҷироне буданд, ки дар ба даст овардани пахта саҳми бузург гузоштанд. Масалан, Диловаров Салим[1], ки 5 августи соли 1945 дар деҳаи Мулёби ҷамоати деҳоти «Порвор» – и н. Даштиҷум чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Совхоз-техникуми ба номи В.В. Куйбишеви н. Қурғонтеппаро (ҳоло н. Кӯшониён) бо ихтисоси агроном хатм намуда, дар колхози «Мулёб» ба ҳайси агрономи колхоз кору фаъолият менамуд. 8 августи соли 1958 бо аҳлу оила ва ҳамдеҳагонаш ба деҳаи Гулистони н. Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷир шуда омада, дар парвариши зироати стратегӣ – пахта саҳми калон гузоштанд. То омадани инҳо 213 хоҷагӣ аз деҳаҳои Аличун ва Сайёди н. Муъминобод муҳоҷир шуда омада буданд. Солҳои 1960-1965 ҳамаи муҳоҷирони муъминободӣ кӯчида ба ноҳияҳои Совет (ҳоло н. Темурмалик) ва мавзеи Аэропорти н. Кӯлоб рафтанд. Раиси колхози «Ёл» Мадисо Назаров бо ҳамроҳии муҳоҷирони деҳаҳои Порвор, Ёл, Мулёб ҷамъ 117 хоҷагӣ ба деҳаи Гулистон кӯчида омаданд. Дар деҳаи Мулёби н. Даштиҷум 6 хоҷагӣ монд. Аммо баъди ҷанҷолҳо онҳо ҳам кӯчида омаданд. Заминҳо барои онҳо ҷудогардида ҳамааш ботлоқу туғайзор буда 100 гектарро дар деҳаи Дараи калот ташкил медоданд. Раиси онвақтаи колхоз Одинаев Раҳмат буд. Баъдтар ба онҳо боз 140 гектар заминҳои навкорам ҷудо намуданд ва бо сардории раиси колхоз Назаров Мадисо онҳоро низ азхуд намуда, барои кишти ҳосили пахта тайёр намуданд. Баъдтар дар деҳа се бригада ташкил гардид. Бригадири якум Гадоев Гадомад, бригадири дуюм Самад ва бригадири сеюм Алимов Қурбоналӣ буданд.

Дар деҳа роҳи марказии бо ноҳия пайванд мавҷуд набуд. Соли 1961 роҳи марказии бо ноҳия пайваст сохта шуд. Дар деҳа як синфхона мавҷуд буд, ки фарзандони муҳоҷирон дар он ҷо таҳсил менамуданд.

Муҳоҷирон шабона қамиш медаравиданду рӯзона пахтазорро чобуқ мекарданд. Колхозчиёни муҳоҷир соли аввал пахта корида, баъд ба ҷуткорӣ

[1]Суҳбат муаллиф бо муҳоҷир Диловаров Салим, 23 феврали соли 2024.

гузаштанд, ки баъдтар боз ба пахтакорӣ машғул гардида, аз заминҳои навкорам ҳосили баланди пахта ба даст овкарданд.

Муҳоҷири дигар Юсупов Ҷумахон[1] мебошад, ки 25 июни соли 1940 дар деҳаи Дилҳои н. Даштиҷум, ҷамоати деҳоти Лангар чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Солҳои 1961-1968 Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншо Шотемурро бо ихтисоси агроном-олим хатм намудааст.

Аҳли оила ва авлоди онҳо асосан дар моҳи ноябри соли 1958 ба деҳаи Гулистони н. Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷир гардиданд. Баъзе аз ҳамдеҳагон пештар соли 1957 муҳоҷир шуда буданд. Он солҳо Шарипов Зариф раиси колхози «Октябр» – и н. Даштиҷум (ҳоло н. Шамсиддин Шоҳин) буд. Аз деҳаҳои Кавлуч ва Дилҳо ҳамагӣ 40 хоҷагӣ муҳоҷир гардида, баъд дар бригадаи Исоев Ваҳоб, ки 45 га замини кишт доштанд ва дар бригадаи Юсупов Ҷумахон, ки 60 га замини кишт доштанд, ба пахтакорӣ машғул гардида, ҳосили баланд ба даст оварданд.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои зербоби дуюми боби дуюм, хулоса кардан мумкин аст, ки муҳоҷиркунонӣ ба минтақаи омӯзиш боиси зиёд гардидани майдонҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ, таъсиси водиҳои нави кишоварзӣ, рушди соҳаи фарҳанги минтақа ва баланд гардидани нишондиҳандаҳои иқтисодӣ гардид.

Агар воқеан ба зиндагии мардуми кӯҳистон назар андозем он ба маротиб нисбат ба зиндагии мардуми дар водиҳо буда сангинтар буд. Онҳое, ки аз кӯҳистон ба водиҳо кӯч бастанд соҳиби хонаҳои истиқоматии муосир бо тамоми шароит ва имтиёзҳои махсус гардиданд. Ин сабаб гардид, ки муҳоҷирон дар майдонҳои тозатаъсис ва солҳои тӯлонӣ аз гардиши кишоварзӣ беруншуда бо заҳмати аҳлона ҳосили фаровон ба даст оранд. Барои аз заминҳои навкорам ба даст овардани ҳосилҳои дилхоҳ колхозчиён ва умуман кормандони фаъол ва болаёқат тамоми кӯшишу ғайрати худро ба кор мегирифтанд, то ҳосили хуб ба даст оварда сатҳи зиндагии тамоми аҳолии ҷумҳуририро баланд бардоранд. Мо дар болотар низ дар ин бора қайд

[1]Суҳбат муаллиф бо муҳоҷир Юсупов Ҷумахон, 24 феврали соли 2024.

карда будем, ки вақте мардум аҳлона ва дастаҷамъона кору фаъолият мекарданд, табъан ҳосилнокии меҳнат дучанд шуда, молу маҳсулоти зиёде истеҳсол карда мешуд, ки бадин тариқ сабадчаи истеъмолии шаҳрвандон хуб мешуд.

Ба ҳамин тариқ, масъалаи муҳоҷиркунӣ ба вилояти Кӯлоб аз соли 1970 то соли 1985 – ро бо чунин хулоса ҷамъбаст кардан мумкин аст:

1) дар маҷмуъ маъракаи муҳоҷиркунӣ як ҷараёни мусбат арзёбӣ шуда, барои рушду нумуи иқтисоду фарҳанг дар водӣ хеле мусоидат намудааст;

2) омӯзиши мо нишон дод, ки дар пешрафти тамоми соҳаҳои минтақа муҳоҷиркунии дохиливилоятӣ ҷойи муҳимтаринро ишғол менамояд;

3) сиёсати давлатӣ оид ба пурзӯр намудани раванди муҳоҷиркунонӣ, инкишоф ва тавсеаи пахтакорӣ, инчунин тавсеаи заминҳои обёришаванда дар кор мавриди таҳлил қарор гирифтааст;

4) заминҳои навкорами вилояти Кӯлоб дар пешравӣ ва рушду нумуи минтақа ва сартосари ҷумҳурӣ таъсири амиқ ва позитивӣ расонидааст;

5) муҳоҷирати нақшавии кишоварзии дохили вилоят ҳамчун омили муҳимми ташаккули корҳои обёрӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нав шакл ва хусусиятҳои худро дошт;

6) вижагиҳои муҳоҷир кардани аҳолӣ иборат аз ин буд, ки дар ҷумҳурӣ дар ин давра муҳоҷир кардани одамон сирфан дар дохили ҳар як вилоят сурат мегирифт, яъне аз манотиқи кӯҳистони вилояти Кӯлоб ба водиҳои вилояти Кӯлоб муҳоҷир мекарданд. Дар дигар вилоятҳои ҷумҳурӣ низ айнан ҳамин корҳо карда мешуд. Кӯшиш мекарданд, ки мардум ҳамаи деҳаҳоро ба пуррагӣ муҳоҷир накунанд, то деҳаҳо комилан холӣ ва ҳолати кишоварзии он деҳаҳо табоҳ нашавад;

7) албатта раванди муҳоҷир кардани аҳолӣ аз манотиқи кӯҳистон тахту ҳамвор набуд, яъне ҷараён шомили баъзе хатоиҳо ва каҷравиҳо ва ё тасмимҳои саросема қабул карда шуда буд;

8) сиёсати давлати Шуравӣ оид ба муҳоҷиркунонӣ ба минтақа, обёрии заминҳои бекорхобида ва боир, роҳандозии воҳидҳои нави кишоварзӣ бо номи колхозу совхоз ва худи ҷараёни коллективизатсия, амиқан таҳлил карда шуда, ҳамчун ҷараёнҳои мусбат арзёбӣ карда шудаанд. Чунки пас аз роҳандозии ин иқдомҳо ва таъсиси воҳидҳои ҷадиди кишоварзӣ заминҳои кишоварзӣ зиёд гардида, сатҳи зисту зиндагии аҳолӣ, маишату рӯзгори онҳо яку якубора беҳтар ва хубтар гардидааст. Ҷолибтар ин ки аҳолие, ки солҳои сол бо тарзи истеҳсоли дастии маҳсулоти кишоварзӣ рӯзгузаронӣ мекарданд, бо технология ва техника, фарҳанг, мактабу маориф ошно шуда, аз маишати беҳтари рӯзгор баҳраманд гардиданд.

Хулоса, таҷрибаи муҳоҷиркунӣ ва дигар корҳои созандае, ки дар аҳди Шуравӣ ба амал баровварда шудаанд, қобили омӯзиш ва дастгирӣ мебошанд. Аз иртифои имрӯз вақте мо ба он рӯзҳо ва солҳо нигоҳ мекунем, дунболи он мегардем, ки бубинем гузаштагони мо чи хатое доштанд ва амсоли инҳо. Аммо воқеият ин аст, ки он солҳо ба хурду резаҳои зиндагӣ камтар таваҷҷуҳ карда, ба чизҳои умдаю гунда фикр мекарданд ва корҳои бунёдиро ба сомон мерасониданд. Барои мисол, Неругоҳи барқии обии Норак бо иртифои 300 метр, ки ба таври сангрезии табиӣ сохта шудааст, то ҳанӯз дар минтақа ва ҷаҳон назир надорад ва солҳост, ки барои миллат ва давлати мо хидмат карда истодааст ва аз обе, ки дар обанбори он ҷамъоварӣ шудааст, садҳо ҳазор гектар замин дар кишварҳои ҳамсоя обёрӣ шудаанд. Инро воқеан андешаи бузурги муҳандисӣ номидан мумкин аст. Неругоҳи барқи обии Роғун ҳам тарҳи замони Шуравӣ аст, ки бо дастгирии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, сохта шуда истодааст ва аллакай ду чархаи он ба кор даромада барои хоҷагии халқи мамлакат неруи барқ тавлид карда истодааст.

# БОБИ III. АҲАМИЯТИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИИ СИЁСАТИ МУҲОҶИРАТ ДАР РУШДИ ХОҶАГИИ ХАЛҚИ ВИЛОЯТ

## 3.1. Тағйиротҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар хоҷагиҳои муҳоҷирон

Вақте мо асноду мадорики бойгонӣ ва дигар манбаъҳои давраи тадқиқотиро ба риштаи таҳқиқ мекашидем як нукта ба чашм мерасад, ки сарфи назар аз он ки ба ин водиҳо теъдоди зиёди аҳолӣ муҳоҷир карда мешуданд, дар ин маконҳо норасоиҳои қувваи корӣ ба таври бармало эҳсос мешуд. Муҳоҷиронро дар маконҳои нав боястӣ ба корҳои нав, яъне кишоварзӣ ошно мекарданд. Онҳо дар кӯҳистон бештар ба корҳои боғдорӣ ва парвариши ғалладонагиҳо машғул шуда, дар бораи пахта ва вижагиҳои он маълумоти кофӣ надоштанд. Аз ин рӯ, масъулинро лозим буд, ки муҳоҷиронро дар маконҳои нав бо тарзи нави корҳо шинос намоянд. Онҳоро омӯзонанд, ёд диҳанд, ки чи гуна бо техника сару кор гиранд, чи гуна зироати пахта парвариш намоянд ва монанди инҳо. Акнун дар водиҳо, бавежа водии Кӯлоб ва Вахш навъҳои нави мевагиҳо парвариш меёфтанд, инҳо меваҳои ситрусӣ буданд, ки қаблан мардум бо онҳо ошно набуд. Инчунин, равиши корҳо дар ин маконҳои нав бо вижагӣ ва технологизатсияи худ фарқ мекард.

Фонди ягонаи давлатӣ мавҷуд буд ва замину об шомили он буда, дар тавозуни идораи Комиссариати халқии кишоварзӣ ва Идораи хоҷагии оби мамлакат қарор дошт. Бар асоси эъломияи мавҷуда истифодаи замин дар шакли қаблӣ боқӣ монда буд.

«Дар моҳи декабри соли 1926 анҷумани I Шуроҳои ҶМШС Тоҷикистон баргузор гардид ва яке аз масъалаҳои асосии он масъалаи аграрӣ ва кишоварзӣ буд. Дар қатори дигар асноду мадорик анҷуман санаи 10 декабри соли 1926 Эъломияи милликунонии замин, об, қаъри замин ва ҷангалро қабул кард. Аз он ҷумла дар эъломия омада буд: «Ҳуқуқи моликияти хусусӣ ба замин ва об дар ҳудуди Ҷумҳурии Мухтори Шуравии

Сотсиалистии Тоҷикистон абадан бекор карда мешавад ва ҳамаи заминҳо ва обҳо, новобаста аз он ки дар ихтиёри онҳо бошанд, моликияти давлат эълон карда мешаванд ва метавонанд ба коргарон бе ягон монеа дар асоси истифодаи замини меҳнатӣ дода шаванд» [142, с.38].

Сиёсате, ки дар соҳаи кишоварзӣ ва бавежа замин ва заминдорӣ пеш гирифта шуда буд, истисморро аз байн бурд. Деҳқонон дар кори саҳро озод буданд ва онҳоро касе истисмор намекард. Инчунин, барои онҳое, ки Ватанро тарк карда, ба Афғонистон фирор карда буданд имтиёзе ҷорӣ карда шуд, ки қитъаи замини қаблии хешро бихаранд ва ё дар ягон гӯшаи дигари ҷумҳурӣ барои худ замин интихоб кунанд. Албатта ин дар сурате имконпазир мешуд, ки агар муҳоҷирон то поёни соли 1927 ба Ватан баргарданд, яъне ба онҳо имкон фароҳам оварда мешуд, ки дар дилхоҳ аз манотиқи кишвар барои хеш макони зист интихоб кунанд. Бо ин роҳ пеши афзоиши заминдории калон гирифта шуд. Дар маҷмуъ, сохти сотсиалистӣ моликияти хусусӣ бар заминро эътироф намекард ва замин, об, ва канданиҳои фоиданок сирфан моликияти давлат буда, коркунони он ҳеҷ муомилае бо замин ва канданиҳои фоиданок анҷом дода наметавонистанд.

Дар канори шодоб сохтани заминҳои боир масъалаи маишат ва фарҳангу равшаннамоии мардум аз мадди назари давлатмардон ва масъулон дур намонда буд. Дар маҷмуъ, давлати абарқудрати Шуравӣ ба масъалаи идеологӣ таваҷҷуҳи калон зоҳир мекард. Чизе, ки имрӯзҳо ба он камтар таваҷҷуҳ карда мешавад. Ба назари ин ҷониб таваҷҷуҳи бештар ба ин масъала ва роҳандозии як қатор корҳо дар ин самт метавонист корро дар самт ҷоннок намуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овард. Самти маънавӣ ва идеологӣ, ки дар назари аввал самти ноаён ва ночиз менамояд, дар худ неруи хеле бузургеро ҷойгузин намудааст, ки дар сурати дуруст кор фармудани он натиҷаҳои хеле дилхоҳ ба бор овардан лозим аст. Аз ин рӯ, дастандаркорон ва масъулинро лозим аст, ки рӯйи ин масъала бештар андеша кунанд ва дар сурати имкон тасмимеро дар ин масир итихоб кунанд, ки ба суди ҳамагон ва таҳкими давлату давлатдорӣ шавад.

Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз дар солҳои аввал ҳокимияти Шуравӣ нигоҳ накарда ба душвориҳои пеш аз ҷангӣ корҳои маданӣ-маишӣ ба роҳ монда шуда буд. «Солҳои 1927-1928 дар вилояти Кӯлоб як клуби занона ва 5 чойхона мавҷуд буд ва аз буҷети маҳаллӣ ҳамагӣ 9106 рубл ҷудо карда шуд» [136, с.310]. «Дар маркази ноҳияи Балҷувон чойхона сохта шуд. Дар 9 колхози дигар ва мактабҳо ҳафт клуб сохта шуданд» [252].

«То соли 1930 дар округи Кӯлоб 6 беморхона барои 100 кат, 11 амбулатория ва 3 муассисаи фелдшерӣ-амбулаторӣ мавҷуд буд. Дар ин муассисаҳои тиббӣ 114 корманди тиббӣ кор мекарданд» [154, с.67]

«Объектҳои асосии сохтмонии вилояти Кӯлоб дар солҳои 20-60- уми қарни XX дар баробари сохтмони обёрӣ-мелиоративӣ инчунин хонаҳои маскунӣ ва дигар объектҳои фарҳангӣ-маъмулӣ ва иҷтимоӣ барои муҳоҷирон буданд. Трести «Переселенстрой» масъулияти иҷрои нақшаҳои сохтмонро бар зимма дошт» [37, в.45].

«Дар соли 1933 буҷети марказии иттифоқӣ барои сохтмони объектҳои иҷтимоӣ ба хоҷагиҳои муҳоҷирон 16,4 миллион рубл ҷудо кард ва буҷети ҷумҳуриявӣ барои ёрии мушаххас ба муҳоҷирон 4,4 миллион  рубл ҷудо кард. Танҳо барои муҳоҷирони хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилояти Кӯлоб ва дигар ноҳияҳо ҳамагӣ 29,4 миллион рубл сарф карда шуда буд» [160, с.69].

«То соли 1940 дар вилоят 22 китобхона мавҷуд буд, ки 12-тои он дар колхозҳо, 10-тои он дар назди муассисаҳои дигар буданд. Дар назди мактабҳои вилоят 121 китобхона мавҷуд буд» [136, с.310].

«Дар соли хониши 1940-1941 ҷумҳурӣ ба алифбои кириллӣ гузашт, 6 муассисаи таҳсилоти олӣ, 30 мактаби миёнаи махсус мавҷуд буд, ки дар он 82 ҳазор донишҷӯ ва хонанда таҳсил мекарданд. Дар ин соли хониш дар 13 ноҳияи вилояти Кӯлоб 355 мактаби ибтидоӣ, 152 мактаби ҳафтсола ва ду мактаби миёна мавҷуд буд.  Танҳо дар ноҳияи Ховалинг 77 мактаби ибтидоӣ ва ҳафтсола мавҷуд буданд» [42, в.32].

«Соли 1940 дар шаҳри Кӯлоб корхонаи истеҳсоли нон ва корхонаи ордбарорӣ сохта ба истифода дода шуд» [272]. «Дар соли 1949 корхона 1880,9 тонна маҳсулоти нонӣ истеҳсол кард» [272].

Ин рақамҳо баёнгари онанд, ки дар андак муддат дар вилояти Кӯлоб дигаргуниҳои азиме рух доданд. Агар мо ба ин минтақа аз нуқтаи назари таърихи гузашта нигоҳ кунем, мебинем, ки дар садсолаҳо дар ин минтақа зиндагӣ якнавохту якранг ва бидуни дигаргунӣ ва бозсозӣ ҷараён доштааст, дар сурате, ки пас аз инқилоби Октябр дар соли 1917 ва инқилоби Бухоро дар соли 1920, яъне дар муддати 20-25 сол дар ин маконҳо он қадар дигаргунӣ ба вуҷуд омадааст ва он қадар маишати мардум боло бардошта шудааст, ки мо назири онро дар ин минтақа дар садсолаҳои пешин надида будем. Ин далелҳо ва арқоме, ки аз асноду мадорики бойгонӣ ва дигар корҳои илмии муҳаққиқин мо берун кашида ин ҷо дарҷ кардем, ҳамагӣ баёнгари онанд, ки дигаргуниҳо куллӣ ва асосӣ мебошанд.

Бояд махсус қайд намуд, ки ин ҷараён аз камбудӣ ва норасоӣ орӣ набуд. Қабл аз ҳама ҳисси нобоварӣ ва беэътимодӣ дар байни роҳбарони аз марказ омада нисбат ба мардуми маҳаллӣ. Албатта инро то андозае дарк кардан мумкин буд, чунки мо заминҳоро метавонем зуд шодоб кунем ва ё сохтмонҳоро метавонем зуд бисозем, аммо дигаргуниҳоро дар зеҳнҳо ба зудӣ ба амал баровarda намешавад, чунки ин ҷо баҳси боварҳо ва эътимодҳо дар миён аст, ки онҳо оҳиста – оҳиста шакл мегиранд ва замон мебаранд, то тағйир кунанд. Аз ин рӯ, нобоварӣ дар байни мардум ва роҳбарони вақт то андозае вуҷуд дошт ва он бо мурури замон зудуда мешуд. Дастгоҳи идеологӣ низ заиф буд ва суст фаъолият мекард. Бояд ба одамон наздик шуда бовар ва эътимодҳои навро тавассути бовару эътимодҳои маҳаллӣ ва миллӣ дар байни мардум паҳн мекарданд. Аммо ашхоси ба ин манотиқ аз марказ омада аз ин равишҳо камтар кор мегирифтанд. Ва ин масъала корро мушкил мекард. Нобовариро дар байни давлатмардон, дастгоҳи идорӣ ва ҳокимони давр боло мебурд.

Фаъолияти ташвиқотӣ ва оммавӣ дар байни занони муҳоҷир (с.1950) низ дар сатҳи хеле паст гузошта шуда буд. Ин амалҳо боис мешуд, ки аз маҳаллаҳо барои корҳои роҳбарикунанда камтар ашхос гумошта мешуд. Ҳоло имкон дошт, ки маҳаллаҳо дар бовару эътимодҳои хеш бештар ба он чизе, ки медонистанд такя мекарданд ва онҳоро аз дигар боварҳо болотар медонистанд, ин афкор то андозае масирҳоро дур ва дарку фаҳмҳоро ба ақиб мепартофт.

«Соли 1953 дар Кӯлоб мактаби тиббӣ кушода шуд» [157, с.67]. «Соли 1955 вилояти Кӯлоб барҳам дода шуд ва дар маркази ноҳияи Восеъ «Идораи истеҳсолӣ» таъсис дода шуд» [132, с.627]. «Соли 1956 корхонаи ордбарории ш. Кӯлоб нақшаи истеҳсолии худро 122% иҷро кард» [272].

Дар солҳои 50 –уми қарни XX дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шодобсозии заминҳои навкорам идома меёфт ва дар ин замина деҳа ва ноҳияҳои нав таъсис дода мешуд, инчунин дар маконҳои навтаъсис воҳидҳои нави кишоварзӣ бо номи колхозу совхозҳо ташкил карда мешуданд ва одамон ба узвияти ин созмонҳо пазируфта шуда ба корҳои кишоварзӣ дар ин воҳидҳои нав гумошта шуда, равиш ва наҳваи кор бо зироатҳои нав, аз ҷумла пахтаро, ки камтар маълумот доштанд, ёд мегирифтанд. Ногуфта намонад, ки дар манотиқи Осиёи Миёна қабл аз инқилоби Октябр низ пахтакорӣ вуҷуд дошт, аммо на дар ин ҳаҷму меъёр ва одамони камтаре низ ба ин корҳо гумошта мешуданд. Аммо баъд аз инқилоб ва истиқрори Ҳукумати ҷадид ин корҳо, яъне корҳои кишоварзӣ ва бавежа пахтакорӣ авҷи тоза касб кард.

«Дар колхозҳо ва совхозҳои ноҳияҳои навкораму навтаъсиси Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ва Фархор неругоҳҳои барқии хурд сохта шуда, мошинҳои кишоварзӣ ва асбобҳои корӣ ворид гардида, шабакаи муассисаҳои фарҳангӣ-маъмулӣ клубҳо, китобхонаҳо, яслиҳои кӯдакон, беморхонаҳо, хонаҳои таваллуд, мактабҳо васеъ карда шуданд» [147, с.158].

«Дар ин давра шодобсозии заминҳои боир ва таъсиси воҳидҳои кишоварзӣ ва гумошта шудани одамон ба корҳои кишоварзӣ дар воҳидҳои нави кишоварзӣ пеш бурдани корҳои фарҳангӣ ва равшаннамоиро дар назар

дошт. Яъне дар канори ин ҳама корҳо, бошишгоҳҳо, муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ва мактабҳо сохта ба истифода дода мешуд. Масалан, дар вилояти Кӯлоб то моҳи сентябри соли 1959 46 клуб ва хонаҳои фарҳанг фаъолият мекарданд» [263].

Дар канори корҳои маданӣ - равшаннамоӣ корҳои беҳдоштӣ ва таъсиси беморхонаҳои хурду бузург ва бунгоҳҳои тиббӣ низ дар назар гирифта мешуд. «Соли 1958 Шурои Вазирони ҷумҳурӣ қарор «Дар бораи вазъи тандурустӣ дар ҷумҳурӣ ва чорабиниҳо оид ба рушди минбаъдаи он» - ро қабул кард ва ба колхозҳои ҷумҳурӣ маслиҳат дод, ки дар солҳои 1959-1965 сохтмони беморхонаҳоро барои 2936 кат, яслии кӯдаконро барои 6917 ҷойи хоб амалӣ кунанд» [144, с.115].

Яке аз афзалиятҳо ва рушди корҳои тарғиботӣ дар он сарчашма мегирифт, ки  мошинаи идеологии давлати абарқудрати Шуравӣ кор мекард ва давлатмардони вақт хеле хуб медонистанд, ки заъф дар ин ҷабҳа боиси мунҳал шудани давлату миллат хоҳад шуд. Инро мо дар поёни аҳди Шуравӣ бо чашми сар дидем, вақте нақши Ҳизби Коммунистиро аз Қонуни асосии давлат ҳазф карданд ва ба идеология камтаваҷҷуҳӣ зоҳир карданд, ин кор ба мунҳал шудан ва пароканда шудани давлати абарқудрати Шуравӣ боис гашт, ки тавозун ва балансро дар дунё нигоҳ медошт. Бубинед, чи қадар масъала нозук ва печидааст ва камтаваҷҷуҳӣ ва хунукназарию саҳлангорӣ дар масири идеологӣ боиси пароканда шудан ва аз байн рафтани ин дастгоҳи азим ва мошини абарқудрат шуд, ки дунёро меларзонд ва дар бисёре аз масоил дар дунё ҳарфи аввалро мезад.

Ҳоло он солҳо ин масоилро хуб дарк мекарданд ва масъаларо ҷиддӣ гирифта, дар байни мардум лекторҳо бо маърӯзаю суханрониҳо баромад мекарданд.

Дар ҳамин ҷо зикри ин масъала ба мавқеъ аст, ки адабиёту фарҳанг низ ба ин кор ҷалб мешуд. Яъне адибон ба он ҷалб шуда буданд, ки шоҳкориҳои адабӣ эҷод кунанд ва дар он осори хеш марди кор ва майдон ва созандаи

ҳаёти навро тарғибу ташвиқ кунанд. Дар ин кор низ натиҷаҳо назаррас буданд.

Асари маъмули он замони М. Миршакар «Дашти танбал» китоби дӯстдоштаи муҳоҷирон буд, ки роҷеъ ба сарнавишти қаҳрамононаи зани одии тоҷики муҳоҷир Меҳринисо, ки дар заминҳои навкорам фидокорона меҳнат менамуд, нақл мекард [261].

Корхонае, ки бо номи «Тоҷикселинстрой» дар оғози солҳои 60-ум таъсис дода шуда буд, сохтмонҳои азиму бузурги фарҳангӣ ва маиширо сохта ба истифода медод. Таҷрибаи давлатҳои тозабаистиқлолрасида ва умуман таҷрибаи ҳамаи давлатҳое, ки ба корҳои азиму бузург даст мезананд, нишон медиҳад, ки корҳои калон ва ҳаҷимро дар танҳоӣ бидуни кӯмак ва ёрмандӣ ба итмом расонидан амрест муҳол. Аз ин рӯ, бунёду эҳдоси ширкатҳо ва трестҳои калон, ки дар онҳо тамоми захоири молӣ ва моддӣ гирдоварӣ мешаванд қодир ба бунёд ва сохту сози объектҳои калону ҳаҷим мегардад. Чунки консентратсияи маблағҳои пулӣ ва гурӯҳи техникию муҳандисӣ ба иҷрои ин корҳо мусоидат менамояд.

«Аз ҷумла, ин трест дар ноҳияи Фархор зиёда аз 20 км хатти баландшиддати интиқоли барқ ва 40 км роҳҳои автомобилӣ сохта ба истифода дод» [185, с.41].

«Дар давоми солҳои 1960-1966 94 Хонаи фарҳанг ва Қасри фарҳанг барои 29 ҳазор ҷойи нишаст сохта шуданд. То 1 сентябри соли 1967 колхозҳои муҳоҷирони собиқ 15 хонаи фарҳангро барои 4,7 ҳазор ҷойи нишаст дар ноҳияҳои Кӯлоб, Фархор, Колхозобод (ҳоло н. Восеъ), Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) сохтанд» [185, с.62].

Дуруст аст, ки биноҳои хонаи фарҳанг ва дигар иншоотҳои маданию равшаннамоӣ сохта ба истифода мешуданд, аммо пешбурди корҳо дар ин самт наметавон гуфт, он қадар хуб буд. Ҳоло ҳам мушкилот дар самти маорифу мактабҳо ба чашм мерасид ва ҳоло ҳам масъалаҳои саводнокии мардум баҳсбарангез буд.

Кӯшишҳо дар ин самт зиёд ба харҷ дода мешуд ва натиҷаҳо низ буданд, аммо натиҷаҳо басанда набуданд. Масалан аксари хонаҳои гилию похсагие, ки дар онҳо маконҳои фарҳангию маишӣ мавҷуд буд, тағйир дода шуда, ба ҷойи онҳо биноҳои нави хуштарҳи замонавӣ қад афрохта буданд. Барои деҳқонон низ аз ин корҳо зиёд анҷом дода мешуд. Аммо ҳамон тавре болотар зикр кардем, камбудиҳо ҷой доштанд ва ин камбудиҳо бояд дар арсаи вақт бартараф карда мешуданд.

Вақте корҳои сохтмонсозӣ ва дигар корҳои марбут ба сохтмону МТС-ҳо авҷ гирифт, ин корҳо боиси он шуд, ки дар маҳаллаҳои нав аз ҳисоби муҳоҷирони ҳунарманд ва соҳибкасбони варзида аз қабили сангтарошон, дуредгарон, гаҷкорон, оҳурчинон, кафшергарон, техникҳо, барқчиён пайдо шуданд.

Солҳои 70-уми қарни XX воқеан дар зиндагӣ ва ҳолу аҳволи муҳоҷирон тағйиротҳои куллӣ ба амал омад, акнун муҳоҷирон дар шароити хеле хуб ва таъмини ҳама шароитҳо зиндагонӣ мекарданд. Муҳоҷирон пас аз гузашти замон дар маконҳои ҷадиди зисти хеш худро хеле роҳат ва мутмаъин эҳсос мекарданд. Ба ин чиз шароити хубу роҳати зиндагии онҳо мусоидат мекард. Ин шароит ва имконот дар натиҷаи меҳнати аҳлонаи тамоми қишрҳои ҷомеа ва алалхусус худи муҳоҷирон таъмин карда шуда буд.

«Аз ҷумла, дар совхози навтаъсиси муҳоҷирони «Чӯбек» - и ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) фондҳои тақсимнашаванда нисбат ба соли 1965 беш аз 3 маротиба зиёд шуданд. Даромади пулии муҳоҷирони колхозчӣ хеле афзуд ва аз ин рӯ, арзиши миёнаи як рӯзи корӣ 20 рублро ташкил дод. Ба ҳисоби миёна дар як сол оилаҳои муҳоҷирон 2 ҳазор рубл музди маош мегирифтанд» [33, в.3].

«Дар колхози ба номи Шаталови ноҳияи Кӯлоб бо усули сохтмони халқӣ ва бо ташаббуси бригадири колхоз М. Нусратов дар муҳлати бисёр кӯтоҳ барои дастаи футболи колхозӣ варзишгоҳ сохта шуд. Ҳамчунин барои кӯдакони колхозчиён боғчаи кӯдакона барои 50 кӯдак ба истифода дода шуд. Ба ифтихори солгарди инқилоби Октябр 15 хонаи колхозчиён бо гази табиӣ

таъмин карда шуд. Дар аксари хонаҳои колхозчиёни колхоз қубури об, хатҳои радио ва телефон гузаронида шуд. Метавон гуфт, ки ҳар як оила сардкунак, телевизор, мошини ҷомашӯӣ, мототсикл ва мошини сабукрав дошт» [245, с.20-21].

«Бо фармони Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 29 декабри соли 1973 вилояти Кӯлоб дубора таъсис дода шуд» [132, с.634].

«Дар давраи корҳои обёрӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб тағйироти назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ба вуқуъ пайваст. Дар ин ҷо дар солҳои 70-ум ва нимаи аввали солҳои 80-ум шаҳракҳои муосир, муассисаҳои нави маъмурии иҷтимоӣ, садҳо хонаҳои истиқоматӣ, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо, даҳҳо мактабҳо, муассисаҳои яслӣ ва фарҳангӣ сохта шуданд» [96, с.134].

Воқеан агар мо ба зиндагии сокинони ин минтақаҳо назар андозем мебинем, ки  он аз замин то осмон фарқ мекунад. Ҳамагӣ якчанд даҳсола қабл сокинони ин манотиқ дар хоби шаб ҳам ин дигаргуниҳоро дида наметавонистанд. Аммо бо гузашти якчанд даҳсола зиндагӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Ин қадар роҳу шаҳрак ва муассисаҳои маданию равшаннамоӣ ва колхозу совхозҳо сохта дар хидмати мардум гузошта шуд, ки ин сарзамин назирашро ҳеҷ гоҳ надида буд. Акнун сокинони деҳот коркунони кохозу совхозҳо дар фасли зимистон, ки корҳои саҳроӣ кам мешуд ба осоишгоҳҳои дуру наздик барои истироҳат мерафтанд. Яъне ин чиз мисли аҷоибот барои ин мардум буд, ки боз дар канори кор истироҳат низ кунанд. Ин мардум фақат корро медонистанд ва ҳаққи истироҳату фароғат надоштанд. Аз онҳо ин ҳақро гирифта буданд. Воқеан ҳам мисли хобу хаёл ва афсона мемонад. Мисли он ки шумо ба як дунёи дигар афтодаед. Шояд имрӯзҳо одамон аз замони қабл аз инқилоб касе зинда намонда бошад. Аммо дар солҳои 40-50 – уми асри XX одамони зиёде буданд, ки аз гузашати тираи тори амирӣ бохабар буданд ва ҳамаҷониба давлати Шуроҳоро дастгирӣ мекарданд ва онро дӯст медоштанд. Аммо зимни иҷрои супоришҳо ба хатоҳо низ роҳ медоданд.

Дар ҳақиқат дар давраи таҳқиқшаванда дигаргуниҳо назаррас буданд, вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ба он мусоидат мекард. Муҳоҷирон зуд –зуд бо намояндагони Ҳукумат мулоқот мекарданд ва масоили хешро дар миён мегузоштанд.

«Вохӯриҳо бо вакилони Шурои Олии ИҶШС, пешсафони истеҳсолот, механизаторҳо дар клубҳои колхозҳои муҳоҷирон ва совхозҳо гузаронида мешуданд. Курсҳои гуногун ташкил карда шуданд, масалан, курсҳои 6-моҳаи механизаторҳо барои духтарони миллатҳои маҳаллӣ ташкил карда шуданд. Курси механизаторро соли 1970 130 занони миллатҳои маҳаллӣ хатм карданд, ки 25 нафари онҳо занони вилояти Кӯлоб буданд» [5, в.15-17].

Бояд зикр намуд, ки масъулон ва дастандаркорон кӯшиш мекарданд, ки занону духтарони маҳаллӣ ба кор ҷалб карда шуда, ба давраҳои омӯзиш барои аз бар намудани касбҳои гуногуни коргарӣ ва техникӣ фаро гирифта шаванд.

Як вижагии солҳои 60-70 - уми қарни XX дар хоҷагиҳои навтаъсис барои муҳоҷирон он буд, барои рушди фарҳанг ва маишати рӯзгори муҳоҷирон аз буҷети марказӣ маблағҳои назаррасе ҷудо карда мешуд. Ҳамзамон хоҷагиҳо худ низ ба ин кор таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Чун хоҷагиҳои кишоварзӣ аз назари молию иқтисодӣ қудратманд шуда буданд, барои аз назари маишӣ дастгирӣ намудани мардум ва боло бурдани сатҳи маърифати одамон барои бунёд ва сохтани иншоотҳои маданию равшаннамоӣ маблағҳо ҷудо мекарданд. Дар кулл ҳамагон дар масири созандагӣ ва ободӣ ва беҳинасозии ҳаёти мардум ва давлат ҳаракат мекарданд ва ин гомҳо чун дар масири дуруст бардошта мешуданд, натиҷа медоданд ва давлат ҳар рӯз бақувваттар мешуд ва вазъи зиндагии мардум беҳтар мешуд. Чизе, ки ҳамагон онро мехостем ва масире, ки ҳамагон онро тай кардан мехостем. Дуруст, ки фарҳанги ҳазорсолаи мо ин андешаҳоро тарғибу ташвиқ мекард, аммо чи илоҷ ҳокимони вақт ин масоилро ба таври хеш шарҳ медоданд ва бардошт мекарданд ва ба мардум  ва ҳолу рӯзи ӯ кам

меандешиданд. Ба қавли мардум мегуфтанд, ки ҳар ки дандон диҳад, нон диҳад ва фикри ободию пешрафти мамлакатро камтар мекарданд.

Дар нимаи дуюми солҳои 70-ум ва аввали солҳои 80-ум дар ҳаёти муҳоҷирони ноҳияи Восеъ навовариҳои муҳими фарҳангӣ ва рӯзгор ба амал омаданд. Аз ҷумла, хонаҳои фарҳанг ва мағозаҳо дар соли 1972 дар дар деҳаи Кадучии маркази колхози «Коммунизм» ва дар соли 1973 дар деҳаи Дараи калоти колхози «Правда» – и ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) ва сохта ба истифода дода шуданд.

«Барномаи рушди иҷтимоӣ, ки аз ҷониби анҷумани XXV ҲКИШ (КПСС) қабул шуда буд, барои афзоиши сатҳи зиндагии муҳоҷирон аҳамияти махсус дошт. Дар он дар бораи афзоиши музди миёнаи коргарон ва хизматчиён то 16-18% ва то 170 рубл дар як моҳ, беҳтар кардани шароит ва ҳифзи меҳнат, татбиқи чораҳо оид ба ҳифзи меҳнати занон пешбинӣ гардида буд» [83, с.216].

«Дар хоҷагиҳои деҳқонии ба номи Ленини ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ), ки дар он зиёда аз 200 оилаи колхозчиён дар хонаҳои нав зиндагӣ мекарданд, қариб ҳар бегоҳ дар Хонаи зебои фарҳанг филмҳо намоиш дода мешуданд, иштирокчиёни дастаи ҳаваскорони худфаъолиятии колхозӣ баромад мекарданд. Аксар вақт дар саҳнаи клуб овозхонҳо, мусиқидонон, раққосони машҳури ҷумҳуриро дидан мумкин буд» [2, в.23].

Дар ин давра ҳаёт ва маишати колхозчиён аз тарафи комиссияи босалоҳият санҷида мешуд ва камбудиҳои ошкоргардида зуд ва дар камтарин муддат ислоҳ карда мешуд. Санҷишҳо нишон медоданд, ки баъзе роҳбарон ашхоси тасодуфӣ буда, салоҳияти корро надоранд ва аз уҳдаи иҷрои супоришҳои ҳизбу давлат баромада наметавонанд. Барои бартараф кардани чунин камбудиҳо шахсони масъул ба ҷазо кашида мешуданд. Дар чунин ҳолатҳо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон аз 7 августи соли 1973 «Дар бораи имтиёзҳои муҳоҷирон» иҷро карда намешуд. Қаблан низ роҷеъ ба ин масъала таъкид карда будем, ки  солҳои 70-80 – ум корҳои ҷамъиятӣ ва оммавӣ бо миқёси васеъ гузаронида мешуданд. Ибтикори муҳоҷирон дар

самти бунёди гурӯҳҳои ҳунарӣ ва дигар ибтикорот дастгирӣ карда мешуд. Яъне дар ҳар сурат корҳо чунин ривол ёфта буд, ки теъдоди ҳар чи бештари ашхоси ба манотиқи нав кӯчонида шуда, ба корҳо ҷалб карда шаванд ва аз онҳо  дар масири созандагӣ ҳадди аксари истифода карда шавад. Як масъалаи ҳодде, ки дирӯз ҳам ҳалли он мушкил буд ва имрӯзҳо низ баъд аз гузашти солҳо ҳалли худро наёфтааст ин норасоии кадрҳои омӯзгорӣ мебошад. Донишкадаҳои олии икшвар низ аз уҳдаи омода намудани кадрҳои педагогӣ намебаромаданд. Институти давлатии педагогии ба номи Т.Г. Шевченкои ш. Душанбе (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) асосан хатмкунандагони минтақаҳои шимолии ҷумҳуриро ба ноҳияҳои навкорам мефиристод. Ин ҷо як нуктаро ишора кардан ба маврид аст, ки ин хамткардагон пас аз муддате ба маҳалли иқомати аслии хеш бармегаштанд ва аз ин рӯ ин мушкилот, яъне мушкилоти норасоии кадрӣ бетағйир мемонд. Дар дигар манотиқи мамлакат низ ин масъала ба таври бояду шояд ҳаллу фасл нашуда боқӣ мемонданд. Масалан, норасоии омӯзгорони забони русӣ дар вилояти Кӯлоб низ боқӣ мемонд. Бо даъвати далват ва Ҳукумати ҷумҳурӣ солона то 100 нафар омӯзгорон ва мутахассисони техникию муҳандисӣ аз марказ, асосан русзабонон ба ҷумҳурӣ ба кор ташриф меоварданд ва дар ҷумҳурии мо муқимӣ мешуданд. Ин муҳоҷирати русзабонон боиси он мешуд, ки халқу миллатҳои кишвари паҳновари Шуравӣ ба ҳам омехта шаванд ва дӯстии байни қавму миллатҳо таҳким ёбад, чизеро, ки душманони Шуравӣ ҳамеша мехостанд, барҳам зананд. Аммо ин дӯстӣ ва рафоқат рӯз то рӯз таҳким меёфт ва тақвият мешуд. Муҳоҷирони русзабон дар мактабу муассисаҳои томакатбӣ ва корхонаю фабрикаҳо кор карда мутахассисони маҳалиро аз кору малакаи худ бархӯрд мекарданд. Ба ҳамин тартиб синфи коргару деҳқони варзидаи босаводи тоҷик ба вуҷуд меомад. Табодули таҷриба ҳамеша ва дар ҳама давру замонҳо хеле муҳим буд, ҳаст ва мемонад. Ҳарчи қадар рафту омад ва диду боздидҳо сурат бигирад вазъ ҳамон қадар хубтару беҳтар мешавад. Айни воқеият аст ва дӯстие, ки дар байни миллиятҳои мухталиф арзи ҳастӣ мекард, ин қадар қавӣ

ва ин қадар пурқудрат буд, ки мисле, ки оҳанро бо оҳан ҷӯш дода бошӣ. Охир ин дӯстӣ ва рафоқат дар майдонҳои ҳарбу зарб ва кору пайкор таҳкиму тақвият меёфт.

Дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ пешравиҳо назаррас буданд. Одамон ба варзиш таваҷҷуҳи калон зоҳир мекарданд ва хуб дарк мекарданд, ки варзиш барои инсон ва саломатии ӯ чӣ аҳаммият дорад. Аз ин рӯ, муассисаҳои кишоварзӣ ва ғайрикишоварзӣ ба бунёди ишоотҳои варзишӣ аҳаммияти ҷиддӣ медоданд ва барои рушду нумуи варзиш ба унвони нигоҳдорандаи саломатии мардум таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Варзишгарони шаҳру ноҳияҳо дар мусобиқаҳои сатҳҳои гуногун ширкат варзида обрӯ ва мақому манзалат ва шаъну шарафи шаҳру ноҳияи хешро ҳимоя мекарданд.

Барои мисол, коркунони колхози ба номи Ленини ноҳияи Восеъ Шарипов М. ва Каримов С. дар гӯштини тарзи озод натиҷаи аъло нишон доданд [3, в.10].

«Моҳи апрели соли 1979 сохтмони маҷмааи агросаноатии «Ховалинг» оғоз ёфт. Вай ҳар сол муваззаф буд, ки ба давлат 14,3 ҳазор тонна гӯшт супорад. Бо ин ҳадаф, сараввал, дар майдони обёришудаи 900 гектар, сипас дар майдони обёришудаи 3700 гектар кишти зироатҳои хӯрокворӣ тарҳрезӣ карда шуда буд. Дар ноҳияи Ховалинг ҳамагӣ майдони обёрӣ 3000 гектарро ташкил медод. Барои обёрии заминҳои навкорам дар назди қабристони Хоҷа Аюби Ансорӣ чоҳҳо канда шуданд, ки дар натиҷа чашмаҳои наздик хушк шуданд» [132, с.641-642].

«Дар солҳои 70-80 – ум дар колхозҳо ва совхозҳои вилояти Кӯлоб бисёр хонаҳои истиқоматӣ, Хонаҳои фарҳанг, Истгоҳи автоматии телефонӣ (АТС) сохта шуданд. Деҳоти хоҷагиҳои муҳоҷиратии ноҳияи Фархор (колхози «Коммунизм», ба номи Карл Маркс) ва Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ, колхози ба номи Ленин, совхози ба номи С. Турдиев) бо роҳҳои асфалтпӯш бо ҳам пайваст карда шуданд» [140, с.214].

Бар асари ин иқдом, яъне муҳоҷиркунӣ теъдоди аҳолии кӯҳистон ба водиҳо ва хоссатан водии Кӯлоб муҳоҷир карда шуданд. Муҳоҷирон натанҳо

дар ҷойҳои нав ба таври мушаххас мустақар шуданд, балки ҳар кадоме аз онҳо аз тамоми имконоте, ки барои муҳоҷирон дар назар гирифт шуд буд, бархӯрдор шуданд ва комилан аз кӯч бастани хеш қаноатманд буданд. Албатта дар аввоили маъракаи муҳоҷиркунӣ мо баръакси қазияро медидем, нобоварӣ ва норизояти муҳоҷирон зиёд буд, ки дар аввоили кор мушкилот дар маҳаллаҳо хеле зиёд буд ва на ҳамеша муҳоҷирон тавонистанд ба шароити гарму тоқафарсои маҳаллаҳои нав тоқат кунанд ва ё одат кунанд. Бархе бар асари ин муҳоҷиркунӣ дар маҳаллаҳои нав ҷони худро аз даст доданд.

Дар солҳои 80 - ум дар вилояти Кӯлоб намояндагони бисёр миллатҳо: тоҷикон, ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо ва дигар миллатҳо дӯстона зиндагӣ мекарданд. Ҳамаи ин имкон медод, ки дастаҷаъмона ва сарҷамъ шуда корҳои азимеро ба самар расонанд.

Аммо ба ин давра нигоҳ накарда ба устувор гардидани имконоти мамлакат, пешрафти илму техника на ҳамаи корҳо ба самар иҷро мешуд.

«Дар солҳои 1986-1988 Кумитаи комплекси давлатии агросаноатии ҷумҳурӣ наметавонист заминҳои истифодаи комплекси агросаноатии «Ховалинг» - ро обёрӣ кунад. Ва идораи «Главтаджикводстрой» ва Вазорати хоҷагии оби ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ аз 36 ҳазор гектар заминҳои навкорам, танҳо 6,8 ҳазор гектарро обёрӣ карданд» [132, с.650-652].

Дар ҳамин ҷо хулоса кардан ба маврид аст, ки тамоми дигаргуниҳое, ки ба амал оварда шуд буд, боиси беҳтар гардидани сатҳи зиндагии муҳоҷирон гашт.

Вобаста ба ин метавон чунин хулоса намуд, ки :

- дигаргуниҳо ва тағйиротҳои баамаломада ин минтақаро ба водии ободу зебо табдил дод;
- дар ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодии муҳоҷирон дигаргуниҳои кулл ба вуқуъ пайваст, ки боиси баланд гардидани сатҳи маърифатнокии муҳоҷирон гардиданд;

- дар ҳаёти фарҳангии муҳоҷирон тағйиротҳои азим рӯй дод ва дараҷаи фарҳангпарастии онҳо хеле боло рафт.

## 3.2. Ҳаёти маданӣ-маишии муҳоҷирон дар хоҷагиҳои навбунёди минтақа

Дар кулл дастгоҳи идории Иттиҳоди Шуравӣ ва масъулону роҳбарони он ба масъалаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум дар деҳот ва баланд бардоштани сатҳу сифати маърифат ва фарҳанги деҳотиён таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда мешуд. Пешравӣ ва бунёди шароити зисту зиндагонии арзанда барои халқи заҳматкаш марому мақсад ва аҳдофи ҳизби коммунист ва роҳбарони вақт буд. Мо инро аз барномаҳои давлатӣ ва он ободкориҳое, ки тайи солҳои тӯлонӣ ба вуқуъ мепайваст, медидем ва ба он итминон ҳосил мекардем. Тамоми неру тавоноӣ, заковат ва фаҳму дарки мошинаи давлатӣ ва дастандаркорон ба бунёди шароити беҳтаре барои мардум равона карда шуда буд. Одамон тамоми сахтиҳоро ба хотири пирӯзӣ ва хушбахтӣ дар оянда барои худ ва ё фарзандони худ таҳаммул мекарданд ва ин сиёсатро пуштибонӣ ва дастгирӣ мекарданд. Имтиёзҳои ҳангуфте барои муҳоҷирон дар назар гирифта шуда буд ва масъулон пайгирӣ мекарданд, ки он дастур супоришҳо бе чуну чаро иҷро карда шаванд.

«Ба муҳоҷирон ва умуман колхозҳое, ки сокинони нав ба он ҷо кӯчиданд, барои сохтмони хонаҳо ва биноҳои берунӣ ба муҳлати 10 сол то 8 ҳазор рубл қарзи дарозмуддат дода шуд, ки пардохти қарз аз соли чоруми пас аз кӯчонидан оғоз меёфт. Илова бар ин, ба муҳоҷирон дар ҳаҷми 3 ҳазор рубл барои таъмири хона ва биноҳои берунӣ ба муҳлати 5 сол қарз дода шуд. Илова бар ин, 50% арзиши сохтмон ва таъмири хонаҳоро давлат пардохт мекард» [103, 184].

«Соли 1924 дар ҷумҳурӣ Комиссариати Халқии тандурустӣ дар ҳайати 5 нафар ва якчанд кормандони тиб ташкил карда шуд. Моҳи ноябри соли 1925 дар шаҳри Душанбе беморхонаҳо барои 40 кат ташкил карда шуданд,

дар Ҳисор, Кӯлоб ва Ҷиликӯл (ҳоло н. Дӯстӣ) беморхонаҳо барои 10 кат таъсис дода шуданд. Дар он солҳо дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 32 духтур ва 82 корманди миёнаи тиббӣ фаъолият менамуданд. Тибқи маълумоти Комиссариати Халқии тандурустӣ дар соли 1928 дар ноҳияҳои Кӯлоб 88% ва Муъминобод 96% сокинон ба касалии сил гирифтор шуданд» [220, с.114].

Муҳаққиқ М.Х. Абдуназарова дар рисолаи хеш дар иртибот ба ин дигаргуниҳое, ки бар асари муҳоҷиркунӣ ва корҳои дигаре, ки анҷом дода буданд, ба амал омадааст чунин навиштааст: «Сохтмони обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон дар ҳамаи марҳилаҳои он тадриҷан ташаккул ёфта, рушди комплекси агросаноатӣ, раванди электрификатсияи истеҳсолот, гузаронидани корҳои бузурги обёрӣ ва мелиоративӣ дар минтақаҳои навтаъсиси ин минтақа боло рафт, ки дар натиҷа дар ҳаёти осоиштаи муҳоҷирон дар маҷмуъ ва ҳамаи меҳнаткашони деҳа тағйироти иқтисодӣ ба амал омад. Соли 1929 аз ҳисоби хоҷагиҳои муҳоҷир дар вилояти Кӯлоб 24 деҳа таъсис дода шуд. Дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, дар ҷараёни азхудкунии заминҳои навкорам ва муҳоҷирати кишоварзӣ на танҳо ҳазорҳо гектар заминҳои ҳосилхези навро азхуд карданд, балки садҳо шаҳракҳо, деҳаҳо, колхозҳо ва совхозҳои навро таъсис додан муяссар гардид. Тағйирот тадриҷан симои минтақа ва аҳолиро дигаргун намуд. Тағйироти куллӣ дар ҳаёти муҳоҷирони вилояти Кӯлоб, бо шарофати сохтмони обёрӣ-мелиоративӣ, муҳоҷирати дохилии кишоварзӣ ба амал омад. Дар вилояти Кӯлоб пойгоҳи боэътимоди навъи арзишманди нахи пахта дар кишвар таъсис дода шуд» [221, с.141].

«Дар соли 1930 дар совхози «Данғара» 5 хона барои коргарон, 3 хобгоҳ барои 25 нафар, ошхона, ҳаммом-ҷомашӯйхона, мағоза, дӯкони нонпазӣ, беморхона барои 25 кат сохта шуд. Дар моҳи октябри соли 1930 дар ҷумҳурӣ шумораи беморхонаҳо то 33 ва амбулатория то 61 адад зиёд шуд» [220, с.114].

«Дар ин давра панҷ хонаи истиқоматии иборат аз ду табақа, 3 адад хобгоҳ барои коргарон, клуб, ясли барои кӯдакон, манораи обкашӣ соли 1931

сохта ба истифода шуданд. Илова бар ин, 2 маҳаллаи муҳоҷирони совхози «Уртабуз» ва мавзеи Олимтой сохта шуд» [145, с.36].

Таърихнигор Ф.М. Абдурашитов дар диссертатсияи доктории худ таъкид мекунад: «Дар солҳои 40-50 – ум муҳоҷирати аҳолӣ на ҳамчун падидаи иҷтимоӣ, балки ҳамчун раванди сиёсӣ, ки аз ҷониби давлат қатъиян назорат карда мешавад, арзёбӣ карда шуд» [222, с.283].

«То соли 1947 бисёр колхозҳои ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон аз ҷиҳати иқтисодӣ хеле мустаҳкам шуданд ва шумораи колхозҳое, ки даромади зиёда аз миллион рубл доштанд, аз 83 то 123 адад афзоиш ёфт» [222, с.281].

Дар маҷмуъ, сол ба сол истеҳсоли пахта афзоиш меёфт ва хоҷагиҳои пахтакор бо кормандонашон даромадҳои хуб ба даст меовраданд. Ва аз назари моддию молӣ тақвият меёфтанд. Аз ин рӯ, ин воҳидҳои кишоварзӣ барои хоҷагиҳо ба сохтани ҳар гуна таъсисоти ёрирасон шурӯъ мекарданд, масалан, дар моҳи январи соли 1947 дар вилояти Кӯлоб 12 беморхонаи умумӣ бо 340 кат, 24 нуқтаи фелдшерӣ-акушерӣ, 15 амбулатория, 12 яслии доимӣ ва 5 ҳазор яслии мавсимӣ ва ғайра фаъолият мекарданд.

«Дар ин давра барои кор дар муассисаҳои тандурустӣ аз муассисаҳои тиббӣ ва мактабҳои тиббии шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои кишвар 219 нафар мутахассисон омаданд. Худи ҳамон замон 51 нафар кормандони тиб аз тайёрӣ ва такмили ихтисос гузаштанд. Дар ин вақт шумораи нуқтаҳои фелдшерӣ-акушерӣ дар вилоят то 75 адад зиёд шуд. Барои ноҳияи Фархор таҷҳизоти рентгенӣ харидорӣ карда шуд» [103, с.273-274].

Ҷаласае, ки дар иртибот ба коркунони идораҳои фарҳангӣ ва маърифатӣ доир шуд, ба рушди минбаъдаи ин идора ва муассисаҳо мусоидат намуд. Ин муассисаҳо ҳамзамон бо баланд бардоштани маърифати фарҳангӣ ба масъалаи тарғибу ташвиқ ва идеологӣ низ сару кор доштанд. Тамоми муассисаҳои маданию рашаннамоӣ ва мактабу муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои тарғибгари идеологияи коммунистӣ маҳсуб меёфтанд.

«Иҷлосияи Кумитаи иҷроияи вилояти Кӯлоб масъалаҳои иҷрои буҷети солонаи соли 1948-ро дар вилоят баррасӣ кард. Дар он қайд карда шуд, ки

молҳои саноатӣ дар соли 1948 нисбат ба соли 1947 27 фоиз афзудааст. Барои хароҷоти буҷети вилоят дар соли 1948 69 млн. 280 ҳазор рубл ҷудо карда шуд, ки аз он барои беҳтар кардани вазъи иҷтимоӣ ва шароити фарҳангӣ ва рӯзгори меҳнаткашони вилоят 43 млн. 900 ҳазор рубл ҷудо карда шуд» [103, в.5,12].

Дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон, ки дар он ҷо корҳои васеи обёрӣ ва мелиоративӣ, шодобсозии заминҳои боир мерафт, таъсиси бунгоҳҳои тиббӣ ва беҳдоштӣ  бо суръат идома меёфт. Инчунин таъмини муассисаҳои тиббӣ ба яке аз масъалаҳои доғ табдил ёфта буд.

«Дар аввали муҳоҷиркунӣ теъдоди колхозу совхозҳо хеле зиёд буд, аммо вақт нишон дод, ки ин колхозу совхозҳо ҳаҷман хурд буданд аз уҳдаи бисёре аз супоришҳо намебаромаданд, аз ин рӯ, тасмим гирифта шуд, ки колхозу совхозҳо муттаҳид карда шуда ба хоҷагиҳои калони кишоварзӣ табдил дода шаванд. Ва дар натиҷа аз 493 колхози хурди вилоят дар нимаи дуюми соли 1950 213 колхоз аз 30 хоҷагӣ, 207 колхоз аз 60 хоҷагӣ, 62 колхоз аз 100 хоҷагӣ ва 11 колхоз қариб аз 200 хоҷагӣ иборат буданд, ташкил карда шуданд. Дар он солҳо дар деҳот аз 15 то 30 хоҷагӣ зиндагӣ мекарданд» [103, с.142-143].

Дар ҳақиқат барои рушди аҳолӣ ва боло рафтани зоимон, яъне таваллуд ва зиёд шудани аҳолӣ шароитҳои мусоид лозим буд, ки чунин шароитҳо тоза роҳандозӣ карда мешуданд. Аммо мо хуб медонем, ки ҷангҳои шаҳрвандӣ, яъне низоъҳои дохилӣ, сипас Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ва болои ин қаҳтию гуруснагӣ ва боз омилҳои дигар буданд, ки монеи афзоиши саршумори аҳолӣ мешуданд. Вазъи хуби зиндагӣ, таъмини маишати он ва хизматрасонии беҳдоштии дараҷаи хуб метавонаннд боиси боло рафтани дарозумрии аҳолӣ шаванд. Аммо он солҳо ба иллати сабабҳои дар боло зикршуда рушди табиии аҳолӣ дар сатҳи паст қарор дошт ва хоҷагиҳо низ аз теъдоди зиёди хонаводаҳо иборат набуданд.

«Дар заминҳои навтаъсис бо қарори Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон аз 15 сентябри соли 1950 ноҳияи Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) дар ҳайати вилояти Кӯлоб таъсис дода шуд. Ҳамаи колхозҳои ноҳияи Москва

муҳоҷирон буданд ва табиист, ки дар аввал онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ камқувват буданд» [13, в.16].

Пас аз истиқрор хоҷагиҳо ва аз назари моддӣ ва молиявӣ тақвият ёфтани онҳо дар вилояти Кулоб ба сохтани иншоотҳои фарҳангӣ оғоз карданд. Оғози корҳо дар масири бунёди иншоотҳои фарҳангӣ ба солҳои 1950 –уми қарни XX рост меомад. Тибқи оморе, ки мо ба даст овардем, дар ин мақтаи замонӣ дар ҳудуди вилояти Кӯлоб болиғ бар 190 бошишгоҳи колхозӣ, бештар аз 100 корхона ва болиғ бар 200 адад маҳфили ҳаваскорон амал мекард. Дар навбати хеш сокинони деҳот ба ин маконҳо ҷалб карда мешуданд.

«Дар ноҳияи Фархор 18 китобхонаи деҳотӣ ва бисёр китобхонаҳои шахсӣ, инчунин 16 китобхонаи сайёр мавҷуд буданд, ки дорои 1300 хонанда буда, зиёда аз 10 ҳазор нусхаи адабиёти бадей, сиёсӣ ва кишоварзӣ доштанд» [259].

«Дар ноҳияи навтаъсиси Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) бошад дар соли 1950 дар баробари ташкили ноҳия бонки амонатӣ, ҷамъияти матлуботи ноҳия, беморхона, 1 мактаби миёна, 6 мактаби ҳафтсола, 3 мактаби ибтидоӣ бо 650 хонанда, чопхона, ҷутзавод ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ташкил, сохта ба истифода дода шуданд» [240, с.29,43,83].

Ин ҳама корҳо ва иншоотҳое, ки сохта ба истифода дода мешуданд, дар кулл ба боло рафтани сатҳу сифати маърифат ва маънавиёти ҷомеа кӯмак мекарданд. Тавассути ин иншоотҳо теъдоди ҳар чи бештари аҳолӣ ба ҷараёни маърифатӣ ва маънавӣ ва равшаннамоӣ кашида мешуданд. Бавежа дар деҳот омадани кино ва дастаҳои ҳунариро бесаброна интизорӣ мекашиданд. Филму кино баъзан дар ҳавои тоза пахш мешуд, дастаҳои ҳунарӣ бошад, дар клубҳои колхозӣ ҳунарнамоӣ мекарданд. Бо як калом метавон гуфт, ҳаёти маданӣ дар шаҳраку деҳоти навтаъсис бо ҷӯшу хурӯш идома дошт ва ба пеш мерафт ва ба фазои маънавии аҳли деҳот кӯмаки бедареғ мекарданд. Ин дастаҳои ҳунарӣ гоҳан ин қадар қавӣ ва касбӣ баромад мекарданд, ки

ҳатто ба ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ ва дигар манотиқ ба сафарҳои ҳунарӣ мебаромаданд.

Дар солҳои 50-ум дар аксари хоҷагиҳои ҷумҳурӣ агитколлективҳо бомуваффақият кор мекарданд. Корҳои ғоявию сиёсӣ ва таблиғотии оммавӣ дар ноҳияи навтаъсиси Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) танҳо дар давоми як моҳ дар колхози ба номи Ленин бомуваффақият гузаронида шуданд.

Мо болотар ҳам дар ин маврид таъкид карда будем, ки дар аҳди Шуравӣ дастгоҳи қавии идеологӣ кор мекард ва кори ин дастгоҳ ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти нав ва дар ҳаёт татбиқ кардани ғояҳои нави ҳизб ва амсоли инҳо буд. Инро мо имрӯз бо истилоҳи имрӯзаи сиёсӣ неруи нарм ва таъсиррасонӣ меномем. Аз ин рӯ, дар ин давра суҳбату мулоқотҳое, ки доир карда мешуд бисёр муҳим ва асосӣ маҳсуб меёфтанд. Аз ҷумла дар ноҳияи Восеъ мубалиғин бо колхозчиён ва кормандони воҳидҳои кишоварзӣ болиғ бар 300 мулоқоту нишаст доир карда, нуқтаҳои асосии фаъолияти ҳизбу давлатро барои мардум ва аҳолии маҳал тавзеҳ медоданд. Инчунин, дар ин шабу рӯз дар вилоят бештар аз 500 адад рӯзномаю маҷаллаҳо ба чоп расонида шуда, дар байни мардум тавзеъ карда мешуданд. Дастгоҳи идеологии давлат ва Ҳукумати вақт хеле устуворона тарзи ҳаёти нав ва дастовардҳои давлату миллатро ба таври васеъ ва ҳамаҷониба тарғибу ташвиқ мекард. Занону духтарон низ ба корҳои саҳро ва корҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда мешуданд. Ва хусусан ҷалби занонро барои кору фаъолият дар ҳамаи шууни зиндагӣ сиёсати вақт ва давлатмардони он хеле муҳим арзёбӣ мекарданд. Онҳо занону бонувонро, як бахше аз пайкори ҷомеа муаррифӣ карда, чунин баён медоштанд, ки бидуни занон ҷомеа ва кору бори он ноқис мемонад. Зан - модар, ки бо як даст гаҳвора ва бо дасти дигар дунёро меҷунбонад, ба андешаи ҳокимони вақт бояд босавод ва бофарҳанг бошад, то тифли худ, насли ояндаро дар руҳияи идеалҳои хубу неки инсонӣ тарбия карда тавонад. «Аксари занон дар соҳаи

маориф ва тандурустӣ фаъолият намуда, ҳиссаи арзандаи худро дар сохтмони ҷомеаи навин ва тарбияи насли ояндасози миллат мегузоштанд» [103, с.248-251].

«Соли 1952 дар ноҳияи Москва китобхонаи маркazии ноҳия ташкил карда шуд, 1 январи соли 1951 шумораи аввалини рӯзномаи ноҳиявии «Бо роҳи коммунизм» дар ду саҳифа бо шумораи 500 нусха аз чоп баромад. Дар соли 1960 омӯзишгоҳи касбӣ техникии №17, соли 1971 мактаби мусиқии кӯдакон, соли 1977 бойгонии ноҳия, соли 1981 мактаби санъат ва дигар муассисаҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ дари худро ба рӯйи довталабон ва муштариён боз карданд» [240, с.59,63-65].

Ҳангоми суҳбат бо муҳоҷирон воқеоти ҷараёни муҳоҷират маълум гардид, масалан муҳоҷир Раҳмуллоев Зиё[1], 20 августи соли 1950 дар деҳаи Ёли ҷамоати деҳоти Ёли ноҳияи Даштиҷум чашм ба олами ҳастӣ кушодааст. Соли 1962 бо 60 оила, зери роҳбарии раис Эркаев Сулаймон ба ноҳияи Чӯбек (ҳоло н. Ҳамадонӣ) муҳоҷир шуданд. Барои муҳоҷирон 60 хонаҳои колхозӣ сохта шуда буд. Раиси колхози онвақтаи «Правда» Гулов Нураҳмед буд.

То омадани онҳо аллакай аз деҳаи Новачони мавзеи Тагнови ноҳияи Даштиҷум муҳоҷирон омада буданд. Дар ин колхоз 15 оилаи муғулу лақайҳо низ истиқомат мекарданд. Онҳо ба заминҳои навкорами худ муҳоҷиронро роҳ надоданд ва барои мардуми Ёл 30 гектар замини туқайзор ҷудо намуданд. Бригадир Хушнудов Убайд аз деҳаи Ёл буд. Ҳозир ин 60 оила зиёда аз 400 оила шудааст.

Ҳангоми суҳбат бо муҳоҷир Шомуродов Абдуқодир[2], ки 6 сентябри соли 1950 дар деҳаи Марғоб (Будёний) ба дунё омадааст, маълум гардид, ки вай хатмкунандаи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи А. Сино буд, ихтисосаш духтури чашм мебошад. Вай нақл кард, ки бобоҳояш соли 1947 аз деҳаҳои Ғараб, Нуғай, Тутбулоқ муҳоҷир шуда, аввал дар деҳаи Бешкаппа (совхози боғу токпарварӣ) зиндагӣ намуда, сонӣ ба деҳаи ҳозираи

[1]Суҳбат бо муҳоҷир Раҳмуллоев Зиё 24 феврали соли 2024.
[2]Суҳбат бо муҳоҷир Шомуродов Абдуқодир 25 феврали соли 2024.

Будёний бо 20 оила бо пешкории Мирзо Халифа, узбеки андиҷонӣ, муҳоҷир шуданд. Бригадир Ҳусейнов Сафаралӣ (1924-2006) соли 1947 аз артиш омада буд. Яке аз бригадирони пешқадами и деҳа буд. Бо ташаббуси бобои Бегалӣ 15 оила аз қишлоқи Тутбулоқ низ соли 1948 ба ин деҳа муҳоҷир шуда омаданд.

Ҳамеша барои рушду нумуи оянда омодагӣ аз айни ҳол дида мешавад. Аз ин рӯ, роҳбарияти вақти Ҳукумат солҳои 50-уми қарни XX гомҳоеро дар масири рушду амалӣ бардошта буданд, ки натоиҷи онро мо солҳои 70 ва 80-уми қарни XX бармало эҳсос мекардем. Солҳои 1947-1948  дар вилояти Кӯлоб 468 мактаби ибтидоӣ, 131 мактаби миёнаи нопурра ва 7 мактаби миёна мавҷуд буд, ки дар онҳо 2500 омӯзгор ба таълими насли наврас машғул буданд. Вале дар ҳар сурат норасоии кадрӣ дар ин мактаб эҳсос мешуд.

Аз ин рӯ, Шурои Комиссарони Халқ ва Шурои Вазирони ҷумҳурӣ соли 1953 Институти омӯзгории Кӯлобро ба Институти давлатии педагогии Кӯлоб табдил дод. Шумораи муассисаҳои томактабӣ нисбат ба соли 1940 ба 28 муассиса расид, ки дар он 493 кӯдак тарбия карда мешуданд. Дар колхозҳо ва совхозҳои вилоят дар соли 1950 шумораи ясliҳои мавсимӣ ба 324 расид [136, с.378].

Ба зиндаги ва маишати муҳоҷирон таваҷҷуҳи калон зоҳир карда мешуд. Аз тамоми имконот кор гирифта мешуд, то ки барои муҳоҷирон зиндагии шоиста ва аз ҳар назар буд, таъмин карда шавад. «Дар соли 1951 дар минтақаҳои истиқомат танҳо 3745 оилаи колхозчиёни муҳоҷир соҳиби хонаҳои истиқоматии аврупоӣ ва маҳаллӣ гардиданд. 4122 хоҷагиҳои муҳоҷир дар заминҳои обёрӣ бо қитъаҳои наздиҳавлигӣ таъмин карда шуданд, ки дар онҳо бо ёрии МТС боғу токзорҳо шинонида шуда, зироатҳои сабзавот ва полезӣ парвариш карда шуданд. Илова бар ин, 1779 оилаи муҳоҷирон бо кӯмаки қарзи давлатӣ соҳиби чорвои хонагӣ гардиданд. Зиёда аз 2700 оилаи ниёзманди колхозчиёни муҳоҷир дар шакли қарзи озуқаворӣ бо ғалла кӯмаки давлатӣ

гирифтанд» [103, с.185].

«Дар солҳои 1956-1957 дар мактабҳо 5946 хонанда таҳсил мекарданд. Дар солҳои 1961-1965 барои 2600 ҷойи нишаст мактабҳо ва синфхонаҳои таълимӣ сохта шуданд, ки аз онҳо 900 ҷойи маблағгузории ташкилотҳои сохтмонии кооперативии давлатӣ ва 1610 ҷойи нишаст ҳангоми маблағгузории колхозҳои вилоят буд. Дар соли 1965 шумораи мактабҳо ба 439 адад расид ва дар онҳо 553,8 ҳазор нусха китоб мавҷуд буд» [136, с. 379-380].

«Дар давоми ҳафт сол (с.1951-1957) дар ҷумҳурӣ чоряки аҳолии деҳот ободонии манзилҳои худро, ки бо кӯмаки колхозҳо сохта шуда буданд, беҳтар карданд. Аз ҳисоби колхозҳо мактабҳо барои 74,3 ҳазор ҷойи нишаст, муассисаҳои томактабӣ бо 24,5 ҳазор ҷой, беморхонаҳо барои 1,9 ҳазор кат, қасри фарҳанг барои 48,4 ҳазор ҷойи нишаст ва ҳаммом барои 2,7 ҳазор нафар сохта шуданд» [246, с.81].

Дастаҳои ҳунарии ноҳияҳои навтаъсис бо барномаҳои ҳунарӣ дар колхозҳо ва деҳаҳои водии Кӯлоб ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз қаламрави ҷумҳурӣ ҳунарнамоӣ мекарданд. Аз ин рӯ, 26 августи соли 1955 яке аз овозхонҳои маъруфи минтақа Одина Ҳошимов бо унвони фахрии «Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон» сазовор гардид [174, с.120].

Ба ҳамин тартиб дигар овозхонҳо ва ҳунармандон бо унвонҳои фахрӣ ва олӣ қадрдонӣ карда мешуданд.

«Дар солҳои 60-ум дар ноҳияҳои Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ), Восеъ, Фархор ва Кӯлоб театрҳои мардумӣ ташкил карда шуданд. Дар соли 1970 шумораи меҳмонони театри мусиқӣ-драмавии Кӯлоб ба 71 ҳазору 300 тамошобин расид. Дар солҳои 70-ум ансамбли «Чашма» - и колхози навкорами ба номи Ленини ноҳияи Восеъ дар Симпозиуми байналмилалии этнографӣ ба маҳорати баланд ноил гардида, сазовори ҷойи аввал шуданд ва соҳиби шоҳҷоизаи «Табарчаи тиллоӣ» гардиданд» [136, с.414].

«Дар соли 1965 даромади колхозчиёни муҳоҷир то 216 миллион рубл афзуд ва дар соли 1970 бошад то ба 270,7 миллион рубл расид. Дар колхозҳо маоши якрӯза 4 рублу 17 тинро ташкил медод» [136, с.402].

Роҷеъ ба ин масъала доктори илмҳои таърих Ф.М. Абдурашитов чуни навиштааст: «Дар соҳаи тағйироти иҷтимоӣ яке аз чорабиниҳои муҳим таъсиси музди меҳнати ҳавасмандкунӣ ва ҳисоббаробаркунии натуралӣ ва пулии дохилихоҷагӣ бо меҳнаткашони деҳот буд. Дар ноҳияҳои навбунёди ҷанубии Тоҷикистон рушди кишоварзии бисёрсоҳавӣ бо беҳтар шудани некӯаҳволии моддии коргарон якҷоя рушд намуд. Сатҳи ҳаёти иҷтимоӣ ва маишии муҳоҷирон бо афзоиши сарвати ҷамъиятии колхозҳо ва совхозҳо баланд шуд. Ба ин ҳамчунин коҳиши меъёрҳои таъмини ҳатмии маҳсулоти кишоварзӣ ба давлат аз ҷониби хоҷагиҳои навтаъсис мусоидат кард. Барои рушди иҷтимоию иқтисодии хоҷагиҳои навкорам давлат ҳар сол барои азхудкунӣ ва таҳкими минбаъдаи хоҷагиҳои муҳоҷирон маблағҳои калон ҷудо мекард. Барои муҳоҷирон инчунин ҳама гуна имтиёзҳо дода мешуданд, ки сатҳи иҷтимоию рӯзгори онҳоро осон мекарданд» [222, с.281].

Ба ҳамин минвол дар манотиқи ҷанубии Тоҷикистон дар байни солҳои 1946 – 1980 Ҳукумати ҷумҳурӣ обёрии заминҳои бекорхобидаро анҷом дода, муҳоҷиркуниро низ то ба ҷое бурда расонд. Акнун хоҷагиҳо навтаъсиси аз ҳар назар пуркудрат шуда, қодир ба иҷрои тамоми корҳо буданд ва ба тарви мустақилона хеле аз корҳоро бо неруи ва тавоноии хеш анҷом медоданд.

Вақте кишоварзони ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) дар соли 1980 нақшаҳои худро дар самти пахтакорӣ ва дигар маводи кишоварзӣ барзиёд иҷро намуданд, ин баёнгари он аст, ки ин хоҷагиҳо акнун муқтадир ва тавоно гардидаанд.

Дар шароити муосир колхозу совхозҳое, ки як вақтҳо ба танҳои одитарин корҳоро анҷом дода наметавонистанд, акнун муқтадир шуда ба

иҷрои корҳои хеле калон ва ҳаҷим омода буданд. Инчунин, сол ба сол ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро бештар мекарданд.

Ф.М. Абдурашитов дар рисолаи доктории худ қайд мекунад: «Дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар солҳои 60-ум ва нимаи аввали солҳои 80 - ум дар натиҷаи сохтмони обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нави бекорхобида шаҳракҳои замонавӣ ба вуҷуд омада, муассисаҳои нави маъмурии таъиноти иҷтимоӣ ташкил карда шуданд, садҳо хонаҳои истиқоматӣ, даҳҳо мактабҳо ва яслиҳо, беморхонаҳо, таваллудхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангӣ сохта шуданд. Ҳамаи муҳоҷирон дар ҳалли масъалаи хеле муҳими иҷтимоию иқтисодӣ - мустаҳкам кардани хоҷагии колхозҳо ва совхозҳои навкорам саҳми назаррас гузоштанд» [222, с.282].

Д.Х. Алимов доктори илмҳои таърих дар навбати хеш чунин баён кардааст: «Дар натиҷаи азхудкунии кишоварзӣ дар ин вақт заминҳои навкорами обёришавандаи ба осонӣ дастрас асосан тамом шуданд. Тавассути сохтмони истгоҳҳои пурқуввати насосӣ, афзоиши иловагии онҳо бо зарурати бунёди иншооти гаронбаҳои гидротехникӣ алоқаманд буд. Иштирок дар соҳаи пахтакорӣ барои интихоби муҳоҷирон меъёри муҳим буд. Талаботи афзоянда ва ҳолатҳои зикршуда ба маҳсулоти хӯрокворӣ, ки бо афзоиши шадиди шумораи аҳолӣ вобаста аст, зарурати суръат бахшидан ба рушди соҳаҳои озуқаворӣ дар хоҷагии қишлоқро ба миён овард. Омилҳои интенсивии афзоиши иқтидори озуқаворӣ, ҷалби замин ба гардиши кишоварзӣ тавассути рушди обёрии мошинии заминҳои наздикӯҳию доманакуҳӣ ва дар робита ба ин таъмини заминҳои аз нав азхудшуда бо захираҳои меҳнатӣ, тавассути муҳоҷирати аҳолии қобили меҳнат аз минтақаҳои сераҳолии ҷумҳурӣ ба ҷойҳои нав, ҳавасмандгардонии онҳо бо ҳама гуна имтиёзҳои давлатӣ зарур буд» [114, с.50-56].

«Дар солҳои 1965-1985 Институти давлатии Кӯлоб аз рӯйи таҳсили рӯзона 6876 нафар омӯзгор ва аз рӯйи таҳсили ғоибона 3545 омӯзгор тайёр кард. Қариб 90% омӯзгорони вилояти Кӯлоб хатмкунандагони ин мактаби олӣ мебошанд» [218, с.49].

«Дар солҳои 1965-1985 шумораи муассисаҳои тиббӣ бо суръати баланд рушд карданд. Агар соли 1965 дар вилояти Кӯлоб 32 муассисаи тиббӣ мавҷуд бошад, пас соли 1981 шумораи онҳо ба 41 адад расид ва ба ҳар сад нафар шумораи катҳо 94,2 ва 4455 катҳои беморхонаро ташкил медод. Теъдоди бунгоҳҳои тиббӣ аз 33 адад дар соли 1965 ба 60 адад дар соли 1981 ва теъдоди табибони дорои маълумоти олии тиббӣ бошад, ба 679 нафар расид» [136, с.409].

Акнун мо бо боварии том гуфта метавонем, ки пас аз гузашти айём вазъияти водии Кӯлоб ба маротиб беҳтар шудааст. Ноҳияҳои навтаъсис бо колхозу совхозҳои муқтадир симои ин диёрро боз ҳам зеботар кардаанд. Вақте кас дар растаҳои зебои шаҳри Кӯлоб қадам мезанад, аз растаю хиёбонҳои тамиз, гулгаштҳои пур аз гулу гиёҳ ва биноҳои маскунӣ ва ғайримаскунии бо тарҳи зебо сохта шуда роҳат мекунад ва ҳаловат мебарад. Вилояти Кӯлоб ба куллӣ симои худро иваз намуда, ба як макони зебои замонавӣ табдил ёфтааст. Агар имрӯзҳо шумо ба ин макони зебо ташриф биоред, дар ҳайрат мемонед, Кӯлоб имрӯзҳо ба як мегаполис табдил ёфтааст, ки дар он наздики 300 ҳазор аҳолӣ аҳлона кору зиндагӣ мекунанд. Дар маркази шаҳр оромгоҳи орифи маъруфи қарни XV Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ тармим ёфта, хеле зебо шудааст. Дар шаҳр биноҳои баландошёнаи бештар аз 25 табақа қомат афрӯхтаанд, ки ба симои ин шаҳри бостонӣ симои нав зам кардаанд. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ ба як донишгоҳи муътабар ва бонуфузи кишвари азизамон Тоҷикистон соҳибистиқлол табдиёл ёфтааст. Дар шаҳр даҳҳо коргоҳу корхонаҳо фаъолият мекунанд. Шаҳр дорои терминали мусофирбарӣ, фурӯдгоҳи байналмилаӣ ва терминали роҳи оҳан низ мебошад ва имрӯзҳо Кӯлоб боз соҳиби чанд донишгоҳ ва чанд коллеҷу омӯзишгоҳҳои тиббӣ низ шудааст.

Ин ҳама пешравиҳо ва муваффақиятҳои вилояти Кӯлоб реша дар солҳои 30-юм ва 50-уми қарни гузашта дорад. Он вақт падарону

бобоёни мо аҳлона заҳмат кашида мулкҳои бекорхобида ва боирро ба гулистон табдил доданд ва  мо бошем дар навбати хеш кори онҳоро идома дода, онро боз беҳтар гардонидем.

Ҳамин тариқ баъд аз таҳлил ва омӯзиши ҷарёни муҳоҷирот ва тағйиротҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангии онҳо чунин хулоса кардан мумкин аст:

1) Вақте шароити зисту зиндагии мардум беҳтар гардид ин боис шуд, ки мардум ба зиндагӣ ва ҳаёт бо диду тарзи нав чашм андозанд ва аз назараи сиёсӣ низ ин дигаргунӣ боиси дигар шудани вазъ гардид. Яъне ин иқдом, муҳоҷиркунии аҳолии манотиқи кӯҳистони вилояти Кӯлоб ба ноҳияҳои Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ), Фархор, Кӯлоб, Восеъ ва дигар манотиқи ин водӣ ва дигар манотиқи ҷумҳурӣ иқдоми мусбат буда, боиси пешравӣ ва тақвияти имконоти иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ин манотиқ ва аҳолии он гаштааст.

2) Дар воҳидҳои кишоварзии навтаъсис  хонаи маданият, клубҳо, муассисаҳои таълимӣ, стансияҳои барқии обӣ, радиостансияҳо, касалхонаҳо ва бунгоҳҳои тиббӣ, хонаҳои маҳскунӣ ва корхонаҳои калони истеҳсолӣ сохта шуданд, ки омили қонеъ гардонидани талаботи фарҳангии меҳнаткашони деҳот ва суръати баланди рушди баланди иқтисодиёт дар хоҷагиҳо шуд.

3) Масъалаҳои беҳтар кардани вазъи иҷтимоӣ, баланд бардоштани шароити фарҳангӣ,  таъмини моддӣ-техникии хоҷагиҳои муҳоҷирон ва рӯзгори меҳнаткашони вилоят дар қарору конференсиҳои ҳукумат мавриди муҳокима қарор доштанд.

4) Иҷрои ҳамаи корҳо ба маблағҳои пулӣ вобастагӣ дошт. Аз ин рӯ, бо дарки масъулият дар панҷсолаи дувоздаҳум (солҳои 1986-1990) барои сохтани иншоотҳои фарҳангию равашннамоӣ маблағҳои калоне ҷудо карда шуданд.

5) Вақте мо ба асноду мадорики бойгонӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ рӯ меовардем, як нуктаи ҷолиби таваҷҷуҳ ба чашм мехӯрд. Ин нукта он буд,

ки муҳоҷирин дар баъзе авқот ба корҳои ғайр сафарбар карда мешуданд. Ин аъмоли масъулин ва дастандаркорон боиси он мегашт, ки кори пахтакорӣ ба норасоии неруи корӣ мувоҷеҳ гашта, ҳосили мавриди назар ба даст оварда нашавад. Ҳамчунин, саҳлангории масъулин боиси он мешуд, ки нақшаи бунёди манзилҳои маскунӣ барои муҳоҷирон иҷро намешуд ва дар кулл ҳамаи ин иқдомҳо боиси он мешуд, ки соҳаи пахтакорӣ рушди муносиб касб накунад.

6) Фаъолияти фарҳангӣ-маърифатии дар хоҷагиҳои навтаъсиси вилояти Кӯлоб бароиояндаи ташаккули маънавию сиёсии муҳоҷирон аҳамияти калон дошт.

7) Вақте корҳо дар маконҳои муҳоҷирон сурати хуб касб карда ва даромадҳои воҳидҳои кишоварзӣ афзоиш ёфт ин имкон фароҳам овард, ки маблағҳое низ барои хоҷагиҳо ҷиҳати боло бурдани сатҳи маданият ва равшанамоии аҳолии ба ин маконҳо муҳоҷир карда шуда, таъсис дода шавад.

8) Ҳокимияти Шуравӣ диққати аввалиндараҷаи худро ба ташаккули фарҳанг ва рӯзгори муҳоҷирони минтақа равона кард, сарфи назар аз он ки бо рафъи мушкилотҳои дигар мубориза мебурд.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар асоси омӯзиши ҳаматарафаи маводи бойгонии вилояти Хатлон (дар ш. Кӯлоб), бойгонии ноҳияҳои вилоят, Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, адабиёти илмӣ ва монографияҳо, нашриётҳои даврӣ, Бойгонии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хулосаҳои зерин омадем:

- Дар давраи муосир яке аз бартариҳои стратегӣ барои мамлакати мо истифода аз таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ, азхудкунии заминҳои нав, барои интихоби роҳи рушди иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, рушди илму техникаро бо самтҳои муҳимтарини сиёсати давлатӣ, аз қабили баланд бардоштани сифати зиндагии аҳолӣ, ноил шудан ба рушди иқтисодӣ ва таъмини амнияти миллӣ, инчунин омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи таърихии дар соҳаҳои асосии истеҳсоли саноати маҳсулоти кишоварзӣ ҷамъоваришударо дар бар мегирад [3-М].

- Рушду тараққии иноватсионӣ бар пояи татбиқи иқтидори иҷтимоию иқтисодии дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мавҷудбуда, шуъбаҳои истеҳсолӣ ва техникии бадастомада, ки таҷрибаи ҷамъшудаи шуравиро дар маҷмӯъ, дар соҳаи иқтисодӣ ва аз ҷумла дар сохтмони хоҷагии об ва азхудкунии заминҳои навкорам инъикос мекунанд, татбиқ мегарданд [6-М].

- Манбаъҳо ва сарчашмаҳое, ки мо барои омӯзиш ва таҳқиқ боздид намудем, аз он шаҳодат медиҳанд, ки вилояти Кӯлоб дар замони аввали инқилоб як гӯшаи аз назари иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ақибмондае будааст, ки мардумони он дар сахтӣ ва фақру нодорӣ ба сар мебурданд ва истиқрори Ҳукумати ҷадид ва татбиқ барномаҳои калонҳаҷме аз қабил муҳоҷиркунӣ ва шодобсозии заминҳои бекорхобида ба тану ҷони вилояти ҷони нав ва неруи тоаза бахшида аст, боиси болоравии вазъи иҷтимоиву иқтисодии минтақа гардидааст [7-М].

- Бар асари тадбирҳое, ки Ҳукумат дар маҳалҳо ва бавежа Ҳукумати марказӣ ба кор гирифт, дар вилояти Кӯлоб солҳои 50-уми

қарни XX дигаргуниҳои азиме ба амал омад соҳаи кишоварзии вилоят яку якбора рӯ ба амал ниҳод ва кишоварзони вилоят аз заминҳои навкорам ҳосили фаровон ба даст овearданд ва вилоят ба як пойгоҳи азими маводи хоми кишоварзӣ табдил ёфт. Солҳои минбаъда бошад, пас аз роҳандозии шабакаҳои обрасонӣ вазъ ба маротиб беҳтар шуда, кишоварзон ба дастовардҳои калон ноил шуданд. [3-М], [4-М], [5-М].

- Дар давраи муайян бо афзоиши аҳолӣ, рушди босуръати истеҳсолоти кишоварзӣ дар ҷумҳурӣ ва вилояти Кӯлоб тамоми сохторҳои саноати сабук ва хӯрокворӣ сохта шуд. Дар робита ба ин, соҳаи кишоварзӣ, дар асоси коркарди пайдарпайи пахта, инчунин таъмини пахтакорӣ бо воситаҳои истеҳсолот аҳамияти махсус доштанд [3-М], [7-М].

- Дар шароити ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон дар давраи омӯзишӣ маҷмааи истеҳсолӣ-соҳавии боғу токпарварӣ аҳамияти калон пайдо кард, зеро заминаи моддию техникӣ барои ин шароити мусоид фароҳам оварданд [5-М], [6-М].

- Бояд қайд кард, ки мақсади асосии барномаҳои сармоягузории ин навоҳӣ таъмини шаклҳои васеътари рушди истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавассути ташкили сохторҳои пуриқудрати хоҷагии об барои корҳои самараноки обёрӣ ва мелиоративӣ ва ҷалби заминҳои навкорам ва сарватҳои табиӣ ба гардиши хоҷагидорӣ буд. Муҳоҷиркунии аҳолии минтақаҳои кӯҳии мамлакат ба хотири ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани ҳаҷми калони заминҳои бекорхобида ва ба корҳои саҳроӣ ва дигар корҳои ҳамсафари он ҷалб намудани аҳолии бекори манотиқи кӯҳистон буд, ки дар натиҷаи ин иқдоми куллӣ ин корҳо ба наҳви аҳсан иҷро гардида ҳадаф ва мақсадҳои дар пеш гузошта шуда иҷро гардиданд. Кишоварзӣ дар ҷумҳурии мо ба хотири иқлими гарму муътадил ва обҳои ширини мусаффо соҳаи асосӣ буд ва хоҳад монд. Мутобиқ ба оморҳои расмӣ бештар аз 75 фоизи сокинони мамлакат дар қишлоқҷойҳо зиндагӣ мекунанд ва табъан ба корҳои кишоварзӣ машғул

мешаванд. Мо хуб медонем, ки бархе аз сокинони деҳот барои пайдо кардани ризқу рӯзии хеш ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия ва дигар кишварҳо сафар мекунанд, аммо ҳамин категорияи аҳолӣ вақте ба Ватан барои аёдати хонаводаи хеш бармегарданд, дар вақти холии хеш ба корҳои саҳро, яъне кишоварзӣ машғул мешаванд ва вақте корҳои кишоварзиро ба итмом расониданд, ба муҳоҷирати меҳнатӣ мебароянд. Кишоварзӣ пешаи аслӣ ва асосии аҷдодии мо мебошад. Мо таърихан кишоварзем ва кишоварзони моҳир низ ҳастем. Ин боду ҳаво ба ин пеша ба мо мусоидат мекунад ва мо ин шуғлро хеле ва хеле дӯст медорем. Аз ин рӯ, дар кишвари мо яке аз соҳаҳои асосии таъмини аҳолӣ ба ҷойи кор соҳаи кишоварзӣ боқӣ мемонад. Дуруст аст, ки мо стратегияи чоруми мамлакати хеш саноатикунонии босуръатро қабул кардаем ва корҳо дар ин самт рафта истодаанд, аммо кишоварзӣ дар ҳар сурат ба унвони соҳаи асосии ҷалби мардум ба кор боқӣ мемонад [4-М], [7-М], [12-М], [14-М].

- Иқдоми пешгирифтаи ҳокимони давр дар заминаи муҳоҷиркунии аҳолӣ аз манотиқи кӯҳистон ба водиҳо ва бунёди воҳидҳои кишоварзии ҷадид ва МТС-ҳо ба кормандон ва мутахассисони варзида ниёз дошт [18-М].

- Муҳоҷирати аҳолии ноҳияҳои камзамин ва наздикуҳии вилояти Кӯлоб ба мавзеъҳои водии минтақа, баҳри азхудкунии заминҳои навкорам бо муваффақиятҳои назаррас амалӣ гардид [18-М].

- Таҳлили таърихшиносии таҷрибаи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоби ҶШС Тоҷикистон шомили солҳои 1924 -1991 ба диссертант дар интихоби мушкилоти таҳқиқнашуда дар тадқиқоти илмии худ кӯмак кард. Ҳамчунин саҳми олимон дар таъсиси ноҳияҳои навкорами пахтакор, ташкилёбии колхозу совхозҳои навкорам, рушди сохтмони иншооти хоҷагии об ва азхудкунии заминҳои навкорами Тоҷикистон низ бузург аст [6-М], [7-М], [8-М], [14-М].

- Омӯзишу таҳқиқи роҷеъ ба таҷрибаи таърихии муҳоҷиркунӣ ва

азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб солҳои 1924-1991, сохтмони иншооти гидротехникӣ имкон дод, ки хулосаҳои эътимоднок бароварда шаванд [4-М], [6-М], [10-М], [17-М].

- Таҳқиқоти мо нишон дод, ки солҳои 1924 ва 1953 давраи аввали муҳоҷирати аҳолӣ ба водии Кӯлоб ва обёрии заминҳои навкорами минтақаҳои Фархор ва ноҳияи Москва (ҳоло н. Ҳамадонӣ) мебошад [16-М].

- Ҳокимияти шуравӣ барои амалӣ гардонидани сиёсати муҳоҷирати аҳолӣ, барқарор кардани объектҳои хоҷагии обии ҷумҳурӣ чораҳои қатъӣ меандешид. Чун ниёз ба афзун намудани маҳсулоти кишоварзӣ пеш омада буд, аз ин рӯ, ҳокимони вақт тасмим гирифтанд, ки заминҳои кишоварзиро аз ҳисоби заминҳои бекорхобида ва туғайзорҳо ва ботлоққо тавассути хушконидани онҳо зиёд кунанд. Ҳамчунин дар ин вақт барои анҷоми ин корҳо қувваи корӣ низ лозим буд ва давлатмардон камбудии неруи кориро аз ҳисоби муҳоҷир кардани аҳолӣ ба заминҳои навкорам бартараф мекарданд. Аз ин рӯ, тадбирҳои ба кор гирифта шуда, боиси он шуд, ки дар солҳои 30-юми қарни XX теъдоди зиёди аҳолӣ ба водии Кӯлоб муҳоҷир карда шуда, заминҳои зиёди навкорам обёрӣ карда шуданд. [9-М], [11-М], [12-М], [13-М], [15-М].

- Бояд қайд намуд, ки пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ҳукумат чорабиниҳоро оид ба ошкор кардани тамоюлҳои асосии таҷрибаи муҳоҷиркунӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 1924-1941, яъне дар минтақаи тадқиқшаванда қисман гузаронид [4-М], [6-М].

- Дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ (солҳои 1941-1945) ба иллати ҷанг масъалаи муҳоҷиркунӣ ва обёрии заминҳои боир мутавaққиф шуд. Аз ин рӯ, майдони заминҳои навкорам коҳиш ёфт [18-М].

- Дар маҷмӯъ, вилояти Кӯлоб солҳои душвори ташаккул ва рушди кишоварзиро аз сар мегузаронд, ки дар он истисмор, босмачигарӣ ва

бесаводии аграрӣ ҳукмрон буд. Роҳандозии воҳидҳои нави корӣ аз ҳисоби онҳое, ки ба заминҳои нав кӯчонида шуда буданд, барои истиқрори ҳукумати ҷадид ва пешравии он мусоидат намуд. Муҳоҷиркунӣ дар шароити барои давлати мо хеле мураккаб ва вазнин амалӣ карда шуда, инчунин заминҳои зиёде ба гардиши кишоварзӣ ворид карда шуданд. Ҳамчунин иншоотҳои бузурги обрасонӣ низ роҳандозӣ карда шуданд, ки онҳо имкон доданд майдонҳои хеле зиёде обёрӣ карда шаванд. Ин ҳама иқдомҳо боиси афзоиши истеҳсолоти маҳсулоти хоҷагии қишлоқ гашта ва ҳамзамон ба боло рафтани сатҳу сифати зиндагии одамон кӯмак расонид [4-М], [7-М], [14-М].

- Бояд қайд кард, ки давраи дуюм бо қабули қарори Пленуми сентябри (1953) КМ ҲКИШ оғоз меёбад ва то солҳои 80-ум идома ёфт. Дар ин ҷо муҳоҷирати аҳолӣ, роҳи асосии рушди сохтмони обёрӣ ва азхудкунии заминҳои нав бо давраи пурзӯршавии кишоварзӣ, яъне ҳангоми истифодаи дастовардҳои пешрафти илмӣ-техникӣ мувофиқат мекунад [5-М], [8-М], [17-М],

- Муҳоҷирати кишоварзӣ, сохтмони хурди обёрӣ барои зиёд кардани майдони заминҳои кишт, ки аз ҷониби ҳукумати ҷумҳурӣ ташкил карда шуда буд, аҳаммияти калон дошт. Дар вилояти Кӯлоб бо меҳнати бевоситаи муҳоҷирон каналҳои обёрии кӯҳна аз нав сохта ва васеъ карда шуданд. [5-М], [10-М].

- Иҷлосияи КМ ҲКИШ (марти соли 1965) қарорҳоеро вазъ намуд, ки дар маҷмуъ барои онҳое, ки аз манотиқи кӯҳистон ва дигар мавзеъҳо ба водиҳои Тоҷикистон муҳоҷир карда шуда буданд шароити онҳоро ба маротиб беҳтар намуд. Акнун мутобиқи ин қарорҳо муҳоҷирон шомили имтиёзҳои хеле калон мешуданд ва дар ҷойи зисти нави хеш зудтар мутобиқ шуда ба фаъолияти корӣ оғоз мекарданд. Инчунин, дар маҳаллаҳо барои боло бурдани савияи дониши сокинони ба ин ҷойҳо муҳоҷир карда шуда ва ба корҳои кишоварзӣ ҷалб намудани онҳо курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзиши техникаи кишоварзӣ

роҳандозӣ карда мешуданд. Дар як давраи хеле кӯтоҳмуддат теъдоди хеле зиёди сокинони маҳаллаҳои тозабунёд аз ин курсҳои омӯзишӣ гузашта, соҳиби касбҳои барои хоҷагии қишлоқ зарурӣ шуданд. Ҳамеша вақте қарору барномаҳое, ки пуштивонаи илмӣ ва молиявӣ доранд, мунҷар ба натоиҷи самаранок мегарданд. Дар мавриди мо чунин буд. Қарорҳои ҳизбӣ бар пояи омӯзишҳои амиқи илмӣ ва пуштивонаҳои вазнини молиявӣ роҳандозӣ карда мешуданд. Дар кулл дар Иттиҳоди Шуравӣ ба як нукта зиёд таваҷҷуҳ мекарданд, ки қабл аз пиёда намудани ин ё он қарор ва иҷрои он омӯзишҳои васеи ҳамаҷониба доир карда мешуд ва сипас бар асоси он омӯзишҳо тасмимҳо итхоб мегардид. Аз ин рӯ, аксари корҳои ҳангуфте, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ анҷом дода шуданд, аз қабили коллективизатсия, заминҳои навкорам, ихтирои бомбаи ҳастаӣ ва амсоли инҳо мунҷар ба муваффақият буданд [5-М].

- Муҳоҷирон натанҳо аз манотиқи кӯҳистони вилояти Кӯлоб, балки аз дигар гӯшаю канорҳои ватани паҳноварамон, яъне дар он вақт Иттиҳоди Шуравӣ ба минтақаи мавриди таҳқиқи мо оварда шуда буданд. Инчунин, дар ин маконҳо дар канори муҳоҷир кардани аҳолӣ боз иншоотҳои гидромелиоративӣ низ бунёд карда шуданд, ки онҳо барои тавсеаи заминҳои кишоварзӣ кӯмак карданд. Яъне идораи обу корез дар вилояти Кӯлоб ба як сохтори муқтадир табдил ёфта буд [5-М], [8-М], [14-М].

- Таҳлили кори сохтмони обанборҳо ва истифодаи оби ҷамъшуда барои эҳтиёҷоти хоҷагии халқ бо рушди гидроэнергетика алоқаманд буд. Дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар охири солҳои 50-ум ва аввали солҳои 60-ум бо қувваи бевоситаи муҳоҷирон барои обёрии ҳазорҳо гектар заминҳои кӯҳна ва навтаъсис обанборҳои Муъминобод ва Селбур сохта шуданд. Дар солҳои 60-70-ум обанбори Норак сохта шуд [7-М], [8-М], [10-М].

- Дар давраи тадқиқшаванда дар заминҳои шӯраю бекорхобида ноҳияҳои нави пахтакорӣ пайдо шуданд, ба мисли ноҳияҳои навтаъсиси Ҷӯбек,

Фархор, Восеъ. Рӯдхонаҳои Вахш ва Панҷ рӯдхонаҳое мебошанд, ки дар масири онҳо корхонаҳои гидротехникӣ бунёд карда шуда, тавассути онҳо заминҳои зиёди навкораме дар ин манотиқ обёрӣ карда шуданд [4-М], [5-М], [7-М].

- Иқдомҳое аз қабили муҳоҷиркунӣ ҳадафҳои хеле бузургеро пайгирӣ мекарданд, яъне бо кӯчонидани аҳолӣ ба водиҳо масъулин ва ҳокимони вақт ният доштанд барномаҳои дарозмуддат ва калонеро аз қабили тавсеаи заминҳои кишоварзӣ ва боло бурдани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ҳаллу фасл намоянд, ки натиҷатан ҳам ҳамин тавр шуд. Тавсеаи корҳои гидромелиоративӣ дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб, муҳоҷиркунонӣ, азхудкунии заминҳои нав, бунёди неругоҳҳои барқи обии пурқувват - ҳамаи ин ҳалли тадриҷии вазифаҳои ба нақша гирифтаи ҳукумат оид ба рушди иқтисодиёт ва фарҳанги Тоҷикистон дар ин давра буд [4-М], [7-М], [19-М].

- Рушди баланди иқтисодиёти кишвар дар солҳои 50-80 – ум ба рушди сохтмони обёрӣ ва азхудкунии комплексии заминҳои нав дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб мусоидат кард, ки дар навбати худ ба татбиқи чораҳо оид ба баланд бардоштани фарҳанги кишоварзии муҳоҷирон ва беҳтар кардани ҳолати мелиоративии заминҳои нав ва кӯҳна мусоидат кард [3-М], [7-М], [17-М].

- Таҳлили раванди рушди кишоварзии ноҳияҳои вилояти Кӯлоб дар давраи омӯзишӣ нишон медиҳад, ки дар такони назарраси густариши майдонҳои кишт корҳои обёрӣ-мелиоративӣ ва азхудкунии заминҳои навкорам саҳми муҳоҷирон буданд [4-М], [7-М].

- Солҳои 70-уми қарни гузашта дар водии Кӯлоб барои аз худ кардани заминҳои нав корҳои азиме дар дарёи Ёхсу гузаронида шуд. [9-М].

- Баррасӣ ва омӯзиши таърихи кӯчонидани аҳолии манотиқи кӯҳистон, шодобсозии заминҳои боир ва ботлоқу туғайзорҳо дар вилояти Кӯлоб нишон дод, ки ҳанӯз ҳам як идда аз мушкилоти заминсозӣ ва шодобсозии заминҳои боир ва бекорхобида то ба ҳол ҳаллу фасл нашудаанд ва тоза мушкилоти наверо эҷод кардаанд. Дар ҳамин ҷо як нуктаро ёдовар шудан айни муддаост,

ки дар ин шабу рӯзҳо низ ин масъалаҳо ҳаллу фасли комили худро наёфтаанд. Гап дар сари он ки заминҳои Тоҷикистон дар баъзе аз манотиқи он зуд-зуд ба ботлоқзорҳо табил меёбанд, агар аз онҳо нигоҳубини дуруст сурат нагирад ва заҳбуру заҳкашҳо сари вақт тоза карда нашаванд. Ба хотири он ки як қисмати ҳудуди ин ноҳия аз сатҳи дарё то 14 метр пасттар мебошад. Аз ин рӯ, шӯршавӣ ва ботлоқшавии ин заминҳо ҳанӯз ҳам идома дорад.

Фақат чанд нуктаро перомуни шароити ҳозира зикр карда, сипас ба асли матлаби хеш бармегардем. Гап дар сари он ки пас аз мунҳал шудани Иттиҳоди Шуравӣ ва ба гирдоби ҷангҳои дохилӣ ва таҳмилӣ кашида шудани Тоҷикистон тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи ҷумҳурӣ ба бухрони шадид рӯ ба рӯ шуданд. Яъне имрӯз мо бо такя ба он чизе, ки аз он замон ба мо мерос монда буд ва дар харобаҳои ҷанги таҳмилӣ иқтисоди навини Тоҷикистони соҳибистиқлолро сохта истодаем ва метавон гуфт, ки бухрони шадиди онро паси сар карда ба марҳалаи рушду амалӣ расидаем. Аммо дар соҳаи кишоварзӣ ҳанӯз ҳам мо мушкилоти зиёд дорем ва дар роҳи ҳаллу фасли онҳо қарор дорем. Воқеан дар ин шабу рӯзҳо роҳандозии бисёре аз масоил кори сахту сангин аст, чунки имрӯзҳо кишвари мо фақат ба неру ва тавоноии хеш такя мекунад ва ҳеҷ гуна марказе дигар вуҷуд надорад, ки ба кӯмаки мо биояд. Вале имрӯз бо итминон метавон гуфт, ки бо такя ба хиради азалӣ ва фарҳангу таърихи бойю амиқи миллат ва инчунин фарзонафарзандони миллат, ки имрӯзҳо зимоми Ҳукумати мамлакати моро дар даст доранд ва шабу рӯз дар ин масир заҳмат мекашанд мо нуқтаҳои баландтарини тамоми бухронҳоро паси сар карда, ба нуқтаи рушду нумуъ ва амалӣ расидаем. Ва тайи ин муддат синфи ҷадиди соҳибкорон ва ашхоси корчалоне тарбия карда шуданд, ки бо диду нигоҳи тоза ба кор назар меандозанд ва воқеан боиси ҷойи кории амиқ дар кишвар гардида солиёна теъдоди зиёди ҷойҳои кориро эҷод карда шаҳрвандони Ватани азизамонро бо кор таъмин мекунанд ва аз ин роҳ сатҳу сифати зиндагии онҳоро боло бардошта, иқтисоди Ватани азизамонро ба худкифоӣ мерасонанд. Дар ин амр низому интизом хеле муҳим аст, ки онро дар кору пайкори ҳаррӯзаи аҳолии Ватани азизамон

Тоҷикистони соҳибистиқлол бармало мушоҳида мекунем. Мо ин ҷо овардани суханони овозадори Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро айни муддао меҳисобем, ки эшон дар яке аз мулоқотҳои хеш баён дошта буданд: «Тоҷикистон ба пеш!». Ин суханони воқеан таърихии Пешвои миллат шиори ҳамаи мо тоҷикистониён гардидааст.

Акнун пас аз руҷуе, ки ба назари инҷониб барои дарку фаҳми дурусти масоил ва таҳлилу ғаври он хеле кӯмак мекунад, ба асли матлаб ва мавзуи хеш баргашта онро дунболагирӣ мекунем.

Дар поёни кор бо такя ба он ковишҳо ва омӯзишҳое, ки анҷом додем, инҷониб чанд тавсияеро ироа хоҳем кард, ки ба андешаи мо барои муҳаққиқини дигар ва умуман масъулин ҷиҳати обёрии манотиқ ва рафъи мушкиле аз қабили нарасидани оби ошомиданӣ ва обҳои полезӣ муфид ва саривақтӣ мебошад.

Яъне то ҳанӯз дар манотиқе, ки инҷониб ба риштаи таҳқиқ кашидаем, заминҳои боири аз гардиши кишоварзӣ берунмонда боқӣ мондааст ва он заминҳо мунтазири шодобсозӣ мебошанд [6-М], [7-М], [10-М].

**2. Тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳо:**

1. Анҷом додани корҳои тадқиқотӣ ҷиҳати ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои бекорхобидаи вилоят ва тавсеи майдони заминҳои обёришаванда ва аз ин маҳал ҷалби ҳар чи бештари одамон ба корҳои фоиданоки кишоварзӣ ва монанди инҳо.
2. Таҳияи нақшаи ояндадори муҳоҷират барои азхудкунии заминҳои бекорхобида ва навкорам барои ҷойгиркунии захираҳои меҳнатӣ.
3. Истифодаи оқилонаи фонди замини вилоят ва зимни корҳои кишоварзӣ истифода аз равишҳои ҷадиди кишоварзӣ ҷиҳати ба даст овардани ҳосили фарвон бо масрафи ками об ва нуриҳои минералӣ.
4. Кадрҳо тамоми масоилро ҳаллу фасл мекунанд. Аз ин рӯ, масъалаи омода намудани мутахассисони маҳаллӣ масъалаи ҳодест, ки боястӣ сариъ ҳаллу фасл карда шавад. Имрӯзҳо кишоварзӣ низ технологиязатсияи баландро

талаб мекунад. Технологияҳои рақамӣ ба таври васеъ дар соҳаи кишоварзӣ истифода шуда истодаанд ва мо низ набояд аз ин раванд дар канор бимонем.

5. Ҷиҳати рафъи мушкилоте, ки дар соҳаи кишоварзӣ мавҷуд буд, Ҳукумати ҷумҳурӣ дар якҷоягӣ бо донандагон ва коршиносони ин соҳа ва олимони ин ришта барномаи мушаххас ва барқарсозии тамоми хоҷагиҳои мамлакатро таҳия ва пешниҳод намуданд, ин барномаҳо шомили тадбирҳои амиқ дар роҳи бартарафсозии мушкилот ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии манотиқи тозатаъсис буд.

6. Ҷалби сармояи хориҷӣ ҷиҳати равнақи тоза бахшидан ба корҳои кишоварзӣ ва ҳосили мавриди ниёз ба даст овардан аз заминҳои обӣ ва монанди инҳо ва дар ин замина бознигарии кулли сиёсати аграрӣ дар ҷумҳурӣ ҷиҳати истифодаи самараноки фонди замини ҷумҳурӣ ва дар ин замин роҳандозии истеҳсолоти рақобатпазир дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва бавежа кишварҳои ҳамзабону ҳамкеш.

7. Тавсеаи заминҳои кишоварзӣ аз маҳалли ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои киштбобе, ки ба далоили мухталиф аз гардиши кишоварзӣ хориҷ шудаанд. Инчунин тавсеаи заминҳои кишоварзии обӣ аз ҳисоби талу тепаҳо тавассути тахту ҳамвор намудани онҳо ва обёрии он заминҳо тавассути лулаҳои плостикӣ.

8. Дар шароити феълӣ, ки дар сайёраи Замин ҳаҷми обҳои ошомидани коҳиш ёфта истодаанд, оқилона истифода намудани об ва истифодаи самараноки обҳои ҷорӣ ва ҳифзи пиряххои дохили мамлакат ва роҳандозии аксияҳои мухталиф дар робита ба ҳифзи пиряххо ба унвони сарчашмаи аслии обҳои ошомиданӣ: «Тоҷикистон – кишвари обҳои мусаффо», «Пиряххоро ҳифз мекунем» ва монанди инҳо.

9. Ҷиҳати пешгирӣ аз муҳоҷирати аҳолии вилоят ба Федератсияи Россия таҳияи барномаи ҳадафмандонаи таъмини аҳолӣ ба ҷойи кор ва ба гардиши кишоварзӣ ворид кардани заминҳои бекорхобидаи собиқ вилояти Кӯлоб. Ба таври оҷилан ҳаллу фасл намудани проблемаҳои ҷавонон аз қабили таъмин ба кор ва манзили истиқоматӣ ва дигар шароитҳои зиндагии шоиста.

10. Агар мо бихоҳем сатҳу сифати зиндагии аҳолии мамлакатамонро баланд бардорем, бояд қабл аз ҳама перомуни деҳот ва аҳолии он фикр кунем. Аз замин, обу хок, боду ҳаво ва дигар сарвату неъматҳои ватанамон ба таври дурст ва сарфакорона истифода кунем. Барои ҳар давлате боигарии аслии он миллаташ мебошад, ки онро ҳифз ва зиёд кунем ва бо ҳам муттаҳид бошем. Он вақт мо тамоми аҳдофи дар пеши худ гузоштаро сарбаландона иҷро мекунем.

Хулласи калом, пас аз баррасӣ ва омӯзиши сарчашмаҳои зиёд ба чунин натиҷа расидем, ки он дигаргуниҳои зиёде, ки дар водиии Кӯлоб ба вуқуъ пайвастанд, боиси он шуданд, ки ин минтақа симои комилан дигаре барои худ касб кунад. Сарфи назар аз он ки дар солҳои 90-уми қарни ХХ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ дар ин минтақаҳо вазъи зиндагии мардум яку якбор паст шуда бошад ҳам, аммо он корҳои бунёдие, ки дар тули қарни ХХ тавассути мутахассисони маҳаллӣ ва мутахассисони аз марказ омад анҷом дода шуда буданд, бо такя ба он корҳои бунёдӣ ба таври хеле сариъ ин минтақаҳоро боз ба маконҳои зархез табдил дод. Ва имрӯзҳо ин корҳо дар ин манотиқ бо маром идома дорад. Ва мардум аз заминҳои ин манотиқ ҳосили хубу фаровони кишоварзӣ ба даст оварда истодаанд.

Ин нишондодҳо баёнгари он мебошанд, ки кишоварзӣ дар мамлакати мо нақши бузург дошта, технологизатсия он ва истифодаи дастовардҳои пешрафтатарин дар соҳаи кишоварзӣ ва тухмипарварӣ ва интеллекти сунъи мақдур ба боло рафтани ҳосилнокии маҳсулоти кишоварзӣ гашта, саҳми мамлакати моро дар таъмини амнияти озуқаворӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ба маротиб боло мебарад.

Аз ин раҳоворд яке аз ҳадафҳои стратегии мамлакати мо таъмини амнияти озуқаворӣ амалӣ мегардад. Бояд зикр кард, ки яке аз масъалаҳои умдаи дунё ин таъмини амнияти озуқаворӣ мебошад. Мо хуб медонем, ки тайи се даҳсолаи охир дар дунё хушксолӣ ва обхезиҳои зиёде ба амал омаданд, ки ба ҷону моли мардум зарарҳои ҳангуфте ворид карданд. Аз ин рӯ, омӯзиши таҷрибаи гузаштагон дар масири боло бурдани ҳаҷми истеҳсоли

маҳсулоти кишоварзӣ барои мо дар шароити феълӣ хеле муфид мебошад. Тағйири иқлим ва дигаргуниҳои ичтимоию сиёсӣ дар дунё моро водор мекунанд, ки аз дирӯза бештар меҳнат кунем ва ҳар чи бештар ҳисобгаро ва мухтот бошем ва дар масири давлатдорӣ аз усулҳои навин ва санчида мавриди истифода қарор диҳем то ба сарманзили мақсуд дар масири ҳаракати хеш бирасем.

Дар ҳамин чо як нуктаро мехостем таъкид кунем, ки моро лозим аст, ки ба таърих на ба илм дар бораи гузашта назар андозем, балки ба таърих мо бояд ба илм дар бораи имрӯз ва фардо назар андозем, он вақт мо дар масири пажӯҳишҳои хеш муваффақ мешавем.

Мавзуи мазкур ва омӯзиши онро мо идома додем баъзе аз паҳлуҳое, ки зимни таҳқиқ рӯ заданд, онҳоро дар таҳқиқҳои баъдии хеш идома хоҳем дод.

## РӮЙХАТИ САРЧАШМА ВА АДАБИЁТ:

### I. Маводи бойгонӣ:

1. Бойгонии давлатии вилояти Хатлон дар ш. Кӯлоб (БДВХ дар ш. Кӯлоб). // Ф.1566. – Р.1. – П.107. – В.12.
2. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.12 – Р.2. – П.14. – В.23.
3. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.124. – Р.1. – П.2. – В.10. // Докладные записки райуполномоченных по вопросам переселения колхозников // Отчет по благоустройству целинников
4. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.221. – Р.1. – П.29. – В.13-15. // Отчеты по обеспечение сельскохозяйственной техники.
5. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.226. – Р.2. – П.9. – В.15- 17. // Годовой отчет по подготовке специалистов.
6. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.229. – Р.1. – П.29. – В.21-23. // Приказы по основной деятельности
7. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.229. – Р.2. – П.23. – В.17,34,39,40. // Приказы по основной деятельности
8. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.229. – Р.2. – П.8. – В.41-42. // Приказы по основной деятельности
9. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.253. – Р.1. – П.14. – В.2. // Ҳисобот солонаи колхози Молотови н. Даштиҷум барои соли 1953.
10. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.7. – Р.1. – П.118. – В.17.
11. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.7. – Р.1. – П.12. – В.8.
12. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.7. – Р.2. – П.17. – В.10.
13. БДВХ дар ш. Кӯлоб. – Ф.7. – Р.3. – П.21. – В.16.
14. Бойгонии давлатии таърихи навини Ҷумҳурии Тоҷикистон (БДТН ҶТ). // Ф.1. – Р.1. – П.118. – В.41.
15. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.1. – П.60. – В.46.
16. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.111. – П.42. – В.14.
17. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.3. – П.1187. – В.16. // О ходе переселенческой кампании. Решение Пленума ЦК КП(б) Таджикистана, 20 февраля 1947 г.
18. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.3. – П.1187. – В.16. // Об укрупнении переселенческих хозяйств. Решение Пленума ЦК КП(б) Таджикистана, 1951 г.
19. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.5. – П.19. – В.45. // О ходе переселенческой кампании. Заседании Центрального посевного комитета НКЗ Таджикской ССР, 1 апреля 1928 г.
20. БДТН ҶТ. – Ф.3. – Р.5. – П.420. – В.26. // О ходе переселенческой кампании. Заседании Центрального посевного комитета НКЗ Таджикской ССР.

21. Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (БМД ҶТ). // Ф.1566. – Р.1. – П.125. – В.2
22. БМД ҶТ. – Ф.1566. – Р.1. – П.135. – В.2. // Қарори Комиҷроияи Шурои депутатҳои халқии н. Фархор аз 25.10.1953 №151, оиди тафтиши вазъи иҷтимоии муҳоҷирон солҳои 1953-1954 дар колхозҳои н. Фархор.
23. БМД ҶТ. – Ф.1566. – Р.1. – П.152. – В.88.
24. БМД ҶТ. – Ф.1566. – Р.1. – П.193. – В.342.
25. БМД ҶТ. – Ф.1566. – Р.1. – П.215. – В.141.
26. БМД ҶТ. – Ф.1566. – Р.1. – П.237. – В.4. // Қарори Комиҷроияи Шурои депутатҳои халқии н. Фархор аз 27.12.1959 №252, оиди тафтиши вазъи иҷтимоии муҳоҷирон солҳои 1958-1959 дар колхозҳои н. Фархор.
